ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 343.23(575,3)+343,9

ТКБ: 67,408(2Т)+67,51

С – 20

**САИДЗОДА АБДУЛМАҶИД МУМИНҶОН**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МОЛУ МУЛКӢ БО РОҲИ ФИРЕБ Ё СӮИИСТИФОДАИ БОВАРӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**НАЗАРОВ А.Қ.**

**ДУШАНБЕ – 2024**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**.....3-4

**МУҚАДДИМА**.....5-22

**БОБИ 1. ТАШАККУЛ, РУШД ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МОЛУ МУЛКӢ БО РОҲИ ФИРЕБ Ё СӮИИСТИФОДАИ БОВАРӢ**.....23-68

1.1. Ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.....23-43

1.2. Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.....43-68

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МОЛУ МУЛКӢ БО РОҲИ ФИРЕБ Ё СӮИИСТИФОДАИ БОВАРӢ**.......69-161

2.1. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмети расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.....69-96

2.2. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тарафи объективии расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.....96-124

2.3. Аломатҳои субъективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.....124-144

2.4. Аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.....144-161

**ХУЛОСА**.....162-168

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**.....169-171

**Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)**.....172-193

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**.....194-196

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶМШС** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**РССФР (РСФСР)** – Республикаи Советии Сотсиалистии Федеративии Россия

**КМИУ (ВЦИК)** – Кумитаи Марказии Иҷроияи Умумироссиягӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**СО ҶТ** – Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**КГ ҶТ** – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ИДМ** – Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ

**КО ҶТ** – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ Арманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон

**КҶ Беларус** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус

**КҶ Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Латвия** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия

**КҶ Литва** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва

**КҶ Туркманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон

**КҶ Украина** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶШС** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**НММ ШҲТҶ ШВКД** – Нозири минтақавии милитсияи Шуъбачаи ҳифзи

тартиботи ҷамъиятии Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**с.** – сол

**б.** – банд

**ғ.** – ғайра

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ислоҳоти асосие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, ба таҷдиди низоми сиёсӣ алоқаманд буда, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби кишвари мо сурат гирифт. Азнавсозии низоми сиёсӣ боиси дигаргуниҳои бисёр соҳаҳои ҳаёти аҳолӣ гардид, ки яке аз ин соҳаи муносибатҳои моликият ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон аз сиёсати басташавӣ даст кашида, дар ҳама самт ба сиёсати дарҳои боз гузашт. Қонунгузории муосир кафолати фаъолияти озоди иқтисодиро фароҳам овард. Ҳамаи ин аз инкишофи ҷамъияти нав дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Аммо ҳар як тағйироти мушаххас оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ дорад. Оқибатҳои ин ислоҳот дар он зоҳир мешаванд, ки бо дарназардошти зиёд шудани моликияти хусусӣ дар ҷомеа ҷиноятҳои зидди моликият хеле зиёд шудаанд. Мавзуи ҷавобгарии ҷиноӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар заминаи ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Нақши моликият дар ҷамъият аз он иборат аст, ки моликият воситаи самарабахштарин ва кафолатноки амалӣ гардондани манфиатҳои иқтисодии инсон, ҷамъият дар соҳаи истеҳсолот ва қонеъ гардондани талаботи истеъмолкунандагон мебошад. Моликият ба шахсоне, ки ба онҳо тааллуқ дорад, бар объектҳои моликият бартарии иқтисодӣ ва муносибатҳоеро, ки аз муомилоти мадании ин объектҳо бармеоянд, таъмин менамояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пешрафти иқтисоди рақамӣ ин навъ ҷиноятҳо хусусияти байналмилалӣ пайдо мекунанд. Танзими муассир ва ҷавобгари ҷиноятӣ дар ин самт талошҳои муштаракро дар сатҳи ҷаҳонӣ тақозо медиҳад.

Аҳаммияти неъмати мазкур чунон бузург ва арзишманд дониста шудааст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим донистааст, ки онро ба ҳайси ҳуқуқ ва озодиҳои муҳимми инсон дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон соли 1948 изҳор намояд: «Ҳар як инсон ҳақ дорад, молу мулкро чи шахсӣ ва чи якҷоя бо дигарон ихтиёрдорӣ намояд. Ҳеҷ кас набояд аз молу мулки худ худсарона маҳрум карда

шавад» (м. 17)[1]. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳуқуқ чунин баён шудааст: «Ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳрум кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад»[2] (м. 32).

Ҳанӯз соли 2018 Сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни паёми расмӣ ба Парлумони кишвар аҳаммияти дарки вазифаҳои бар зиммаашон гузоштташударо дар ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният ва таъмини бехатарии аҳолӣ зикр карда буданд[3].

Вобаста ба ин, бояд зикр кард, ки ҷиноятҳои марбут ба қаллобӣ ва сӯиистифода аз боварӣ таъсири зиёди иқтисодӣ доранд. Онҳо метавонанд ба ҳисороти молии шаҳрвандон, корхонаҳо ва давлат оварда расонанд ва зарурати пурзӯр кардани ҷазои ҷиноятиро барои чунин амалҳо таъкид карданд. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои қаллобӣ ва сӯиистифода аз боварӣ ба нигоҳ доштани эътимоди мардум ба ниҳоди адолати судӣ мусоидат мекунад. Ин барои нигоҳ доштани субот ва фаъолияти муътадили ҷомеа муҳим аст.

Дар сатҳи конститутсионӣ таҳкими ҳуқуқи моликият ба ташаккул ва рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ дар кишвар, махсусан иқтисоди бозорӣ, ки ба озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ асос ёфтааст, мусоидат намояд. Бинобар ин, зарурати ҳифзи муқаррарот ва арзишҳои конститутсионӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба миён омад, яъне ин тоифа ҳамчун неъмати ҷудонашавандаи инсонӣ эътироф карда мешавад, ки таҳти ҳимояи мустақим қарор дорад. Ин ҷиҳат ҷанбаи мусбати қонунгузории ҷиноятии кишварро нишон медиҳад.

---

[1] Моддаи 17-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 // Махзани мутамаркази иттилоотӣҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи муроҷиат: 01.04.2023).
[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.
[3]Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2018, шаҳри Душанбе [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/194 (санаи муроҷиат: 01.04.2023).

Омӯзиши мушкилоти таҷовуз ба моликият дар маҷмуъ ва махсусан моликияти хусусӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор дошт. Ин категорияи ҷиноятҳо гуногунрангии васеъ дорад, ки дар мазмуни қонунгузории ҷиноятӣ инъикос ёфтааст. Мутаассифона, дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол таҳқиқи пурраи масъалаҳои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ гузаронида нашудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ рӯ ба болоравӣ дорад. Масалан, дар соли 2014 – 2891, соли 2015 – 3060, соли 2016 – 2797, соли 2017 – 3521, соли 2018 – 3547 ва соли 2019 – 3572 ҷиноятҳои иқтисодӣ содир карда шудаанд[4]. Дар байни ҷиноятҳои иқтисодӣ содиршавии ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ) низ назаррас мебошад. Масалан, дар соли 2012 – 83; 2013 – 53; 2014 – 34; 2015 – 19; 2016 – 24; 2017 – 22; 2018 – 12, 2019 – 38, 2020 – 84, 2021 – 62 ва 2022 – 32, яъне танҳо дар ёздаҳ сол 463 ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ) содир карда шудааст, ки ин нишондиҳанда ташвишовар мебошад. Ҳамзамон, ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ) дар бештар маврид хусусияти латентиро ба худ касб намудааст.

Дар заминаи таҳқиқи мазкур камбудиҳои як қатор масъалаҳои марбут ба ин категорияи ҷиноятҳоро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла, омӯзиши масъалаҳои марбут ба объекти бевоситаи ҷиноят, предмети он, муайян кардани дараҷаи зарар ба молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ зикр кардан зарур аст. Муаллиф дар байни судяҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пурсиш гузаронидааст, ки натиҷаи он нишон дод, ки зиёда аз се ду ҳиссаи пурсидашудагон (76%) чунин мешуморанд, ки яке аз мушкилоти асосии бандубасти ҷиноят тибқи моддаи 253 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии

---

[4] Ниг.: Шарипов С.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон: дис. ... номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2023. – С. 6-7.

Тоҷикистон муайян кардани доираи кирдорҳое, ки ба ин категорияи ҷиноятҳо дохил мешаванд, мебошад.

Ҳама гуфтаҳои дар боло зикршуда интихоби мавзуи тадқиқотро муайян карданд. Таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарурати таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷинояти мазкур, инчунин таҳияи чораҳои муассир оид ба беҳтар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз бовариро тасдиқ мекунад. Ба ин муносибат, дар шароити воқеияти ҳозира муайян кардани роҳҳои дурусттари ҳалли ин масъалаҳо хеле муҳим дониста мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ ба омӯзиши ҷиноятҳои иқтисодӣ дар умум ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ чанде аз олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода (У.А. Азизов)[5], Н.А. Ғаффорова[6], Ф.К. Иброҳимов[7], Н.А. Қудратов[8], Н. Маҳмадзода[9], Ф.А. Мирзоахмедов[10], М.М. Муллоев[11], А.Қ. Назаров[12], Р.Ҳ. Раҳимзода[13], М.Ч. Раҳмонзода[14], Ш.Н.

---

[5] Ниг.: Азизов У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикистана: монография. – Душанбе: Андалеб-Р, 2014. – 200 с.; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.

[6] Ниг.: Гафарова Н.А. Уголовная ответственность за нарушения правил торговли (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ташкент, 1994. – 29 с.

[7] Ниг.: Иброхимов Ф.К. Контрабанда в уголовном праве Таджикистана и России: сравнительный анализ: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2019. – 26 с.

[8] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: по материалам Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2012. – 216 с.

[9] Ниг.: Махмадзода Н. Уголовная ответственность за преступления в сфере кредитных отношений по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 183 с.

[10] Ниг.: Мирзоахмедов Ф.А. Ҷиноятҳо ба муқобили андозсупорӣ / Ф.А. Мирзоахмедов // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» (солҳои 2005-2015). – Душанбе, 2015. – С. 652-654.

[11] Ниг.: Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР. – Сталинабад: Идв-во Таджик, гос. ун-та, 1960. – Ч. 1. – 159 с.; Муллаев М.М. Происхождение и реакционная сущность шариата. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 187 с.

[12] Ниг.: Назаров А.К. Уголовно-правовые нормы Корана и хадисов и их классификация по институтам уголовного права: монография. – Душанбе: Дакики, 2014. – 207 с.

[13] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ., Солиев К.Ҳ., Ҳусейнзода С.Ҳ. ва диг. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: Эр-Граф, 2019. – 550 с.

[14] Ниг.: Раҳмонзода М.Ч. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. .. номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – 182 с.

Саидзода (Ш.Н. Саидов)[15], А.И. Сафарзода[16] (А.И. Сафаров), К.Ҳ. Солиев[17], А.Ғ. Холиқзода (А.Ғ. Холиқов)[18], Р.И. Шарипов[19], Т.Ш. Шарипов[20], С.Ш. Шаропов[21] ва дигарон машғул гардидаанд ва паҳлуҳои гуногуни он аз тарафи онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ олимони давлатҳои хориҷӣ, ба мисли А.А. Бакрадзе[22], А.Г. Безверхов[23], Г.Н. Борзенков[24], В.А. Владимиров[25], Л.Д. Гаухман[26], А.В. Ковальчук[27], С.М. Кочой[28], В.Н. Кудрявцев[29], Н.А.

---

15 Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукамалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. ... номз. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2018. – 181 с.

16 Ниг.: Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем (по материалам Республики Таджикистан): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 229 с.; Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 396 с.

17 Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери назари Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Қаҳҳоров А.А. – Душанбе: Глобус, 2010. – 880 с.; Солиев К.Ҳ. Дар бораи баъзе проблемаҳои татбиқи қонуни ҷиноятӣ / К.Ҳ. Солиев // 10 соли амали Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: натиҷа ва пешниҳод (Маводи конфронси илмиву амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 10-солагии қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми сентябри соли 2008). – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 67-70.

18 Ниг.: Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 380 с.

19 Ниг.: Шарипов Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2012. – 173 с.

20 Ниг.: Шарипов Т.Ш., Ходжазода Ф.Ф. Некоторые аспекты легализации (отмывания) денежных средств или иного имущества, полученных противозаконным путем как вида прикосновенности к преступлению / Т.Ш. Шарипов, Ф.Ф. Ходжазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – №6. – С. 257-266.

21 Ниг.: Шаропов С.Ш. Основные проблемы борьбы с организованными преступными посягательствами на государственное и общественное имущество в условиях формирования многоукладной экономики (криминологический аспект): дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1995. – 308 с.

22 Ниг.: Бакрадзе А.А. Отличие мошенничества от причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием / А.А. Бакрадзе // Российский следователь. – 2009. – №1. – С. 14-17.

23 Ниг.: Безверхов А.Г. Собственность и имущественные отношения / А.Г. Безверхов // Законодательство. – 2002. – №12. – С. 50-56.

24 Ниг.: Курс уголовного права. Особенная часть: учебник для вузов: В 5 т. / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М.: Зерцало, 2002. – Т. 3. – 512 с.

25 Ниг.: Владимиров В.А. Квалификация преступлений против личной собственности. – М., 1968. – 171 с.

26 Ниг.: Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Ответственность за преступления против собственности. – М.: ЮрИнфоР, 2002. – 310 с.

27 Ниг.: Ковальчук А.В. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием без признаков хищения по уголовному праву Российской Федерации и республики Беларусь: сравнительно-правовой анализ: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2014. – 257 с.

28 Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности: монография. – М.: Юрист, 1998. – 288 с.

29 Ниг.: Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М., 1960. – 244 с.

Лопашенко[30], Б.С. Никифоров[31], Н.В. Перч[32], Н.В. Сычева[33], А.В. Хабаров[34] ва дигарон таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

Ин муҳаққиқон, бешубҳа, дар рушди назария ва амалияи муқовимат бо ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Аммо, бинобар гуногунандешӣ ва мураккабии масъалаи таҳқиқшаванда, кори онҳо ҳамаи мушкилоти марбут ба расонидани зарари молу мулкиро тавассути фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба анҷом нарасонидаанд.

Дар ҷомеаи муосир, ки пешрафти технологӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ воситаи ҷудонашавандаи таъмини адолат ва субот мебошад. Аҳаммияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки қонунгузор ба моддаи 253-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷуҳи хосса додааст. Ҷиноятҳое, ки бо фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ алоқамандӣ дорад, ба шаҳрвандон, корхонаҳо ва давлат зарари ҷиддии иқтисодӣ мерасонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи (Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ дар даврони муосири рушд) ва лоиҳаи илмии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

---

[30] Ниг.: Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, система, проблемы квалификации и наказания: дис. ... д-ра юрид. наук. – Саратов: Саратовская государственная академия права, 1997. – 479 с.

[31] Ниг.: Никифоров Б.С. Борьба с мошенническими посягательствами на социалистическую и личную собственность по советскому уголовному праву. – М., 1952. – 177 с.

[32] Ниг.: Перч Н.В. Неполучение должного как вид имущественного ущерба (на примере ст. 165 УК РФ): понятие, влияние на ответственность и квалификацию: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – 216 с.

[33] Ниг.: Сычева Н.В. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2006. – 226 с.

[34] Ниг.: Хабаров А.И. Преступления против собственности: влияние гражданско-правового регулирования: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 1999. – 184 с.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади тадқиқоти мазкур таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, роҳҳои мубориза бо ин ҷиноят, муайян кардани хусусиятҳо, мушкилот ва дурнамои такмили қонунгузории ҷиноятӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади зикршуда, иҷрои **вазифаҳои** зерин зарур мебошанд:

– таҳлили раванди таърихии ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва хориҷӣ оид ба ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– бо назардошти таҳлили муқоисавии ҳуқуқии танзими қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ, омӯзиши хусусиятҳои тафаккур ва таъсири эҳтимолии он ба андешидани чораҳои пешгирии ҷиноятҳои хусусияти молу мулкидошта бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ;

– гузаронидани таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии унсурҳои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон;

– омӯзиши механизмҳои мавҷудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муайян кардани самаранокии онҳо дар пешгирии ҷиноят, барқарор намудани зарар ва таъмини адолат;

– таҳлили амалҳо ва ҳодисаҳои мушаххас, ки унсурҳои объективии ҷиноятҳои содиршаванда мебошанд, аз ҷумла, раванди фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ;

– таҳлили унсурҳои субъективии ҷиноятӣ расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– омӯхтани аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти тадқиқот муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқие мебошанд, ки дар натиҷаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё

сӯиистифода аз боварӣ, баррасии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар заминаи ҷиноятҳои молу мулкӣ, инчунин равандҳои бо он алоқаманд, ки ба пешгирӣ ва мубориза бо ин намуди ҷиноят нигаронида шудаанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот меъёрҳое мебошанд, ки асосҳои ҷавобгарии ҷиноятиро дар ҳолатҳои содир намудани ҷиноятҳо, ки ба молу мулк бо истифода аз фиреб ё сӯиистифода аз бовариро дар сатҳи миллӣ муайян мекунанд, инчунин стандартҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои зидди моликият, омори маълумоте, ки динамикаи тағйироти қонунгузории ҷиноятиро таҳлил намуда, тамоюлҳо ва дурнамои рушдро дар партави талаботи муосири ҷомеа муайян менамояд.

**Марҳила, макон ва даврai таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Тадқиқот се марҳилаи асосии инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро дар бар мегирад: давраи пеш аз Ҳокимияти Шӯравӣ, давраи қонунгузории ҷиноятии шуравии сотсиалистӣ ва давраи истиқлолият. Дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади муайян намудани марҳилаҳои асосии ташаккул ва тағйирот дар қонунгузорӣ, омӯзиши муфассали таҳияи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти мазкур гузаронида мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба муайян кардани тамоюл, динамика ва омилҳое, ки ба рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар ин соҳа дар шароити таърихӣ ва муосири Тоҷикистон таъсир мерасонанд, равона карда шудааст. Дар ин пажуҳиши илмӣ танзими ҳуқуқии ҷиноятии ҳолатҳои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ бо истифода аз усули таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ, ки амалия ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ дар бар мегирад, таҳлил шудаанд. Таҳқиқот давраи аз соли 2019 то 2023-ро баррасӣ мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ташкил медиҳад. Асоси таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони шуравӣ ва пасошуравӣ, инчунин,

асарҳои илмӣ дар соҳаҳои фалсафа, назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқ дар Тоҷикистон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи маданӣ ва ғайра ташкил додааст. Дар таҳияи рисола муаллиф аз асарҳои У.А. Азиззода (Азизов), А.А. Бакрадзе, А.Г. Безверхов, Г.Н. Борзенков, Л.А. Вайнер, В.В. Векленко Н.В. Вишнякова, В.А. Владимиров, Л.Д. Гаухман, А.С. Горелик, Л.В. Григорева, Н.А. Ғаффорова, С.А. Елисеев, Р.С. Зайнутдинов, Ф.К. Иброҳимов, И.А. Клепитский, С.М. Кочой, В.Н. Кудрявцев, Н.А. Қудратов, Н.А. Лопашенко, Н. Маҳмадзода, Г.А. Мендельсон, Ф.А. Мирзоахмедов, М.М. Муллоев, А.Қ. Назаров, Б.С. Никифоров, Н.В. Перч, В.И. Плохова, Р.Ҳ. Раҳимзода, М.Ҷ. Раҳмонзода, А.И. Розенсвайг, Ш.Н. Саидзода (Ш.Н. Саидов), А.И. Сафарзода (А.И. Сафаров), К.Х. Солиев, А.В. Хабаров, А.Ғ. Холиқзода (А.Ғ. Холиқов), Е.Е. Черных, Р.И. Шарипов, Т.Ш. Шарипов, С.Ш. Шаропов, П.С. Яни ва дигарон ба таври васеъ истифода намудааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои онҳо, ки роҷеъ ба ҷанбаҳо ва тарафҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ пешкаш гардидаанд, дар ҷараёни таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ-амалии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди таҳлил ва истифода қарор дода шудаанд. Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои пешниҳод намудан ва аз лиҳози илмӣ, асоснок намудани ақидаҳо ва мафҳумҳои муаллиф мусоидат намуданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсияро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот ба як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди: таърихӣ, таҳлил ва синтез, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, сотсиологӣ, муқоиса, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ такя намудаем.

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ ва омода намудани рисола усулҳои умумиилмии фалсафӣ, усулҳои илмии диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, ба кор бурда шудаанд. Дар кори илмӣ як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ ба монанди: мантиқӣ-

расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода бурда шудаанд.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсияро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, аз ҷумла категорияҳои фалсафии мафҳум, мақсад, низом ва моҳият тавассути усулҳои таҳқиқи диалектикӣ ва материалистӣ муайян карда шудаанд. Илова бар он, дар рафти таҳқиқоти илмӣ усулҳои махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода гардидаанд. Аз ҷумла, дар рафти таҳлили мавзуи мазкур маълумотҳои оморӣ бо истифода аз усулҳои таҳлили оморӣ таҳқиқ карда шудаанд. Дар баробари ин, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқоти хусусӣ, мантиқӣ, таҳлилии муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва монанди инҳо мавриди истифода қарор дода шуда, қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар муқоиса бо қонунгузориҳои дигар давлатҳои хориҷӣ мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Дар раванди таҳқиқот омори содиршавии м. 253 КҶ ҶТ, яъне расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ барои солҳои 2012-2023 аз Маркази иттилоотии ВКД ҶТ ва омори ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бо м. 253 КҶ ҶТ аз Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ барои солҳои 2014-2023 таҳлилу баррасӣ гардида, зиёда аз 160 парвандаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамчунин, дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандон оид ба татбиқи ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ пурсиш гузаронида шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ мебошад. Ғайр аз ин, пештар дар сатҳи тадқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ масъалаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ батафсил таҳлил нагардида буданд. Мафҳуми муайяни расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, аломатҳои таркиби он, роҳҳои содир шудани ин ҷиноятҳо дар ин кор таҳлили худро ёфта, усулҳои

муайян кардани табиати ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дида баромада шудаанд. Бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои байни намудҳои гуногуни ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ тартиби бандубасти ин кирдорҳо мураттаб гардиданд, самтҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешаванд, масъалаи консепсияи нави илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ мушаххас карда мешавад, меъёрҳои таҳлилӣ-муқоисавии ҳуқуқӣ-ҷиноятии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ аз нав муайян карда шудаанд, объектҳо, аломатҳои объективӣ ва аломатҳои субъективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ таҳлили худро ёфтаанд, хусусиятҳои системавӣ-умумии қонунгузорӣ ва аломатҳои ин ҷиноят муқаррар карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот бо нуқтаҳои илмии зерин, ки ба ҳимоя пешкаш карда мешаванд, собит мегарданд:

**I. Пешниҳодҳое, ки аҳаммияти назариявӣ доранд:**

1. Барои дарк кардани фиреб ҳамчун роҳи содир намудани ҷинояти таҳқиқшаванда, бояд аломатҳои объективӣ ва субъективии он ба назар гирифта шаванд. Аломатҳои объективӣ дар мафҳумҳои «мундариҷа», «шакл» ва «воситаҳо» ифода ёфтаанд, зеро онҳо ҳамчун абзори мантиқӣ-ҳуқуқии дарки фиреб амал мекунанд. Аломатҳои субъективии ин мафҳум мундариҷаи иҷтимоӣ-равоншиносии (психологии) онро муайян мекунанд. Мазмуни фиреб мавҷудияти онро ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ муайян мекунад, заминаи асосии онро ташкил медиҳад ва унсурҳои зеринро дар бар мегирад: 1) паёми иттилооти бардурӯғ; 2) нарасонидани иттилооте, ки шахси гунаҳкор бояд хабар медод; 3) кӯшиши гунаҳкор дар гумроҳ кардани шахси фиребхӯранда.

2. Расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф ҳамчун як падидаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон то соли 1961 вуҷуд надошт.

Инро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки ин навъи ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ то соли 1961 ҳамчун як намуди қаллобӣ ҳисоб мешуд.

3. Омӯзиши қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки вобаста ба расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба вуҷуд меоянд, имкон дод, ки чунин далелро баён кунем, ки меъёрҳои ба м. 253 Кодекси ҷиноятии ҶТ дар қонунгузории аксарияти кишварҳои ИДМ мавҷуд аст. Аммо боиси зикр аст, ки дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои дорои ҳуқуқи умумӣ, расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ як намуди қаллобӣ ҳисобида мешавад, ки он метавонад қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда шавад.

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд:**

4. Бо мақсади дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг дарк намудани мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноятҳои қасдона, инчунин ҷиҳати бартараф намудани саҳв ҳангоми бандубасти ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ дар сатҳи қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шавад. Ҳамин тавр, дар эзоҳи моддаи 253 КҶ ҶТ мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ба тариқи зерин оварда шавад: Сӯиистифодаи боварӣ, яъне аз ҷониби шахс қасдона ба манфиати худ ва ғайримақсаднок истифода бурдани ваколатҳое, ки дар асоси қонун ва шартнома ба ӯ дода шудааст. Сӯиистифодаи боварӣ намуди мустақили расонидани зарари молу мулкӣ буда, дар он нишонаҳои тасарруф дида намешавад ва намуди алоҳидаи фиреб намебошад.

5. Аз таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба намудҳои мушаххаси расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ворид намудани

меъёрҳои алоҳида лозим аст. Аз ҷумла, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти зерин пешниҳод карда мешавад: бо дарназардошти аҳаммияти иҷтимоии соҳаи энергетикӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ масъалаи ҷорӣ намудани ҷинояти мушаххасро барои истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ ва дигар намудҳои энергия, ки зарари калон расонидааст (моддаи 153/1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

6. Расонидани зарари молу мулкӣ вобаста аз арзиши молумулк ба чаҳор намуд зарари оддӣ, зарари ҷиддӣ, зарари ба миқдори калон ва миқдори махсусан калон бояд ҷудо карда шавад. Агар ба шаҳрванд аз ҷиноят зарари назаррас нарасида бошад, зарар оддӣ шуморида шавад. Ҳангоми баҳодиҳии дараҷа ва андозаи зарар, инчунин ҳангоми муайян кардани категорияи вазнин, калон ва дараҷаи махсуси зарар мутобиқи моддаи 253 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми муайян кардани андозаи зарар дар сурати расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, ба инобат гирифтани вазъи моддии ҷабрдида, шароити зиндагии ӯ ва дурнамои вазъият, аз ҷумла ҳолати равонӣ ва ҷисмонии ӯ дар натиҷаи ҷиноят муҳим аст. Арзиши молиявӣ ё эмотсионалии дороиҳои вайроншуда метавонад ҳам талафоти мустақими моддӣ ва ҳам ҳисороти эҳсосӣ ё дигар талафоти ғайримоддиро дар бар гирад. Аҳаммият барои ҷабрдида дар аҳаммияти молу мулки зарардида дар ҳаёт ё ҳолати ҷабрдида, ки дар гум шудани чизи муҳим ё таъсир ба некӯаҳволии умумии ӯ ифода меёбад, фаҳмида мешавад. Музди меҳнат, мавҷуд будани нафақа ва дигар ҳолатҳои молиявииҷчабрдида, аз ҷумла, даромади умумии оилае, ки ҷабрдида бо он хоҷагии якҷоя зиндагӣ мекунад ва дигар омилҳои дахлдорро ба назар гирифтан лозим аст. Баҳо додан ба арзиши молу мулке, ки объекти ҷиноят буда, солҳои тӯлонӣ истифода мешавад, аз рӯйи нархҳои давлатӣ ё бозорӣ бо дарназардошти ҳолат, сифат ва фарсудашавии молу мулк ҳатмӣ сурат мегирад.

7. Моддаи 253 КҶ ҶТ аз се қисм иборат аст ва танҳо дар банди «б» қисми 3 моддаи мазкур ҳаҷми зарари расонидашуда муқаррар карда шудааст, ки ин зарари калон аст. Аз мазмуни мантиқии қонунгузорӣ хулоса баровардан

мумкин аст, ки агар дар натиҷаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ба ҷабрдида зарари махсусан калон расонида шуда бошад, кирдор бо моддаи 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ҳолати мазкур, мухолифи талаботи қ. 4 м. 4 КҶ ҶТ мебошад. Бинобар ин, пешниҳод мекунем, ки банди «б» қ. 3 моддаи 253 КҶ ҶТ банди «в» қ.2 моддаи 253 эътироф карда шуда, ба банди «б» қисми 3 моддаи 253 КҶ ҶТ тағйироти зерин ворид карда шавад: «б») бо расонидани зарар ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад». Чунин мешуморем, ки ворид намудани чунин илова татбиқи моддаи 253 КҶ ҶТ-ро осон мегардонад.

8. Дар амал, тарафи объективии ҷинояти м. 253 КҶ ҶТ, дар азхудкунии пардохтҳои воридотӣ барои хизматрасониҳо, бо вайрон кардани қоидаҳои тартиби муқарраршуда; пинҳон кардани арзиши воқеии сохтмони манзил, ки бо мақсади напардохтани маблағи боҷи давлатӣ содир шудааст; саркашӣ аз пардохти истифодаи хизматрасониҳои коммуналӣ (газ, қувваи барқ ва ғайра); сӯиистифодаи ғайриқонунии молумулк ба мақсадҳои шахсӣ, ки бо боварӣ барои кор супорида шудааст, саркашӣ аз пардохт барои сафари дуру дароз тавассути мошинҳои киро ва ғайра.

9. Унсури иродавии қасдан расонидани зарари молу мулкӣ дар он ифода меёбад, ки субъект мехоҳад, ки оқибатҳои пешбининамудаи ба ҷамъият хавфнок фаро расанд. Субъекти ҷиноят бо кирдорҳои худ мехоҳад зарари молу мулкӣ расонад, бинобар ин, агар шахс асос дошта бошад, ки ӯ ба молик ё дигар соҳибмулк зарар намерасонад, чунин амалҳо мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ бандубаст карда намешавад, зеро ки имконияти содир намудани кирдори бо м. 253 КҶ ҶТ танҳо бо қасди бевосита имкон дорад.

10. Эзоҳи м. 253 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад: дар таркиби ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ зарар оддӣ шуморида мешавад, ки агар он аз як то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, зарари ҷиддӣ аз даҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, зарар ба миқдори калон аз сад то ҳазор нишондиҳанда барои

ҳисобҳо ва зарар ба миқдори махсусан калон бошад – аз ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

11. Таҳлил ва омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боввариро ҷамъбаст намуда, пешниҳод мешавад, ки дар КҶ ҶТ диспозитсияи м. 253 дар таҳрири нав дар шакли зерин пешниҳод карда шавад:

**Моддаи 253. Расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ**

1) Расонидани зарари молу мулкӣ ба молик ё дигар соҳиби молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф (зарари оддӣ)

2) Кирдорҳои пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шуда бошад;

в) бо расонидани зарари ҷиддӣ содир шуда бошад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) бо истифода аз вазъияти фавқулода ё офатҳои табиӣ;

б) бо расонидани зарар ба миқдори калон содир шуда бошад.

4. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои 1-3 ҳамин модда, агар

а) бо расонидани зарар ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад; дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дуруст бандубаст карда шавад; фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомотҳо, инчунин, мақомоти иҷро истифода гардад. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ,

ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминология, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Ҷиноятҳои иқтисодӣ» истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи институти шартан татбиқ накардани ҷазо инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи ҶТ, КҶ ҶТ, КИИ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти

ҳуқуқтатбиқкунада дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ироа гардид.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маърӯза дар конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудааast.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои илмӣ дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

– «XIII Ломоносовские чтения», посвященной 115-летию академика Б. Гафурова» Маърӯза дар мавзуи «Таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» (28-29 апреля 2023). – Часть II. Гуманитарные науки (Право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 170-178.

– «Таджикистан в зеркале истории», посвященной 115-летию академика АН СССР Б. Гафурова» Маърӯза дар мавзуи «Масоилҳои алоҳидаи тафриқагузорӣ байни расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ аз таркиби ҷиноятҳои монанд» (27 октября 2023). – Часть I. Право, экономика. – Душанбе, 2023. – С. 159-162.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия 7 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт

(маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 195 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАШАККУЛ, РУШД ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МОЛУ МУЛКӢ БО РОҲИ ФИРЕБ Ё СӮИИСТИФОДАИ БОВАРӢ

## 1.1. Ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ

Таърихи инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон аз Авесто сарчашма гирифта, минбаъд инкишофи он тавассути қонунҳои исломӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин қонунгузории ҷиноятии даврони Шӯравӣ ва замони истиқлолиятро дар бар мегирад.

Аввалин сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон аз китоби Авасто оғоз гардида, кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок ҳамчун ҷиноят дарҷ гардида буданд. Авесто, китоби мукаддаси зардуштиён, ки маънии он асос, китоб, илм, дастур ва ё ниёишро ифода менамояд. Дар адабиёти таърихӣ номи ин асар Авасто, Асто, Усто, Афосто, Авастак, Апастак ва Вастак навишта шудааст[35]. Авесто ғайри фармоишоти сирф маросимию мазҳабӣ, аз нуқтаи назари ғоявӣ унсурҳои ибтидоии илмӣ, тиббӣ, тасаввуроти қонунгузорӣ, маҷмуи ба ҳам омезишёфтаи дастурҳои ақидавӣ, ахлоқӣ ва эстетикиро дар бар гирифтааст.

«Ҳукми табиату таърих, – навиштааст Эмомалӣ Раҳмон, – низ чунин рафта, ки ҳам сарчашмаи табиӣ ва ҳам сарчашмаи маънавӣ барои шодоб намудани ташнакомон офарида шудаанд. Нахустин қомусномаи ҷаҳон, нахустин китоби зарнавишту дини мукаммали олами мутамаддин, нахустин ҳамосаву сурудаҳои беқаринаи ҳазорсолаҳои дур - «Авесто»-и ҷовидона, дигар дар қолаби сарҳадҳои кӯчак намеғунҷад, зеро ҳама гуна садду монеа ва ҳудудҳои сунъиро шикаста, кайҳо ба уқёнуси тамаддуни ҷаҳонӣ омезиш ёфтааст»[36].

Ҳангоми омӯхтани мушкилоти ҳимояи ҳуқуқи моликият ва механизмҳои ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи зардуштӣ умумиятҳо ва фарқиятҳоро вобаста

---

[35] Ниг.: Якубов Ю. Авасто // Маърифат. – 1996. – №5-6. – С. 28-35.
[36] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 40-41.

ба масъалаи мазкур мушоҳида намудан мумкин аст. Профессор М.А. Исаев дуруст мегӯяд, ки: «Одам дар ҷомеаи ибтидоӣ ба ҳамон васвасаҳое дучор мешавад, ки инсон дар охири асри 20 ба амал овард»[37]. Б. Малиновский менависад, ки «Ҳар вақте ки ваҳшӣ метавонад аз иҷрои уҳдадориҳои худ бе гум кардани эътибор ё бидуни талафоти назаррас фоида гирад, вай ин корро тавре мекунад, ки як соҳибкори мутамаддин ба он одат кардааст»[38]. Ҷамъияти авестоӣ ҳуқуқ ба моликият ва чӣ гуна муҳофизат кардани онро аз сӯиқасдҳо ба таври зарурӣ омӯхта ва дар китоби Авасто муқаррар намуда буданд. Дар баробари ҳимояи ҳуқуқии маданӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ низ дар ҳимояи ҳуқуқи моликият нақши муҳим дошт ва мебозид.

Профессор А.Ғ. Холиқзода дуруст қайд менамояд, ки Авесто ҳама гуна таҷовузи ғайриқонунӣ ба моликияти моликро маҳкум мекунад, ҳифзи моликият дар муқовимат бо дуздон, ғоратгарон ва фиребгарон ифода меёбад. Дар яке аз порчаҳои Хуршед – Яшта қайд карда мешавад, ки муқовимат бо дуздон, роҳзанон, фиребгарон кори муқаддаси зардуштиҳо мебошад, ки аз он тамоми неруҳои неки олами замин шоданд[39]. Авесто на танҳо соҳибонро вазифадор мекунад, ки барои сарвати моддии худ мубориза баранд, балки аз дигарон низ талаб мекунад, ки онҳо дар ҳифзи моликияти дигарон низ кӯмак кунанд[40].

Авесто ба ҳимояи моликият аз таҷовузи қаллобон, фиребгарон, дуздон ва роҳзанон диққати махсус медиҳад. Қариб ҳамаи динҳои қадимӣ ва ҷаҳонӣ ба ҳамин монанд вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, одамон бо хондани дуоҳои махсус кӯшиш мекарданд, ки сарвати худро аз таҷовузи роҳзанҳо муҳофизат кунанд[41].

Дар маъхазҳои зардуштӣ, барои ҳама гуна намуди ғайриқонунии таҷовуз ба моликият ҷазои сахт дода мешавад. Дар «Доварҳои Руҳи Ақл» ба саволи ҳаким: «Кадом гуноҳ вазнинтар аст?» Руҳи ақл дар қатори дигар амалҳо чунин

---

[37] Исаев М.А. Лекции по истории русского права и государства. Лекции 1-4. Вып. 1. – М., 1996. – С. 52.
[38] Malinowski B. Crime and custem in savage society. – NY, 1959. – P. 30.
[39] Ниг.: Холиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 348
[40] Ниг.: Холиков А.Г. Асари зикршуда. – С. 348
[41] Ниг.: Дӯстхоҳ Ҷ. Авесто: Куҳантарин сурудаҳои Эрони бостон. – Теҳрон: Мурворид, 1375 ҳ. Китоби 1. – С. 142.

даъват мекунад: «... Касе ки чизи гирифтаашро барои ҳифз сарф мекунад ва кӣ исрофкор мешавад ...»[42]. Дар ин ҳолат, ғайриқонунӣ нигоҳ доштани моликияти каси дигар ва муносибати хунукназарона ба молу мулки каси дигар, ки ба зиммаи касе гузошта шудааст, ҳамчун ҷиноят эътироф мегардид.

Зардуштия ҳамчун як низоми ҳуқуқӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ бори аввал ба ин падидаи манфӣ бо маҷмуи меъёрҳо ва механизмҳои мухолифат муқобилат кард, ки ин ба тадриҷан коҳиш ёфтани ин навъи қадимаи ҷиноят оварда расонд. Зимнан, дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон, он ҳазорсолаҳо боқӣ мондааст, ки урфу одатҳои халқҳо ва қабилаҳои алоҳида, ки аксар вақт дар муносибатҳои байналмилалӣ ва қабилавӣ дар шакли ҷангҳои ғоратгарона инъикос ёфтаанд[43].

Инкишофи минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар давлатдори тоҷикон бо дини мубини ислом вобаста буда, ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ тавассути сарчашма ва манбаъҳои асосии фиқҳ муқаррар шуда буданд.

Шариат (аз арабӣ роҳи рост) – ин маҷмуаи меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқӣ, қоидаву қонунҳои динӣ ва сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи мусулмонон аст. Дини ислом на танҳо масъалаҳои соф динӣ, инчунин масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, ахлоқию ҳуқуқӣ ва умуман ҳамаи тарафҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар гирифта, барои онҳо қонуну қоида вазъ кардааст. Бинобар ин, ислом на танҳо дин, инчунин дастури амал ва тарзи зиндагии ҷомеаи мусулмонон мебошад, ки онҳоро ба сӯйи ҳақ ҳидоят менамояд. Илме, ки аҳкоми назарӣ ва амалии шариати исломро кор карда мебарояд илми фиқҳ номида мешавад. Агар илми фиқҳро, бо илмҳои муосири мо муқоиса намоем, он ба илми ҳуқуқшиносӣ наздиктар менамояд, вале дар айни замон доираи амали он аз ҳуқуқшиносӣ дида хеле васеътар аст, чунки дигар ҷабҳаҳоро низ дарбаргиранда мебошад. Сарчашма ва манбаъҳои асосии фиқҳ чунинанд:

---

[42] Зороастрийские тексты. Суждения Духа разума. Сотворение основы. Издание подготовлено О.М. Чунаковой. – М.: Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 1997. – С. 104-105.
[43] Ниг.: Холиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 352.

1. Қуръон[44] (дар фиқҳ онро аксаран, мухтасар «Китоб» меноманд).

2. Суннат[45], яъне гуфтору амал ва қарорҳои пайғамбари ислом.

3. Иҷмоъ, ҳамфикрӣ ва ё ҳамрайъӣ оид ба ҳалли ягон масъала.

4. Қиёс – муқоиса (аналогия), муҳокима оид ба айният доштани як ҳукм бо дигараш, ҳадисҳои пайғамбар ҳангоми қиёс чун асос гирифта мешаванд.

Шариат расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи бовариро ҳамчун қаллобӣ ва фиребгарӣ арзёбӣ менамояд.

Фиребгарӣ ва қаллобӣ сифатҳои паст ва нафратовар мебошанд, ки барои шахси поквиҷдон ғайриоддӣ мебошанд. Таҳрифи барқасдона ба хотири гумроҳ кардани дигарон бо мафҳуми ростқавлӣ мухолифат мекунад, ки самимият, ростқавлӣ, адолатро дар назар дорад ва ҳама гуна найранг, маккорӣ, қаллобӣ, фиребро истисно мекунад. Ҳам дар Қуръон ва ҳам Суннат дар бораи ҳаром будани дурӯғгӯйӣ ва фиребгарӣ нисбат ба мусалмонон ва ғайримусалмонҳо бисёр гуфта шудааст.

Паёмбари Ислом фармуд: «Ҳар кӣ бо яроқ ба муқобили мо меравад, ӯ аз мо нест. Ва касе, ки моро фиреб медиҳад, ӯ низ аз мо нест» (Саҳеҳ Муслим)[46].

Дар ҳадиси дигар қайд мегардад, ки чӣ гуна як рӯз пайғамбар Муҳаммад (С) аз бозор гузашта, дар назди як савдогари хӯрокворӣ истод. Аз боло ҳамаи маводҳои хӯрока хуб менамуданд, аммо вақте ки пайғамбар ба поёни маводҳои хурока назар афканд, фаҳмид, ки ғизо тар аст. Ӯ пурсид: «Эй соҳиби хӯрок, ин чист?» Тоҷир дар ҷавоб гуфт: «Вай дар борон тар шуд, эй Расули Худо». Он гоҳ пайғамбар гуфт: «Чаро шумо онро ба боло нагузоштед, то

---

[44] Қуръон китоби муқаддаси мусалмонон буда, сарчашмаи асосии шариат аст. Қуръон аз 114 сура (75-тоаш дар Макка ва 29-тоаш дар Мадина нозил шудааст) иборат аст. Шариат бошад, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии диннӣ буда, муносибатҳои ҷамъиятии исломиро ба танзим медарорад. Меъёрҳои асосии диннӣ, ахлоқӣ, шаҳрвандию сиёсӣ ва ҷиноятӣ дар Қуръони Маҷид пешбинӣ шудаанд.

[45] Суннат аз ҳадисҳо иборат мебошад, ки дар мавзуъҳои гуногуни ҳуқуқию ахлоқӣ ва таърихӣ гуфта шудаанд. Ба маҷмуи суннатҳо, ғайр аз ҳадисҳои Муҳаммад (с) қарорҳо, ҳалномаҳо ва дастурҳое, ки аз ҷониби Муҳаммад (с) ё ин ки аз ҷониби ёрдамчиёни он оид ба парвандаҳои мушаххас таълиф шудаанд, дохил шудаанд. Дар аввал ҳадисҳо монанди фолклор аз даҳон ба даҳон мегаштанд. Нахустин маротиба бо дастури халифа Умар ибни Абдулазиз ҳамаи ҳадисҳо ба тартиб даровarda, дар 6 ҷилд китоб ҷамъоварӣ шудаанд. Вале аҳли дин аз ҳадисҳои ҷамъоваришуда «Саҳеҳ-ул-Бухорӣ»-и Абуабдуллоҳ Муҳаммад бини Исмоили Бухороиро нисбатан муътабар медонанд. Ӯ аз 600 ҳазор ҳадисҳои мавҷуда, фақат 7250 ҳадисро ҳақиқӣ дониста, дигарашро такрор ё бофта ҳисоб кардааст. Усули интихоби ҳадисаҳои ҳақиқӣ хеле содда буда, бештар ба мувофиқати мазмуни ҳадис ба Қуръони Маҷид ва таърих асос ёфтааст.

[46] Ниг.: Ислам об обмане и мошенничестве [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.islamreligion.com/ru/articles/346 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

дигарон бубинанд, ки он тар аст. Охир, касе, ки фиреб медиҳад, аз мо нест» (Саҳеҳ Муслим)[47].

Ҷамъияти мусалмонӣ бар покии эҳсосот, муҳаббат, самимият ба ҳар як мусалмон ва иҷрои ваъдаҳо сохта шудааст. Аъзои ҷомеаи мусулмонон бояд бо тақво, ростгӯйӣ ва садоқат фарқ кунанд. Фиреб ва қаллобӣ сифатҳои барои шахси мусалмон бегонаанд, ки ба шахсияти як мусулмони шариф мухолифанд. Дар байни мусулмонон набояд барои қаллобон, хоинон ва фиребгарон ҷой дода шавад.

Фиребгарӣ ва қаллобӣ гуноҳҳои даҳшатнок ҳисобида мешаванд, ки дар ду олам шармандаи инсонӣ аст. Паёмбар Муҳаммад (С) гуфтааст: «Ҳар як хоин (фиреб, қаллоб) дар рӯзи қиёмат нишони хиёнатро хоҳад дошт. Онҳо дар бораи ӯ хоҳанд гуфт: «Ин хоини ин ва он аст»[48].

Расвоии қаллобон – мардон ва занон – бениҳоят бузург хоҳад буд. Онҳое, ки бовар доштанд, ки хиёнати онҳо фаромӯш хоҳад шуд, мефаҳманд, ки вақте расвоиашон ба тамоми ҷаҳон муаррифӣ карда шуд, чӣ қадар иштибоҳ карданд ва парчами хоин бо дасти худ бардошта хоҳад шуд! Ҳолати хиёнаткорон ҳангоми дар вақти вохӯрӣ бо Паёмбар (с), муҳофизи гунаҳкорон дар рӯзи пуразоби Қиёмат бадтар мешавад. Ҷинояти онҳо ба дараҷае вазнин ва бузург аст, ки онҳоро аз файзи илоҳӣ ва шафоати пайғамбар маҳрум мекунад. Пайғамбар Муҳаммад (с) фармуд: «Худованд гуфт: Се нафаре ҳастанд, ки ман дар рӯзи қиёмат аз онҳо рӯ мегардонам: шахсе, ки ваъда дод ва ба ваъдааш вафо накард, шахсе, ки пулро ба ғуломӣ фурӯхта, як одами озодро ба даст овард ва шахсе, ки касеро киро кард, аз меҳнати ӯ баҳра бурд ва он чизе, ки сазовор буд, ба ӯ надод»[49].

Ҳуқуқи исломӣ таъкид менамояд, ки инсон бояд аз ҳама гуна фиреб ва

[47] Ниг.: Ислам об обмане и мошенничестве [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.islamreligion.com/ru/articles/346 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).
[48] Ислам об обмане и мошенничестве [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.islamreligion.com/ru/articles/346 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).
[49] Сахих аль-Бухари. Достоверные предания из жизни Пророка Мухаммада, да благословит [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ast.ru/book/sakhikh-al-bukhari-dostovernye-predaniya-iz-zhizni-proroka-mukhammada-da-blagoslovit-038164 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

қаллобӣ дур бошад. Мусалмон бояд аз ҳама фиреб боло бошад ва ба ҳар роҳ аз риёкорӣ эҳтиёт шавад. Аз ин рӯ, мусалмони ҳақиқӣ аз фиреб, қаллобӣ, хиёнат, дурӯғ, новобаста аз он ки чӣ фоидае меорад, худдорӣ мекунад. Зеро Ислом тарафдорони фиребро мунофиқ медонад.

Расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳамчун ҷинояти мустақил дар қонунгузории ҷиноятии дохилӣ танҳо дар асри XX пайдо шуд. Аммо, ин далел аслан нишон намедиҳад, ки дар тули беш аз ҳазор соли рушди қонунгузории ҷиноятӣ барои муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои амалҳои шабеҳи ҷинояти муосири дар м. 253 КҶ ҶТ пешбинишуда кӯшиш накардааст.

Тавре қаблан зикр карда шуд, расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ва ё сӯиистифода аз боварӣ дар замони рушди таърихии қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун як шакли қаллобӣ пазирой карда мешуд.

М.Ф. Владимирский-Буданов навиштааст, ки қаллобӣ «ҳамчун тасарруфи ашёи дигарон бо роҳи фиреб дар қонунҳои қадим муқаррар карда нашудааст»[50]. Л.Э. Сунчалиева инро бо он далел шарҳ медиҳад, ки қаллобӣ ба молумулк барои ҷомеаи дорои иқтисоди анъанавӣ дар марҳилаи аввали рушд маълум нест ва барои он ҳатто дар марҳилаҳои баъдии фаъолият номусоид боқӣ мемонад[51].

Бори аввал дар таърихи Русия қаллобӣ ҳамчун категорияи алоҳидаи ҷиноят дар қонунҳои Иван Грозный, ки соли 1550 нашр шудааст, пайдо шудааст. Дар ин санади ҳуқуқӣ қаллобон ҳамчун шахси ҷиноят содирнамуда истифода нашуда, ба ҷойи он истилоҳи дигар – фиребгар истифода шудааст. Ин ду мафҳум ба ҳам якхела буданд ва шахсеро ифода мекарданд, ки ҷинояти аз рӯйи таркиби худ ба дуздӣ наздик содир кардааст. Дар бораи инкишофи қаллобӣ сухан ронда, ба он таваҷҷуҳ кардан лозим аст, ки инкишофи институти давлатдорӣ дар ибтидои асрҳои 15-16 боиси рушди дастгоҳи

[50] Владимирский-Буданов М.Ф. Обзор истории русского права. – 7-е изд. – Киев: Тип. И.И. Кушперева и К., 1915. – С. 351.
[51] Ниг.: Сунчалиева Л.Э. Мошенничество (уголовно-правовой и криминологический аспект): дис. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2004. – С. 14.

давлатӣ гардид, дар ҳоле ки афзоиши дастгоҳи давлатӣ. ба зуҳуроти ҷиноятҳои коррупсионӣ оварда мерасонад. Маҳз Иван Грозный ҷазоро барои ҷиноятҳои боярҳое, ки барои содир кардани баъзе кирдорҳои ғайриқонунӣ аз савдогарон ва помешикҳо пул меситонданд, сахттар кард[52].

Ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан дар давраи давлатдории тоҷикон, аз замони ҳамроҳшавии сарзамини тоҷикон ба Россияи подшоҳӣ, яъне пас аз ташкил ёфтани генерал-губернатории Туркистон соли 1886-1887, ки фаъолияти он тавассути «Низомнома оид ба идоракунии кишвари Туркистон» соли 1886 амалӣ мегардид, оғоз гардид ва мутобиқан бо ин ҳуҷҷат дар қисмати шимолии Тоҷикистони ҳозира, амали қонунҳои Россияи подшоҳӣ паҳн мегардиданд.

То барқарорсозии ИҶШС дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза чунин санадҳои Россияи подшоҳӣ, ба монандӣ Маҷмуаи қонунҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ соли 1845, Оиннома дар бораи ҷазоҳои аз тарафи судҳои оштидиҳанда таъин мешудагии соли 1864 ва Маҷмуи қонунҳои ҷиноятии соли 1903 амал мекарданд ва дар сохтори ин санадҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ бо тарзҳои гуногун муқаррар шуда буд.

Маҷмуаи қонунҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ соли 1845. Сатҳи шадиди баҳснокии қонуни мавҷуда дар адабиёти илмӣ таъкид гардидааст. Тавре ки Н.А. Неклюдов дар дебочаи дастури худ ба бахши махсуси қонуни ҷиноятии Русия навиштааст: «Кодекси мо як ҷангали намӣ аст, ки дар он ҳатто барои як ҷангалбони ботаҷриба гум шудан осон аст»[53]. Кодекс барои як қатор амалҳое, ки ба зарари молумулкӣ, ки бо тасарруф алоқаманд нестанд, ҷавобгариро пешбинӣ кардааст. Ба монандӣ: изҳороти барқасдонаи бардурӯғ дар китобҳои корхонаҳои коркарди маъдан ё дигар корхонаҳо, ки аз ҷониби

[52] Ниг.: Колескин Д.В. История развития мошенничества, современные виды мошенничества и способы борьбы с ними / Д.В. Колескин // Социально-гуманитарные проблемы современности: сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции (24 апреля 2020). – Белгород: ООО Агентство перспективных научных исследований (АПНИ), 2020. – С. 37-42.
[53] Кистяковский А.Ф. Рецензия к Руководству к Особенной части Русского уголовного права Н.А. Неклюдова. – СПб., 1879. – С. 4.

ҳукумат дар бораи сабти канданиҳои фоиданок таҳти андоз ситонида мешавад (м. 598); рафтани худсарона ё даст кашидан аз кор, то ба охир расидани муҳлати кор, коргарони деҳот ё корхона, инчунин ҳозир нашудан ба коре, ки тибқи варақаи шартномавӣ шартномаи муҳлатӣ бастааст (м. 369); фурӯш бидуни фармони хаттии молик аз ҷониби савдогар ё бо зиён, яъне аз нархи ба ӯ таъиншуда камтар (м. 1188); бардурӯғ ба хоҷаи худ, бо роҳнамоии корҳои ба ӯ супурдашуда, намояндагӣ ва ҳисобҳо (м. 1190); вайрон кардани қоидаҳои ҳисоботдиҳӣ, нигоҳдорӣ ва сарфаи молҳо ва риояи манфиатҳои муштариён ва муҳофизати онҳо аз талафот (м. 1193); саркашии киштисозон аз пардохти баъзе пардохтҳо барои шаҳодатномаҳои ба ӯ додашуда аз тарафи консул (м. 1248); ташриф овардан ба биржа барои савдо бе пардохти барои нигоҳдории муассисаи мубодила муқарраршуда (м. 1275); ба номи худ ё номи каси дигар таъсис додани корхонаи истеҳсоли шароб дар сурати набудани ҳуқуқи истеҳсоли чунин шароб (м. 1346); ҷалб шудан ба корхонаҳо ё гардишҳои зиёновар тавассути муоширaт бо мақсади хабарҳои баръало бардурӯғ (м. 1688); баромади бадқасдона аз ҷониби ваколатдор аз доираи ваколатҳои ба ӯ додашуда, муомила кардан ё аҳд кардан бо оппонентҳои ваколатдори ӯ (м. 1709) ва ғайра[54]. Ин моддаҳо аз ҷониби қонунгузор дар бобҳо дар бораи вайрон кардани қоидаҳои боҷи давлатӣ, оинномаҳои корхонаҳои саноатӣ, фабрикӣ ва ҳунарӣ, зидди молумулки дигарон ва ғайра ҷойгир карда шуда буд.

Умуман, дар Кодекси соли 1845 бисёр манъкуниҳо дар бораи расонидани зарар бидуни нишонаҳои тасарруф мавҷуд буданд. Баъзеи онҳо фарорасии оқибатҳоро талаб намекарданд (аксар вақт амалҳои муайян ногузир боиси пайдоиши ин оқибат мешуданд ва нишон додани онҳо дар матни қонун нолозим буд), баъзеи дигар метавонанд бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ё ба тариқи дигар содир карда шаванд; аксар вақт дар як таркиб нишонаҳои қаллобии муосир ва зарари моддӣ бидуни нишонаҳои тасарруф ба назар мерасиданд.

[54] Ниг.: Уложение о наказаниях уголовных и исправительных 1885 г. – СПб., 1898. – С. 929.

Оинномa дар бораи ҷазоҳои аз тарафи судҳои оштидиҳанда таъин мешудагии с. 1864 ҷазоро барои интиқоли ғайриқонунии аспҳои таслимшудаи онҳое, ки дар пайроҳаҳои почтаҳои ройгон ҳаракат мекунанд (м. 99) (боби VIII «Дар бораи вайрон кардани оинномаи почта ва телеграф»); ҷамъоварии худсаронаи нон, ҷав ё дигар меваю сабзавоти дар замини бегона ҷойдошта, даравидани алаф дар марғзорҳои дигарон, чидани буттамева ё занбурӯғ, чидани гулҳои боғ, буридани чим ва ғайра (м. 145), шикори худсарона, моҳидорӣ ё дигар намуди шикор дар заминҳои бегона ё дар ҷангалҳову обҳои хориҷӣ (м. 146), гузаштан аз марғзор ё киштзорҳои бегона пеш аз даравидани зироатҳо ва алафҳо аз онҳо (м. 147)[55], рондани чорво тавассути марғзорҳо ё саҳроҳои дигарон, инчунин барои чаронидани чорво дар заминҳои дигарон ё дар ҷангали дигарон (м. 148), буридани худсаронаи дарахтон дар ҷангалҳо (м. 155)[56] муқаррар намуда буд.

Қонунгузории ин давраро И.Я. Фоинитский таҳлил намуда, навишта буд, ки сӯиистифода аз боварӣ маънои қасдан расонидани зарар ба манфиати моликияти каси дигарро дорад, ки ҳимояи он ба шахси гунаҳкор вобаста ба уҳдадории махсуси молумулк ва тавассути истифодаи нодурусти ҳуқуқҳое, ки аз чунин уҳдадорӣ бармеоянд, тааллуқ дорад. Предмети сӯиистифода аз боварӣ моликият аст, на ҳамчун ашё, балки ҳамчун манфиати молумулкӣ; вайрон кардани ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ сӯиистифода аз боварӣ нест; ин манфиат бояд аз ҷониби давлат ҳимоя карда шавад; дастдарозӣ ба ашё ҳам боиси хисороти молӣ ва ҳам зиёни молӣ мегардад; предмет танҳо он моликиятест, ки ғамхории он ба дасти гунаҳкор гузошта мешавад[57].

Бинобар ин, субъекти сӯиистифода аз боварӣ танҳо шахсе буда метавонад, ки тибқи қонун ё шартнома уҳдадор буд молумулки дигаронро ихтиёрдорӣ кунад. Предмети сӯиистифода аз боварӣ дар ин давра ҳам моликияти каси

[55] Ниг.: Устав о наказаниях, налагаемых мировыми судьями: издание 1885 г. – СПб., 1907. – С. 245.
[56] Ниг.: Фойницкий И.Я. Уголовное право. Часть Особенная. Посягательства на личность и имущество. – СПБ., 1893. – С. 243.
[57] Ниг.: Фойницкий И.Я. Курс уголовного права. Часть Особенная. Посягательства личные и имущественные. – Петроград: Юридическое издательство при Петроградском университете, 1916. – С. 355, 358-359.

дигар (ба маънои ашё) ва ҳам манфиати моликият (ҳуқуқи молумулкӣ) буд, ки ҳимояи он бо гунаҳкор вобаста буд. Ҳамзамон, дар адабиёти он давра байни чунин мафҳумҳо, ба монанди «сӯиистифода аз боварӣ» ва «сӯиистифода аз қобилияти гумроҳӣ» фарқ гузошта мешуд. Илова бар ин, фарқияти байни вайронкунии боварӣ ва дигар ҷиноятҳо, ба монанди дуздӣ ва қаллобӣ вуҷуд дошт[58].

Марҳилаи дигар дар инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ин қабули Маҷмуи қонунҳои ҷиноятии соли 1903 мебошад, ки меъёрҳои он пурра ба қувваи амал надаромаданд. Бахусус он меъёрҳои Маҷмуи қонунҳои ҷиноятии соли 1903 ба қувваи амал надаромаданд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани муносибатҳои хусусияти иқтисодидошта пешбинӣ менамуданд.

Дар Маҷмуи қонунҳои ҷиноятии соли 1903, дар боби XVI «Дар бораи назорати косибӣ ва савдо» ҷавобгарӣ барои саркашӣ аз пардохт барои кушодани ҷамъияти тиҷоратӣ ё саноатӣ ё шарикӣ, ташкилоти қарзии хусусӣ ё давлатӣ, ташкилоти бонкӣ ё саррофон, комиссия ё идораи маълумотдиҳӣ оид ба корҳои хусусӣ, бонки қарзӣ пешбинӣ шудааст (моддаи 318); дидаю дониста ҷойгиркунии маълумоти бардурӯғ дар аризаҳое, ки ба андоз аз тақсимот барои мавҷудият, тамоюли кам кардани ин андоз ё озод кардан аз он, дар бораи гардиш ва фоидаи корхонаҳои савдо ё саноатӣ (моддаи 327); саркашӣ аз пардохт барои ташкили лотереяи оммавӣ (м. 332) ва монанди инҳо муқаррар шуда буд.

Дар моддаҳои 577, 578, 579, 580 Кодекс Маҷмуи қонунҳои ҷиноятии соли 1903 ба монанди Маҷмуаи қонунҳо дар бораи ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ соли 1845 муқарраpот дар бораи сӯиистифодаи шахси алоҳида ба зарари роҳбарони онҳо мавҷуданд. Таҳлили ин санадҳоро ҷамъбаст намуда, бояд қайд кард, ки кирдорҳои алоҳида, ки бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла фиреб ё сӯиистифода аз

[58] Ниг.: Фойницкий И.Я. Уголовное право. Часть Особенная. Посягательства на личность и имущество. – СПБ., 1893. – С. 243; Кистяковский А.Ф. Рецензия к Руководству к Особенной части Русского уголовного права Н.А. Неклюдова. – СПб., 1879. – С. 4; Фойницкий И.Я. Курс уголовного права. Часть Особенная. Посягательства личные и имущественные. – Петроград: Юридическое издательство при Петроградском университете, 1916. - С. 355, 358-359.

боварӣ, зарар расонидаанд, аллакай дар санадҳои аввалини қонунгузории Тоҷикистон дар ҳайати Русия ғайриқонунӣ эътироф карда шуданд.

Бо мурури замон, бо тағйир ёфтани шароити зиндагии ҷомеа, чунин меъёрҳо ҳар чи бештар шуданд, ки ин асосан аз сабукии қонунгузорӣ ва сатҳи пасти малакаҳои умумигардонӣ дар сохтани манъкуниҳои қонуни ҷиноятӣ вобаста буд. Бояд қайд кард, ки корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муддати тулонӣ миқдори зиёди меъёрҳои фарқкунанда ва аксар вақт зиддиятнокро истифода мебурд, ки ба низом даровардани онҳоро танҳо дар аввали асри XIX олим ва ходими барҷастаи сиёсӣ М.М. Сперанский анҷом дод. Илова бар ин, муддати тулонӣ тақсимот ба манъкуниҳои қонуни ҷиноятӣ ба маънои муосири онҳо ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вуҷуд надошт, қонунҳо манъкуниҳои умумиоммавиро дар бар мегирифтанд, ки баъдан, дар сурати мавҷуд набудани дастурҳои возеҳ, дар қисматҳои гуногуни қонунҳои ҷиноятӣ ҷойгир карда шуданд.

Марҳилаи навбатии таърихи инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон бо Инқилоби Сотсиалистии Октябр дар соли 1917 алоқаманд аст, ки гузариш ба системаи нави иҷтимоию иқтисодиро нишон дод, ки дар он ба ҳифз ва таҳкими моликияти сотсиалистӣ аҳаммияти махсус дода мешуд. Ин тағйироти куллӣ дар тамоми системаи қонунгузорӣ, аз ҷумла дар соҳаитанзими муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ тағйиротҳоро ворид намуд[59]. Аввалин санадҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии давраи шӯравӣ: «Декрет дар бораи замин» аз 26 октябри соли 1917, «Декрет дар бораи сулҳ» аз 26 октябри соли 1917, Декрет «Дар бораи қатъ намудани ҷазои қатл» аз 26 октябри соли 1917, Декретҳои судии рақамҳои 1, 2 ва 3, Асосҳои роҳбарикунанда оид ба ҳуқуқи ҷиноятии РСФСР с. 1919, Кодекси ҷиноятии РСФСР с. 1922. Асосҳои қонунҳои ҷиноятии Иттифоқи РСС ва республикаҳои иттифоқӣ с. 1924 буданд ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои

[59] Ниг.: Изосимов С.В., Чупрова А.Ю. Лжепредпринимательство (ст. 173 УК РФ): юридический анализ, квалификация, причины и меры предупреждения. – Н. Новгород: Нижегородская академия МВД России, 2009. – С. 43.

расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар онҳо ба таври гуногун муқаррар шуда буданд.

Таҷовуз ба моликият дар Кодекси ҷиноятии РСФСР дар боби VI «Ҷинояти молу мулкӣ» дохил шуда буд, ки дар он қаллобӣ ҷойи махсусро ишғол мекард. Аз соли 1922 тафсири қаллобӣ хеле васеъ карда шуд. Он ҳамчун ба даст овардани молумулк ё ҳуқуқ ба моликият бо мақсади ғаразнок тавассути сӯиистифода аз боварӣ ё фиреб фаҳмида мешуд. Ҳамзамон, қонунгузор фиребро ҳамчун изҳори маълумоти бардурӯғ ва инчунин дидаву дониста пинҳон кардани ҳолатҳое, ки иттилоъ доданашон ҳатмӣ буд, муайян кард. Аммо, қонунгузор усули дуввуми содир намудани қаллобиро муайян накардааст.

Бо вуҷуди ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми сӯиистифода аз боварӣ (эътимод) истифода шудааст, масалан, А.А.Жижиленко «сабабро тавассути истифодаи номатлуби ҳуқуқҳои аз ин вазифа бармеояд»[60] мефаҳмад.

Дар давраи амали Кодекси ҷиноятии РСФСР соли 1922, на ҳама олимон бо он розӣ буданд, ки сӯиистифода аз боварӣ танҳо роҳи содир кардани қаллобӣ мебошад. Масалан, С.В. Познишев изҳор дошт, ки чунин танзим танҳо нишон медиҳад, ки «мураттибони Кодекс ҷудо кардани сарҳади сӯиистифода аз боварӣ аз қаллобиро ва аломатҳои муҳимми ин ҷиноятҳоро ба таври кофӣ коркард накарда буданд»[61]. Баъдтар, М.Д.Шаргородский инчунин қайд кард, ки сӯиистифода аз боварӣ як навъи мустақили ҷиноят алайҳи моликият аст ва омезиши он ба як модда бо қаллобӣ душвор аст[62].

Ҳамин тариқ, дар Кодекси ҷиноятии соли 1922-и РСФСР қонунгузор меъёри алоҳида дар бораи ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкиро бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ муқаррар накардааст. Аммо, бо такя ба андешаи олимон, мо чунин мешуморем, ки қонуни мазкур муқарраротро

[60] Жижиленко А.А. Преступления против имущества и исключительных прав. – Л.: Рабочий суд, 1928. – С. 118.
[61] Познышев С.В. Очерк основных начал науки уголовного права. Том второй. Особенная часть. – М.: Юридическое издательство Наркомюста, 1923. – С. 137.
[62] Ниг.: Шаргородский М.Д. Мошенничество в СССР и на Западе. – Харьков: Юридическое издательство НКЮ УССР, 1927. – С. 24-28.

оид ба ҳолатҳои мушаххаси чунин рафтори ҷиноятӣ дар бар мегирад, масалан, сари вақт пардохт накардани шаҳрвандони алоҳида ё саркашӣ аз супоридани андоз, нақд ё натуравӣ (м. 79); пинҳон кардан ё шаҳодати бардурӯғ, ки бо мувофиқаи тарафайн дар бораи миқдори андозбандӣ ё баҳисобгирии ашё ва маҳсулот ташкил карда шудааст (м. 80); бастани шартномаҳо ва муомилоти зиёновар (м. 128 а) ва ғайра.

Номи бобе, ки дар Кодекси ҷиноятии 1926-и РСФСР муносибатҳои моликиятиро ҳифз мекард, ба монанди Кодекси ҷиноятии соли 1922, ки аз бисёр ҷиҳат номукаммал буд, тағйир наёфт. Лекин қаллобӣ (м. 169) ҳамчун «сӯиистифода аз боварӣ ё фиреб бо мақсади ба даст овардани моликият ё ҳуқуқ ба моликият ё дигар манфиатҳои шахсӣ» муайян карда шуд. Мисли пештара, сӯиистифода аз боварӣ таҷовуз ба категорияи «манфиатҳои дигари шахсӣ» тавсеа дода шуд, ки маънои манфиатҳои хусусияти моликиятиро дошт, ба монанди ҳуқуқи ишғол кардани ҳуҷра, гирифтани таъинот дар мансаб ва ғайра.

Яке аз шартҳои ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҷорӣ кардани м. 163 «Дуздии неруи барқ» буд. Қайд кардан муҳим аст, ки пас аз гум кардани қувваи қонунии Кодекси ҷиноятии РСФСР дар соли 1926, меъёри муқарраркунандаи манъи ҷиноятӣ-ҳуқуқии дуздии барқ дигар ҳамчун меъёри алоҳида ҷудо карда нашуд. Дар баробари ин, то имрӯз дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бораи мақсаднокии мавҷудияти он баҳсҳо мавҷуданд.

Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттифоқи Шӯравӣ ва республикаҳои иттифоқӣ с. 1958 муҳимтарин қонуни ҷиноятӣ, ки муайянкунандаи принсипҳо ва муқарраркунандаи ақидаҳои умумии қонунгузории ҷиноятии Иттифоқи Шӯравӣ ва республикаҳои иттифоқӣ ва базаи ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии ҷумхуриҳои иттифоқӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар як давраи муайян меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон дар ҳудуди Тоҷикистон амал мекард. Дар

байни сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ҷойи махсусро КҶ ҶШС Ӯзбекистон ишғол менамуд, ки бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Ӯзбекистон аз 16-уми июни соли 1926 дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон амал менамуд[63].

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9-уми майи 1935 қабул гардида, 15 июни соли 1935 дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба қувваи амал даромад, ки давраи муҳим дар инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо ин қарор амали КҶ ҶШС Ӯзбекистон дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон бекор карда шуд. Ин нахустин КҶ ҶШС Тоҷикистон мебошад, ки нақш ва аҳаммияти муҳимро дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебозад. Кодекси мазкур мутобиқи қонунҳои умумииттифоқӣ бо инъикоси хусусиятҳои ҷомеаи Тоҷикистон сохта шуда буд[64].

Барои ошкор намудан ва фаҳмиши амиқи қонуниятҳои инкишофёбии қонунгузорӣ дар бораи расонидани зарар ва шаклҳои ҷиноятҳо муқобили моликият Указі Президиуми Совети Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ»[65] аҳаммияти калон дорад.

Дар Укази мазкур қонунгузор чунин муқаррар менамуд: «Бо мақсади муқаррар намудани ягонагии қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва пурзӯр намудани мубориза бо чунин ҷиноятҳо, Президиуми Совети Олии ИҶШС қарор мекунад:

1. Дуздӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё дигар тасарруфи моликияти давлатӣ – ҷазо дода мешавад бо маҳбаснамоӣ дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз ҳафт то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он.

---

[63] Ниг.: Уголовный кодекс Узб. ССР 1926 г. // Собрание Узаконений УзССР. – №11 – 12. – Ст. 54.
[64] Ниг.: Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР. – Сталинабад: Изд-во Таджик. гос. ун-та, 1960. – С. 122.
[65] Ведомости Верховного Совета СССР. – 1947. – №19.

2. Тасарруфи моликияти давлатӣ, ки такроран, ҳамчунин аз ҷониби гурӯҳ (шайка) ё ба андозаи калон содир шудааст – ҷазо дода мешавад бо ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз даҳ то бист сол бо мусодираи молу мулк .

3. Дуздӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё дигар тасарруфи моликияти колхозӣ, кооперативӣ ё дигар моликияти ҷамъиятӣ – ҷазо дода мешавад бо ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он.

4. Тасарруфи моликияти колхозӣ, кооперативӣ ё дигар моликияти ҷамъиятӣ, ки такроран, ҳамчунин аз ҷониби гурӯҳи муташаккил (шайка) ё ба андозаи калон содир мешавад – ҷазо дода мешавад бо ҷойгир кардан дар лагерҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати аз ҳашт то бист сол бо мусодираи молу мулк.

5. Хабар надодан ба мақомоти ҳокимият дар бораи тасарруфи аниқ маълуми тайёршудаистода ё тасарруфи содиршудаи моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки дар моддаҳои 2 ва 4-и Укази мазкур пешбинӣ шудаанд, ҷазо дода мешавад бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то се сол ё бадарға ба муҳлати аз панҷ то ҳафт сол»[66].

Бояд таъкид намуд, ки Укази мазкур номгӯйи пурраи шаклҳои тасарруфро муқаррар наменамуд. Ба сифати шаклҳои тасарруф қонунгузор танҳо дуздӣ, азонихудкунӣ ва исрофкориро номбар менамуд. Чунин сохти қонунгузории меъёри мазкур имкон медод, ки ғоратгарӣ ҳамчун шакли тасарруфнамоӣ эътироф шавад. Ин аз ҷумла тасдиқи он ҳолат аст, ки дар ин давра қиёси қонун ҷой дошт. Қонуни мазкурро маънидод намуда З.А. Вишинская иброз менамуд, ки бо роҳи ҷинояти ба даст овардани молу мулки сотсиалистӣ мумкин аст, бо роҳи дуздӣ, қаллобӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ,

[66] Ниг.: Ведомости Верховного Совета СССР. – 1947. – №19. – С. 176-177.

ҳуҷуми зӯроварона (роҳзанӣ), бо роҳи сӯиистифодаи шахси мансабдор аз мақоми хизматӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ содир шавад[67].

Тавре ба назар мерасад, ғоратгарӣ аз номгӯйи шаклҳои тасарруф ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам назариявӣ дур мегардад. Назариячиёни ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар ҷонибдори он мавқеъ буданд, ки ғоратгарӣ ва дуздӣ бо ҳам муттаҳид карда шуда, мафҳуми дуздӣ ҳамчун тасарруфи ниҳонӣ ва ошкоро мустаҳакам гардад[68].

Мавқеи мазкур аз он асос мегирифт, ки дар Указн Президиуми Совети Олии ИҶШС аз 4 июни соли 1947 «Дар бораи пурзӯр намудани ҳифзи моликияти шахсии шаҳрвандон» 39 дуздӣ мутобиқи м. 1-и он ҳамчун ниҳонӣ ё ошкоро тасарруф намудани моликияти шахсии шаҳрвандон муайян мегашт.

Бояд зикр кард, ки то қабули Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар шакли имрӯза пешбинӣ нашуда буд.

Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961, ки дар заминаи ин Кодекс қабул гардид, дуздии неруи барқро дар моддаи 94 муқаррар намуд.

Моддаи 94 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аввалин меъёрест, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои расонидани зарари молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ бидуни аломатҳои тасарруф пешбинӣ мекунад ва он алтернатива ба қаллобӣ буд. Ҳамин тавр, ин намуди ҷиноят дар м. 93 (боби II «Ҷиноятҳо алайҳи моликияти сотсиалистӣ») ва м. 147 (боби V «Ҷиноятҳо алайҳи моликияти шахсии шаҳрвандон») муқаррар гардида буд, дар ҳоле ки манъи расонидани зарари молу мулкӣ танҳо дар боби II муқаррар карда шудааст.

Меъёри нав, яъне м. 94 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961, амали худро ба таҷовузҳое паҳн кард, ки дар натиҷаи он ба давлат ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар шакли фоидаи аз даст додашуда зарари молу

[67] Ниг.: Вышинская З.А. Об уголовной ответственности за хищение государственного и общественного имущества. – М., 1948. – С. 10.
[68] Ниг.: Советское уголовное право. Часть Особенная: Учебник / Под ред. А.А. Герцензона и З.А. Вышинской. – М., 1951. – С. 150.

мулкӣ расонида мешуд. Дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 31 марти соли 1962 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои тасарруфи молумулки давлатӣ ва ҷамъиятӣ» тавзеҳ дода шудааст, ки расонидани зарари молу мулкӣ ба давлат дар натиҷаи саркашӣ аз пардохти андоз ё дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ бо м. 94 КҶ ҶШС Тоҷикистон бандубаст карда мешуд[69]. Диққат ба он ҷалб карда мешавад, ки бо маҷмуи ҷиноятҳои м. 94 ва м. 147 КҶ ҶШС Тоҷикистон, вақте ки гунаҳкорон бо роҳи фиреб аз «муштарӣ» аз арзиши воқеии хидмати расонидашуда пардохт мегиранд, кирдорро бандубаст намуд.

Сарфи назар аз он, ки расонидани зарари молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба қаллобӣ шабоҳат доштан, дар байни инҳо як қатор фарқиятҳо мавҷуд буданд. Ҳамин тавр, таркиби ҷинояти пешбининамудаи м. 94 КҶ ҶШС Тоҷикистон метавонад танҳо дар сурате ҷой бошад, ки агар ҷинояткор дар натиҷаи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ воқеан молумулкро аз фонди молик намегирад ва зарар танҳо дар натиҷаи интиқол надодани молу мулке, ки бояд ба фонди молик мерафт, расонида мешавад ва дар натиҷа ҷинояткор фоидаи моддӣ мегирад, фаҳмида мешавад.

Напардохтани пардохтҳо барои истифодаи газ, барқ, манзил, истифодаи ғайриқонунии молу мулке, ки дар ҷойи кор ба шахси гунаҳкор бовар карда шудааст, фурӯши ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё дуздида, чиптаҳои сафар, чиптаҳо барои иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ – ҳамаи ин амалҳо тибқи м. 94 КҶ ҶШС Тоҷикистон бандубаст карда мешуданд.

Аммо на ҳама олимон мавқеи қонунгузорро дастгирӣ намуданд ва мавқеи худро бо он асоснок карданд, ки саркашӣ аз пардохти истифодаи неруи барқ, гармӣ ва газ, инчунин пайвастшавии ғайримуқаррарӣ ба шабакаҳои барқӣ бояд ҳамчун як ҷинояти мустақил ҷудо карда шавад[70]. Гузашта аз ин, як қатор муаллифон, барқ, энергияи гармӣ ва газро ба предмети дуздӣ нисбат дода,

[69] Ниг.: Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 31 марта 1962 г. – №5 «О судебной практике по делам о хищениях государственного и общественного имущества».
[70] Ниг.: Гельфер М. О квалификации незаконного пользования электрической и другой энергией / М. Гельфер // Социалистическая законность. – 1983. – №8. – С. 48-49.

пешниҳод карданд, ки амалҳои ҷиноятии дар боло овардашуда ҳамчун дуздӣ дониста шаванд[71].

Масъалаи мазкур 13 июни соли 1986 бо Указа Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон бо муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои дар рӯзгор истифода бурдани энергия ё газ (м. $94^2$ КҶ ҶШС Тоҷикистон) ҳалли худро ёфт. Дар асоси м. $94^2$ КҶ ҶШС Тоҷикистон худсарона ба мақсадҳои ғаразнок истифода бурдани энергияи электрик ё ҳароратӣ ва ё газ, ҳамчунин вайрон кардани қоидаҳои дар рӯзгор истифода бурдани энергияи электрик ё ҳароратӣ ва ё газ, ки баъди додани ҷазои маъмурӣ барои ҳамин гуна ҳуқуқвайронкунӣ содир шудааст, ё ки зарари ҷиддӣ расонидааст, ҷиноят эътироф мегардид. Таҷрибаи мазкур дар м. 253 КҶ ҶТ бевосита ба назар гирифта нашудааст. Ҳарчанд, ки ин кирдор бо м. 253 КҶ ҶТ дар амалия бандубаст карда мешавад.

Бо ба даст овардани иқтисолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон зинна ба зинна қонунгузории худро қабул намуд. Конститутсияи ҶТ, ки соли 1994 қабул гардид дар моддаи 12 давлат ба зиммаи худ уҳдадорӣ гирифтааст, ки тамоми шаклҳои моликиятро ҳифз менамояд. Аз муқарраароти моддаи зикргардидаи Конститутсияи ҶТ муносибатҳои гуногуни моликиятӣ ба вуҷуд меояд. Барои иҷрои уҳдадории ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон давлат чун субъекти дорои ҳуқуқи ҳокимиятӣ барои вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандону ташкилот ва муассисаҳо бо роҳи фаъолияти қонунгузории худ, ҷавобгарии ҳуқуқиро муқаррар мекунад.

Ҳуқуқ ба моликиятро соҳаи ҳуқуқи маданӣ дар доираи предмети батанзимдадории худ, танзим менамояд. Дар қонунгузории маданӣ зери мафҳуми моликият категорияи ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои

[71] Ниг.: Бойко А.И. Уголовно-правовая квалификация незаконного пользования электроэнергией / А.И. Бойко // Вопросы борьбы с преступностью. – 1985. – Вып. 42. – С. 42; Навроцкий В. Уголовная ответственность за незаконное пользование электрической и другими видами энергии / В. Навроцкий // Социалистическая законность. – 1984. – №2. – С. 49-50.

ҳуқуқиро байни соҳибмулк ва дигар аъзои ҷомеа оид ба доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк пайдо мекунад.

Баъдан 30-юми ноябри соли 1992 Қонуни ҶТ «Дар хусуси тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ – барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи молу мулки онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии ҶТ нигаронида шудаанд» қабул мегардад[72].

17-уми феврали соли 1996 бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳо – иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Кодекси моделии ҷиноятии 48 давлати аъзои ИДМ қабул гардид, ки он санади қонунгузории тавсиявӣ ба ҳисоб мерафт. Кодекси мазкур ҷавобгариро барои расонидани зарари молумулки бо роҳи фиреб ё сӯистифода аз боварӣ чун як шакли ҷинояти ба тасарруф алоқаманднабуда новобаста аз шакли моликият дар як модда муқаррар менамуд. Минбаъд меъёри мазкури Кодекси моделии ҷиноятӣ, бо баъзе аз тағйиротҳо дар КҶ ҶТ соли 1998 ифодаи худро пайдо намуд.

Дар сурати вайрон карда шудани меъёрҳои қонунгузории граждании ҶТ, соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ рӯйи кор меояд, ки таъиноти ин соҳаи ҳуқуқ аз ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мебошад. Дар ҷомеае, ки дар он ҷо моликияти хусусӣ дар сатҳи конститутсионӣ эътироф карда мешавад, ҳатман муносибатҳои иқтисодӣ пайдо мешавад. Бинобар ин, Кодекси ҷиноятии ҶТ, ҳамчун санади кодификатсионии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат дар фасли 11 ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиётро пешбинӣ менамояд, ки он аз ду боб: боби 26 ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва боби 27 ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, иборат мебошад. Боби 26 дар худ 14 таркиби ҷиноятро (моддаҳои 244-257 КҶ ҶТ) дар бар мегирад.

Дар боби 26 КҶ ҶТ ҳамагӣ ду номгӯйи ҷиноят ҳаст, ки ба тасарруф алоқамандӣ надоранд. Инҳо дар моддаи 252 (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани

[72] Ниг.: Ведимостҳои Совети Олии ҶТ. – 1992. – №24 (1033). – м. 345.

автомобиль ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф) ва моддаи 253 (расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ) КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Яке аз ҷиноятҳое, ки ба тасарруф алоқаманд намебошад, ин расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ мебошад, ки дар моддаи 253 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Дар асоси моддаи мазкур барои расонидани зарари молу мулкӣ ба молик ё дигар соҳиби молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тавр, ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи бовариро таҳлил ва баррасӣ намуда, ба чунин хулосаҳо омадан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Таҳлил сарчашмаҳои ҳуқуқии замони зардуштия ва ислом нишон доданд, ки расонидани зарари молу мулкӣ дар шаклҳои гуногун ҳамчун ҷиноят эътироф гардида, барои ҷазои ҷиноятӣ пешбнӣ шудааст.

2. Қонунгузории ҷиноятии пешазинқилобиро омӯхта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои расонидани зарари молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ қоидаи ягона пешбинӣ нашудааст. Фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ ҳамчун воситаи мустақили содир кардани ҷиноятҳо ба муқобили моликият ҳисобида мешуданд. Танҳо фиреб ҳамчун усули содир кардани қаллобӣ ва сӯиистифода аз боварӣ, ҳамчун усули расонидани зарари молу мулкӣ эътироф карда мешуд.

3. Расонидани зарари молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳамчун як ҷинояти мустақил дар қонунгузории ҷиноятии дохилӣ танҳо дар асри XX пайдо шуд. Аммо, қонунгузор дар тули беш аз ҳазор соли рушди қонунгузории ҷиноятӣ як қатор кӯшишҳоро барои муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои амалҳои шабеҳи ҷинояти муосири дар моддаи 253 КҶ ҶТ пешбинишуда муқаррар кардааст.

4. Ба КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1960 ворид намудани м. 94 ва дар КҶ ҶТ

м. 253, муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, натиҷаи пешбинишударо ба бор наоварда ва боиси мушкилоти зиёде дар амалияи татбиқи қонунгузорӣ гардид, ки вобаста ба фарқ кардани амали нав криминализатсияшуда аз амалҳои марбут ба ҳамин тарз содиршуда ва уҳдадориҳои деликтӣ алоқаманд буданд.

5. Дар асоси м. 94[2] КҶ ҶШС Тоҷикистон худсарона ба мақсадҳои ғаразнок истифода бурдани энергияи электрик ё ҳароратӣ ва ё газ, ҳамчунин вайрон кардани қоидаҳои дар рӯзгор истифода бурдани энергияи электрик ё ҳароратӣ ва ё газ, ки баъди додани ҷазои маъмурӣ барои ҳамин гуна ҳуқуқвайронкунӣ содир шудааст, ё ки зарари ҷиддӣ расонидааст, ҷиноят эътироф мегардид. Таҷрибаи мазкур дар м. 253 КҶ ҶТ бевосита ба назар гирифта нашудааст. Ҳарчанд, ки ин кирдор бо м. 253 КҶ ҶТ дар амалия бандубаст карда мешавад.

## 1.2. Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ

Дар охири асри XIX ва аввали асри XX, Раймонд Селиллес ва дигарон усули ҳуқуқшиносии муқоисавиро асосан ҳамчун воситаи такмил додани қонунгузории дохилӣ ва таълимоти ҳуқуқӣ эътироф намуда буданд. Дар охири асри XX бошад, бештари олимони ҳуқуқӣ дар Аврупо чунин меҳисобиданд, ки ҳуқуқи муқоисавӣ воситаи зарурӣ барои ҳамоҳангсозии ҳуқуқ дар байни давлатҳо мебошад[73]. Патрик Гленн усули муқоисавӣ-ҳуқуқиро ҳамчун а) воситаи таълим ва дониш[74] (маълумот дар бораи ҳуқуқ дар ҷойи дигаре ҳамчун дарк кардани он), б) ҳуқуқи муқоисавӣ ҳамчун воситаи таҳаввулотӣ ва таксономикӣ (эволютсияи умумӣ, дигаргуниҳои диахронӣ, оилаҳои ҳуқуқӣ), в) пешбурди низоми ҳуқуқии худ (фаҳмиши беҳтари он, аз ҷумла муқовимат

---

[73] Ниг.: Saleilles R. Droit civil et droit compare. Revue inter. – Enseignement, 1911. – P. 22; Siems M. Comparative Law. – Cambridge: Cambridge University Press, 2014. – P. 64; Lemmens K. Comparative Law as an Act of Modesty: A Pragmatic and Realistic Approach to Comparative Legal Scholarship, in: M. Adams & J. Bomhoff, Practice and Theory in Comparative Law. – Cambridge: Cambridge University Press, 2012. – P. 302-325.

[74] Ниг.: Patrick Glenn H. The Aims of Comparative Law, in: J.M. Smits (ed.), Elgar Encyclopedia of Comparative Law. – Cheltenham: Edward Elgar 2006. – P. 57-65.

ба анъанаҳо, такмил додани он, истифодаи он ҳамчун воситаи тафсири қонун) ва г) ҳамоҳангсозии қонун маънидод намуда буд[75].

Ҳадафи таҳқиқоти муқоисавӣ, муттаҳид намудани як қисми қонунгузории ватанӣ мебошад, ки бидуни муқоисаи берунӣ инкишофи он комилан имконпазир аст. Агар ҳадаф мувофиқат кардани қонун, масалан, дар доираи ИДМ бошад, пас барои ин мақсад аллакай муқоисаи низомҳои ҳуқуқии ҷалбшуда пешбинӣ шудааст, аммо он, инчунин, усули татбиқшавандаро муайян менамояд, зеро диққати асосӣ ба умумият, қоидаҳои умумии муқоиса дода мешавад.

Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои фаҳмидани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳое, ки ҷомеаи муайянро идора мекунанд, равона карда шудааст. Барои ноил шудан ба ин фаҳмиш, мо бояд малакаҳои тафаккури интиқодӣ инкишоф дода, онҳоро ба таври илмӣ ва бетарафона ба кор барем[76]. Дар ин ҷо бояд аз ғаразҳои дохилӣ, табиӣ раҳоӣ ёфта, маълумотро ба таври объективӣ таҳқиқ намудан мумкин аст. Ин аз як тараф водор мекунад, ки ба экзотизм машғул шуда, омӯхтан ва тавзеҳ додани қувваҳои субструктурӣ, бунёдӣ, ки қонунро ташаккул додан мумкин аст. Ҳамчун маҳсулоти фарҳангӣ ба таври худкор қувваҳои пинҳониро, ки дар зери зуҳури қонун амал мекунанд, эҳсос кардан мумкин аст. Дар ин ҷо бояд ба обзорҳои антрополог ё бостоншинос муроҷиат карда, омӯхтани зерсохтори асосии маълумот, ки дар фарҳанг ҷой доранд, ба роҳ монда шавад. Бо истифода аз ин малакаҳо, фарҳанги дигаронро беҳтар дарк карда метавон[77].

Аз ин рӯ, тавре ки Вивиан Карран қайд мекунад, компаративист бояд ба «таъмиди фарҳангӣ» машғул шавад. Ин усул «дар заминаҳои сиёсӣ, таърихӣ,

---

[75] Ниг.: Sacco R. Legal Formants. A Dynamic Approach to Comparative Law / R. Sacco // American Journal of Comparative Law. – 1991. – P. 1-34 (part I). – P. 343-401 (part II).
[76] Ниг.: Jerome Kirk & Marc L. Miller, Reliability and validity in qualitative research 10-19 (1986); Mattei Dogan & Ali Kazancigil, comparing nations: concepts, strategies, substance, 1994. – P. 57; Mattei Dogan & Dominique Pelassy. How to compare nations / Dogan Mattei & Pelassy Dominique // Strategies in comparative politics. – 1990. – 2d ed. – P. 3-37; Günter Frankenberg. Critical Comparisons: Re-thinking Comparative Law, 26 HARV. INT'L L.J. 411, 439, 443 (1985). Suggesting that we need to undertake a critical self-examination.
[77] Ниг.: Edward J. Eberle. The Method and Role of Comparative Law, 8 Wash. U. Global stud. L. REV. 451 (2009) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://openscholarship.wustl.edu/law_globalstudies/ vol8/iss3/2 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

иқтисодӣ ва забонӣ ворид шуданро талаб мекунад, ки системаи ҳуқуқиро ташаккул додаанд. Ин шарҳи тафаккури гуногуни фарҳангиро талаб карда[78], мафҳумҳо, эътиқод ва сабабҳои қонунро дар назар гирифта, сабаби ҳуқуқӣ, фалсафӣ ё фалсафаи ҳуқуқӣ, ки қонун ва роҳнамоӣ ва сохтори онро муайян мекунад, ба назар гирифт. Ҳақиқатро қонун бидуни дарк кардани фарҳанги ба он асосёфта фаҳмида наметавонад. Ва барои фаҳмидани фарҳанг, бояд аз назорати мушаххас, малакаҳои забоншиносӣ ва таъмид дар муҳити зист ва шароити иҷтимоӣ истифода кунем.

Истифодаи усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ақидаи олим рус А.А. Малиновский аҳаммияти зерин дорад: а) таҳлили қонунгузорӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонад шакли идоракунии давлат ва режими сиёсии онро тавсиф диҳад. Масалан, ҳангоми таҳлили ҷиноятҳои давлатӣ мо метавонем муайян намоем, ки ин давлат президентӣ аст ё монархӣ; б) тавассути усули муқоисавӣ ҳуқуқӣ муайян намудан мумкин аст, ки чаро дар як давлат ҳамон як кирдор ҷиноят аст ва дар дигар давлат он ҳаркати қонунӣ аст; в) ин усул яке аз тарзу воситаи мукаммалнамоии қонуни ҷиноятӣ мебошад[79].

Усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ- таҳлили ин ё он институтҳо, категорияҳо ва мафҳумҳои (масалан, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ) ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ бо роҳи муқоиса кардани мазмуни онҳо бо институтҳо, категорияҳо ва мафҳумҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ мебошад. Лозим ба қайд аст, ки илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ таҷрибаи бисёреро дар татбиқи ин гуна усул андӯхтааст. Вале гузариш ба ғояҳои арзишноки умумибашарӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз нав дида баромадани вазифаҳоеро дар назар дорад, ки дар назди муҳаққиқон ҳангоми истифодаи ин усул меистанд. Зеро вазифаи қаблии ҳизбӣ-ғоявии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ имконияти потенсиалии усули номбурдаро ба таври ҷиддӣ маҳдуд

[78] Ниг.: Vivian Grosswald Curran. Dealing in Difference: Comparative Law’s Potential for Broadening Legal Perspectives. – 46 AM. J. COMP. L. – 657, 659, 661 (1998).
[79] Ниг.: Малиновский А.А. Сравнительное правоведение в сфере уголовного права. – М., 2002. – С. 8-9.

намуда, асосан онро бо фош кардани назарияи реаксионии ҳуқуқи ҷиноятии буржуазӣ ва моҳияти реаксионӣ доштани худи қонунгузории ҷиноятии буржуазӣ алоқаманд менамуд. Дар ин ҷода дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ кушоду равшан ба «зиёдатӣ» даст задан роҳ дода шудааст. Танқид меъёри объективонаи худро аз даст дода, худи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ табиатан аз чунин муносибат бисёр хислатҳоро гум кардааст[80].

Ҳангоми истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар таҳлили ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ бояд ба вазифаҳои он диққат дода шавад. Зеро, интихоби мавзуи муқоисашаванда, омӯзиши объектҳои муқоисавӣ дар алоҳидагӣ ва муқаррар намудани нишонаҳои муҳимтарини онҳо, муқоисаи нишонаҳои ҳосилшуда ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои умумӣ (ба монанди объект ва тарафи объективии ҷиноят) ва фарқкунандаи ҳодисаҳои таҳлилшаванда (тарзу воситаи содиркунии ҷиноят), барои дуруст хулосабарорӣ намудани таҳқиқот аҳаммияти хосса дорад.

Дар м. 12 Конститутсияи ҶТ давлат ба зиммаи худ уҳдадорӣ гирифтааст, ки тамоми шаклҳои моликиятро ҳифз намояд. Аз муқаррароти моддаи зикргардидаи Конститутсияи ҶТ муносибатҳои гуногуни моликиятӣ ба вуҷуд меоянд. Барои иҷрои уҳдадории ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон давлат чун субъекти дорои ҳуқуқи ҳокимиятӣ барои вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандону ташкилот ва муассисаҳо бо роҳи фаъолияти қонунгузории худ, ҷавобгарии ҳуқуқиро муқаррар мекунад. Чи тавре аз назарияи давлат ва ҳуқуқ маълум аст, соҳаҳои ҳуқуқ вобаста ба намудашон ба соҳаҳои моддии ҳуқуқӣ ва соҳаҳои мурофиавии ҳуқуқӣ тақсим мешаванд. Инчунин вобаста ба мавзуи батанзимдарорӣ соҳаҳои ҳуқуқ ба соҳаҳои танзимкунанда ва ҳифзкунанда ҷудо шудаанд.

Ҳуқуқ ба моликиятро соҳаи ҳуқуқи маданӣ дар доираи предмети батанзимдадории худ, танзим менамояд. Дар қонунгузории маданӣ зери

---

[80] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 27.

мафҳуми моликият категорияи ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои ҳуқуқиро байни соҳибмулк ва дигар аъзои ҷомеа оид ба доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк пайдо мекунад. Дар сурати вайрон карда шудани меъёрҳои қонунгузории граждании ҶТ, соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ рӯйи кор меояд, ки таъиноти ин соҳаи ҳуқуқ аз ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мебошад. Дар ҷомеае, ки дар он ҷо моликияти хусусӣ дар сатҳи конститутсионӣ эътироф карда мешавад, ҳатман муносибатҳои иқтисодӣ пайдо мешавад. Дар тамоми давлатҳо таҷовуз ба муносибатҳои моликиятӣ мавҷуд аст. Бинобар ин, Кодекси ҷиноятии ҶТ, ҳамчун санади кодификатсионии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат дар фасли 11 ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиётро пешбинӣ менамояд, ки он аз ду боб: боби 26 ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва боби 27 ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, иборат мебошад. Боби 26 дар худ 14 таркиби ҷиноятро (моддаҳои 244-257 КҶ ҶТ) дар бар мегирад.

Дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои моликият диққати зиёд дода шудааст. Мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиноятҳои муқобили моликият бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҷиноятҳои маъмул дар бисёр кишварҳои ҷаҳон мебошанд. Аммо, таркиб ва ҷазо барои ин ҷиноятҳо дар ҳар як давлати алоҳида, хусусияти хоси худро доранд, ки ин бешубҳа диққатпазир аст.

Зиёда аз сад сол пеш, Н.Д. Сергеевский ба чунин хулоса омад, ки «таҳқиқоти илмӣ набояд бо ҳуқуқи мусбати ягон миллат маҳдуд карда шавад (қонунҳои миллӣ). Қонунҳои давлатҳои дигар ҳамчун маводи зарурӣ бояд истифода карда шаванд. Рӯ овардан танҳо ба дастовардҳои миллӣ маънои онро дорад, ки тамоми таърихи гузаштаро инкор карда, воқеиятро бо дарки худсарона иваз кунем[81]. Ақидаи ин муҳаққиқ аҳаммияти худро то ба имрӯз гум накардааст. Ба таҷрибаи қонуни ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ вобаста ба ҳифзи моликият аз таҷовузи ҷиноятӣ, ки бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз

[81] Ниг.: Ботвин И.В. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2016. – С. 33.

боварӣ содир мешавад, диққат додан барои мукаммалнамоии КҶ ҶТ аҳаммияти хосса дорад.

Мавзуи таҳқиқот пайваста бо қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ хоҳад буд, ки ҳангоми таҳлили он таҷрибае пайдо мешавад, ки барои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон муфид аст. Барои мақсадҳои ин таҳқиқот, давлатҳои хориҷӣ ба таври шартӣ тибқи оилаи ҳуқуқӣ тақсим шудаанд ва кишварҳои оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ таваҷҷуҳи бештар доранд, зеро низоми ҳуқуқии ҶТ ба ин оилаи ҳуқуқӣ дохил мешавад. Ин ба он вобаста аст, ки дар ин кишварҳо, дар ин ё он дараҷа, афзалияти салоҳияти мақомот ба чашм мерасад ва ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии таҷовуз ба моликият, ки бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ содир мешавад, пурра таъмин карда мешавад.

Омӯзиши нақш ва ҷойгоҳи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулки бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар давлатҳо таҳқиқшаванда ба мо имконият медиҳад, ки таҷрибаи мусбати онҳоро дар танзими манъи ҷиноятӣ нисбат ба ҷинояти баррасишанвада истифода барем.

Омӯзиши масъалаҳои марбут ба расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун ҷиноят нисбати моликият дар қонунгузории давлатҳои оилаи ҳуқуқии романо-германӣ аз нуқтаи назари муайян кардани дурнамои рушд ва такмили меъёрҳои дар м. 253 КҶ ҶТ пешбинишуда, дигар меъёрҳо ва институтҳои қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин амалияи татбиқи онҳо манфиатовар хоҳад буд. Мавзуи таҳқиқоти мо қонунгузории ҷиноятии Фаронса, Испания, Олмон, Швейтсария, Ҷопон ва Дания хоҳад буд.

*Кодекси ҷиноятии Фаронса* ҷинояти алоҳидаро оид ба ҷавобгарӣ барои содир кардани ҷинояти баррасишаванда муқаррар накардааст, аммо таркиби қаллобӣ расонидани зарареро, ки дар натиҷаи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба фаҳмиши қонунгузори Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст, фаро мегирад, зеро он фиреб додани шахси воқеӣ ё ҳуқуқиро тавассути истифодаи номи қалбакӣ, мавқеи қалбакӣ ё истифодаи амалҳои қаллобӣ ифода мекунад, ки бо мақсади

ба васваса андохтани шахс, ба фоидаи худ ё шахсони сеюм, интиқол додани маблағ, арзишҳо ё ягон молумулк, хизматрасонӣ ё пешниҳоди ҳама гуна ҳуҷҷате, ки дорои уҳдадорӣ ё озод шудан аз уҳдадорӣ мебошанд, содир мешавад. Ин таърифро, бешак, бояд аз ҷониби мусбат арзёбӣ кард, зеро он усулҳои содир намудани кирдори ғайриқонунӣ, доираи ҷабрдидагон ва инчунин ҳадафҳои содир намудани ҷиноятро ба таври муфассал муайян кардааст.

Кодекси ҷиноятии Фаронса дар м. 313-1 усулҳои зерини фиребро муайян мекунад: истифодаи номи бардурӯғ ё вазъи бардурӯғ, сӯиистифода аз ҳолати воқеӣ, истифодаи усулҳои фиреб[82]. Моддаи 313-4 Кодекси ҷиноятии Фаронса ҷавобгарии ҷиноятии шахсеро пешбинӣ мекунад, ки аз ҳолати нобоварӣ ё мавқеи сустии ноболиғ ё шахсе, ки осебпазирии махсус бинобар синну сол, беморӣ, ҷароҳат, маълулияти ҷисмонӣ ё руҳӣ ё ҳолати ҳомиладориаш ба гунаҳкор маълум аст, барои моил кардани ноболиғ ё ин шахсон ҷиҳати амал кардан ё даст кашидан аз амали муайян, ки барои ӯ ниҳоят зиёновар аст, ифода мегардад.

Дар ин ҷо сухан дар бораи вазъи махсуси ҷабрдида меравад, на дар бораи муносибатҳои боварии байни ҷинояткор ва ҷабрдида. Масалан дар баъзе моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои иқтисодӣ пешбинӣ намудаанд.

Инчунин, дар қонуни ҷиноятии Фаронса қайд кардани чунин амалҳо ба монанди сӯиистифодаи қаллобӣ ва қаллобии фиребона, ки ба қонунҳои ҷиноятии ҶТ номаълуманд, ҷолиби диқат аст. Сӯиистифода аз қаллобӣ ин истифодаи ҳолати нодонӣ, заифии руҳии шахси дигар бо мақсади маҷбур кардани ӯ ба содир кардани ягон амал ё беамалиие мебошад, ки барои ӯ хеле номусоид аст. Дар ин ҳолат, фарқи асосии байни сӯиистифодаи қаллобӣ ва қаллобӣ дар осебпазирии махсуси ҳолати ҷабрдидаи ҷиноят аст.

Мафҳуми фиреб дар моддаи 313-5 Кодекси ҷиноятии Фаронса инъикос

[82] Ниг.: Code pénal français [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.legifrance.gouv.fr/affichCode.do? cid Texte=LEGITEXT000006070719 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

ёфтааст. Тибқи ин муқаррарот, амали шахсе, ки бо вуҷуди он, ки ӯ тамоман қодир нест ягон намуди кор ва хизматрасониро пардохт кунад ё ба хулосае меояд, ки пардохт накунад, ва дидаву дониста талаб мекунад[83]:

– дар тарабхона ё қаҳвахона нӯшокиҳо ё хӯрокхӯриро фармоиш медиҳад;

– дар меҳмонхонаҳо ва дигар ҷойҳое, ки ҳуҷраҳоро иҷора медиҳанд, ҳуҷраҳоро ба иҷора мегирад ва маблағи онҳоро намедиҳад ва монанди инҳо.

Ҳамин тариқ, мутобиқи қонуни ҷиноятии Фаронса, парвандаҳои зарари молӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба таркиби қаллобӣ дохил шуда, мутобиқи м. 313 Кодекси ҷиноятии Фаронса бандубаст мегарданд. Ҳамзамон, қонунгузор номгӯйи васеи усулҳои содир намудани ҷиноятро қайд кардааст, ки имкон медиҳад ҳама ҳолатҳои амалҳои қаллобӣ ва расонидани зарари молу мулкӣ тавассути фиреб ё сӯиистифода аз боввариро фаро гирад.

*Кодекси ҷиноятии Испания,* ки соли 1995 қабул карда шудааст, дар фасли «Ҷиноятҳо бар зидди молумулк ва тартиботи иҷтимоию иқтисодӣ» боби IV таҳти унвони «Дар бораи тасарруфи қаллобонаи молумулки дигар» дар бар мегирад[84]. Дар боби мазкур таркиби қаллобӣ, фиреби ғайриқонунии марбут ба неруи барқ ва дигар унсурҳои тасарруфи беасос оварда шудааст. Ин сохторҳо расонидани зарарро ҳамчун ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ фаро мегиранд.

Мувофиқи м. 248 Кодекси ҷиноятии Испания қаллобӣ аз ҷониби шахсоне содир карда мешавад, ки бо мақсади ба даст овардани фоида, фиребро барои гумроҳ кардани шахс истифода намуда, ӯро ба содир кардани амалҳо оид ба ихтиёрдории молумулк ба зарари худ ё шахсони дигар маҷбур мекунанд. Қонун инчунин шахсонеро қаллоб эътироф менамояд, ки барои ба даст овардани фоида интиқоли ғайриқонунии моликияти нақдро бо роҳи қаллобӣ (сохтакорӣ) кардани иттилоот ё бо истифодаи ҳиллаи шабеҳи дигар истифода

[83] Ниг.: Есаков Г.А., Крылова Н.Е., Серебренникова А.В. Уголовное право зарубежных стран. – М.: Проспект, 2009. – С. 161.
[84] Ниг.: Código Penal español [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.boe.es/eli/es/lo/1995/11/23/10/con (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

баранд (қ. 2 м. 248)[85].

Бо мақсади муқоиса бо қонуни ҷиноятии ҶТ таваҷҷуҳи махсус истифодаи ғайриқонунии неруи барқ, газ, об, телекоммуникатсия ва ғайра мебошад, ки дар сурати зиёни зиёда аз сесад евро, ҷиноят ҳисобида мешавад (моддаи 255 Кодекси ҷиноятии Испания), агар механизми қаллобӣ истифода шуда бошад ё нишондиҳандаҳои асбобҳо дидаву дониста вайрон карда шудаанд ё дигар усулҳои ғайриқонунӣ истифода шудаанд, фаҳмида мешавад. Дар қонуни ҷиноятии ҶТ, ҳамаи ин аломатҳо мувофиқи моддаи 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Қаллобӣ дар дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Испания низ инъикос ёфтааст. Масалан, дар м. 438 фасли «Ҷиноятҳо бар зидди ҳокимияти давлатӣ» дар бораи қаллобӣ ва тасарруфи ғайриқонунии моликият аз ҷониби шахсони мансабдор ё хизматчии давлатӣ, ки аз ваколатҳои худ сӯиистифода мекунанд, сухан меравад. Ғайр аз ин, дар м. 436, 437 КҶ Испания дар бораи ҳолатҳои фиреб ва андозбандии ғайриқонунии содиркардаи ин субъектҳо муқаррароти махсус пешбинӣ шудааст. Ин моддаҳо инчунин бо кирдорҳое, ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, шабеҳи мушаххасе доранд, ки дар моддаҳои 253 КҶ ҶТ ва моддаҳои 292, 293 ва 314 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар қонунгузории Испания ҳеҷ гуна меъёри мушаххасе оид ба ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ вуҷуд надорад. Таркиби баррасишаванда ба таркиби қаллобӣ дохил шуда, ҳамчун ҳолати махсусе, ки дар амалҳои қаллобона ҳангоми истифодаи барқ ва дигар намудҳои энергия ифода ёфтааст, дар моддаи алоҳида пешбинӣ шудааст.

*Қонуни Ҷумҳурии Федеративии Олмон* инчунин таркиби алоҳидаро ҳамчун расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар бар намегирад. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон ба ғайр аз унсурҳои қаллобӣ, ки хусусиятҳои ҷинояти баррасишавандаро дар бар

[85] Ниг.: Ҳамон ҷо.

мегирад, се сохтори мустақилро ба сӯиистифода аз боварӣ бахшида шудаанд, пешбинӣ мекунад: шахсе, ки аз рӯйи таъиноти ваколатҳои пешбининамудаи қонун ва ё салоҳияти ихтиёрдории молумулки каси дигар дар аҳд сӯиистифода мекунад. Ҳамчунин сӯиистифода аз эътимод ва гузоштани чунин амал ба шахси дигар ё вайрон кардани уҳдадорӣ, ки тибқи қонун, тартиботи мақомот ё тибқи аҳд ё муносибатҳои боварӣ ба зиммаи шахс гузошта шудааст, риояи манфиатҳои молумулки дигар эътироф карда мешавад, агар ин зарар ба шахсе, ки манфиати молумулки шахси ваколатдорро бояд ҳимоя кунад, эътироф карда мешавад. Баррасӣ намудани ин таркибҳо нишон медиҳад, ки сӯиистифодаи аз боварӣ (§ 266) ҳамчун таркиби мустақили ҷиноятӣ амал мекунад.

Ҳамин тариқ, амали шахсе, ки аз ҳуқуқи тибқи қонун ба вай додашуда тибқи амри ваколат ё тибқи аҳд ихтиёрдории молумулки ғайрро вайрон мекунад ё уҳдадориҳо оид ба эҳтироми манфиатҳои молумулки ашхоси дигар, ки дар ҳамон асосҳо ё дар асоси муносибатҳои боварӣ ба вай дода шудааст, вайрон карда мешавад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад[86].

Тибқи муқаррароти § 266 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон, ҷавобгарӣ дар ҳолати расонидани зарар ба шахсе, ки манфиати вай ҳимоя карда мешавад, пайдо мешавад, ки гуноҳ бояд қасди бевосита бошад. Илова ба таркиби умумии сӯиистифода аз боварӣ, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон ду намуди алоҳидаи ин ҷиноятро фарқ мекунад.

Намуди аввал, дар § 266 а КҶ ҶФО пешбинӣ шудааст: бесабаб ва исрофкунии музди меҳнат. Бар асоси мазмуни ин банд, корфармо барои нигоҳ доштани ҳиссаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ё Вазорати федералии меҳнат аз ҷамъоварӣ ё дигар тарзҳои нигоҳ доштани қисми музди меҳнати корманд масъул аст. Дар ҷараёни таҳлили қонунгузории ҷиноятии Олмон инчунин муайян карда шуд, ки таркиби қаллобӣ шумораи зиёди аломатҳои расонидани

[86] Уголовное уложение (Уголовный кодекс) Федеративной Республики Германия: текст и научно-практ. комментарий / Под ред. А.И. Рарога. – М.: Проспект, 2010. – С. 149-153.

зарари молу мулкӣ тавассути фиреб ё сӯиистифодаро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, мутобиқи § 263 КҶ ҶФО, ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба шахсе ба миён меояд, ки «бо мақсади гумроҳ кардани шахси сеюм, ба роҳи фиреб додан ё фиреб додани он ба молумулки дигар зарар расонида, далелҳои бардурӯғро пешниҳод мекунад ва ё таҳриф кардан ё ба пинҳон кардани далелҳои ҳақиқӣ «(яъне бо роҳи фиреб расонидани зарари молӣ бо мақсади ғаразнок) даст мезанад[87].

*Кодекси ҷиноятии Швейтсария* аз соли 1937 мафҳуми «сӯиистифода аз боварӣ»-ро тамоман дар бар намегирад. Бо вуҷуди ин, илова бар қоидаҳои умумии қаллобӣ (м. 146), муайян мекунад, ки фиреб аз тасдиқи фактҳо ё пинҳон кардани онҳо ё фиреб додани ҷабрдида иборат аст ва се қоидаи махсус оид ба сӯиистифодаҳои гуногун вуҷуд доранд[88].

Мувофиқи м. 147 Кодекси ҷиноятии Швейтсария «Сӯиистифодаи қаллобона барои коркарди маълумот» ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдоре, ки бо мақсади ғайриқонунӣ ғанӣ кардани худ ё ғанисозии дигар бо истифодаи нодуруст, нопурра ё ғайриқонунии маълумотҳо ё ба ин монанд ба раванди коркард ё интиқоли маълумот таъсир расонида, ба таъхири он оварда мерасонад, барои фарорасии зарари молумулкӣ ба дигар ё муҳлати фарорасии молумулкро мустақиман пинҳон мекунад, фаро мерасад. Дар ин ҳолат, қонунгузории Швейтсария усули ҷудогонаи сӯиистифода аз бовариро бо василаи коркарди маълумотҳо муайян мекунад. Ин муқаррарот, баръакс, ба зиёни моликият тавассути сӯиистифодаи боварӣ ба як намуди алоҳидаи қаллобӣ мансуб донистан мумкин аст. Дар ин ҳолат, метавон ин ҷиноятро бо ҷиноятҳое, ки дар м. 247, 314, 316 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, мушобеҳ кард.

Дигар таркиби сӯиистифода дар м. 148 Кодекси ҷиноятии Швейтсария муқаррар шудааст. Он ҷавобгарии ҷиноятиро барои амалҳои муфлис (ё

---

[87] Ниг.: Маслов В.А. К вопросу о сущности обмана и злоупотребления доверием как способах совершения мошенничества в отечественном и зарубежном законодательстве / В.А. Маслов // Адвокат. – 2013. – №8. – С. 36.
[88] Ниг.: Swiss Penal Code of 21 December 1937 (Status as of 1 July 2020) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.admin.ch/opc/en/classified-compilation/19370083/index.html (санаи мурочиат: 06.11.2019).

надоштани пардохт) ва истифодаи чек ё корти кредитӣ ё дигар ҳуҷҷати пардохти ҳамон навъи шахсе, ки ҳуҷҷатро барои ба даст овардани арзиши молумулки хидмат пешниҳод кардааст ва ҳамин тариқ ба шахсе, ки ҳуҷҷатро таҳия кардааст, муқаррар мекунад[89].

Моддаи 151 Кодекси ҷиноятии Швейтсария дар доираи баррасии қонуни ҷиноятӣ оид ба расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Мутобиқи ин модда, агар корфармо уҳдадории истифодаи нигоҳ доштани музди вобаста ба андозҳо, пардохтҳо, мукофотпулӣ ва мукофоти суғуртаро вайрон кунад ё ба тариқи дигар уҳдадории ҳисоб кардани ҳисобҳо бо кормандонро вайрон кунад ва ба ин васила ба моликияти онҳо зарар расонад, мутобиқи ин модда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ин муқаррарот мазмуни § 266 а Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмонро дар бораи масъулияти корфармо дар назди корманд такрор мекунад. Дар м. 153[1] КҶ ҶТ барои аз ҷониби корфармо, роҳбари корхона, муассиса ё ташкилот новобаста аз шакли моликияташон зиёда аз ду моҳ напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқаррургардида, агар ин кирдор бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Напардохтани музди меҳнат нахостани пардохти музди меҳнат ё ин ки кашол додани муҳлати пардохти музди меҳнат ба муҳлати зиёда аз ду моҳ аст. Бояд қайд намуд, ки корфармо, сарфи назар аз вазъи молиявиаш, вазифадор аст ба корманд барои кори иҷронамудааш музди меҳнати муқарраршударо сари вақт пардозад. Поймолкунии ҳуқуқ ба музди меҳнат манъ аст. Корфармо вазифадор аст ба кормандон барои иҷрои кори баробарарзиш як хел маош диҳад. Инчунин, ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ аст. Муҳлати пардохти музди меҳнатро қарордодҳои коллективӣ ва ё дигар санадҳои меъёрии дохилӣ

---

[89] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2012. – 28 с.; Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2012. – 216 с.

(локалӣ) муқаррар менамояд. Дар сурати мутобиқ омадани рӯзи пардохти музди меҳнат ба рӯзҳои истироҳат ё ид, маош дар арафаи чунин рӯзҳо пардохта мешавад. Ҳангоми аз кор озод намудани корманд музди ӯ дар рӯзи охирини кор бояд пурра пардохта шавад. Музди меҳнате, ки корманд то рӯзи фавт нагирифтааст, ба аъзои оилаи ӯ ё шахсе дода мешавад, ки хароҷоти дафнро тибқи андозаи талабот ба зимма гирифтааст. Агар музди меҳнат бо айби корфармо аз мӯҳлати муқаррargardида дертар пардохта шавад, ӯ вазифадор аст ба андозаи нархи баҳраи бонк, ки дар маҳалли иҷрои кор дар рӯзи пардохти маош мавҷуд аст, барои ҳар рӯзи таъхири пардохти маош маблағи иловагӣ диҳад[90].

Муқаррароти қонуни ҷиноятии Ҷопон барои таҳқиқоти мазкур аҳаммияти калон дорад. Боби 37 Кодекси ҷиноятии Ҷопон «Ҷиноятҳои қаллобӣ ва тамаъҷӯйӣ» ном дошта, ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои қаллобӣ муқаррар мекунад[91]. Мувофиқи м. 246 Кодекси ҷиноятии Ҷопон қисми асосии қаллобӣ аз ду сархат иборат аст. Мувофиқи сархати аввал шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки бо роҳи фиреб молу мулкро аз шахси дигар гирифтааст ва мувофиқи банди дуюми он, ҷазои ҷиноятӣ ба шахсе таъин карда мешавад, ки ба ҳамин тариқ, ба манфиати худ ё ба шахси дигар фоидаи молумулкӣ гирифтааст[92]. Матни сархати аввал ҳама амалҳои бо роҳи қаллобӣ содиршударо дар бар мегирад, ки дар қонунгузории ҷиноятии ватанӣ одатан мутобиқи м. 247 КҶ ҶТ, яъне қаллобӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад. Ҳолати дувум амалҳоеро, ки дар дар м. 253 КҶ ҶТ омадааст, пешбини мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳолатҳои расонидани зарари молӣ тавассути қаллобӣ дар сархати дуюми м. 246 Кодекси ҷиноятии Ҷопон пешбинӣ шудааст. Усули дувуми содир кардани ҷиноят, ки дар КҶ Ҷопон пешбинӣ шудааст, ба монанди

---

90 Ниг.: Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд. – Душанбе, 2013. – С. 105-106.

91 Ниг.: Japanese Criminal Code [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.japaneselawtranslation.go.jp/law/detail/?id=1960&re=02&vm=04 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

92 Ниг.: Уголовное право зарубежных государств. Особенная часть / Под ред. И.Д. Козочкина. – М.: Камерон, 2004. – С. 481.

бисёр давлатҳои аврупой дар моддаи алоҳида, яъне м. 247 Кодекси ҷиноятии Ҷопон «Сӯиистифода аз боварӣ» пешбинӣ карда шудааст. Ғайр аз он, Кодекси ҷиноятии Ҷопон дар м. 248 ба қаллобӣ амали шахсе, ки аз таҷриба надоштани ноболиғ ё беақлии шахси дигар истифода кардааст ва онҳоро вогузор кардааст, ки молумулкро барои худ (ҷинояткор) ё шахси сеюм диҳанд, дохил намудааст[93]. Намунаи мусбат метавон муқаррароти қонунгузории ҷиноятии Ҷопон оид ба дар м. 245 Кодекси ҷиноятӣ («Қоидаҳои махсус нисбати предмте, ки мақсади дуздӣ ё ғоратгарӣ мебошад») эътироф намудани барқ ҳамчун молумулк мебошад, арзёбӣ кард. Ҳамзамон, дар ин модда чунин усулҳои содир намудани ҷиноят ба монанди фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

Бо қонуни ҷиноятии Дания назар намуда, қайд кардан зарур аст, ки мувофиқи м 279 Кодекси ҷиноятии Дания, «ҳар шахсе, ки барои ба даст овардани манфиати ғайриқонунӣ тавассути ғайриқонунӣ иҷро кардан, ягон шахсро маҷбур мекунад, ки кирдори муайянеро содир кунад ё содир накунад, ки натиҷаи он аз даст додани молу мулки дигар ашхосе, ки дар ин амал ё беамалӣ зарар дидаанд, дар қаллобӣ гунаҳкор дониста мешавад»[94]. Ин муқаррарот, ба манбаъҳои дигари дар боло зикршуда, расонидани зарари молу мулкиро тавассути фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба категорияи қаллобӣ дохил мешавад. Ҳамин тариқ, дар кишварҳои таҳқиқшуда намуди ҷинояти баррасишаванда ба таври муфассал ба танзим даровардa нашудааст, аммо, одатан, қонунгузории ҷиноятии ин давлатҳо бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ тавассути қаллобӣ расонидани зарари молу мулкиро тавсиф мекунад, зеро охирин, аз рӯйи хусусиятҳои худ, фарогири ҳарду ҷиноят мебошад.

Ба назар гирифтани таҷрибаи мусбати Фаронса, Испания, Олмон, Швейтсария, Ҷопон ва Дания вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовузи

---

[93] Ниг.: Уголовное право зарубежных государств. Особенная часть / Под ред. И.Д. Козочкина. – М.: Камерон, 2004. – С. 481.
[94] Ботвин И.В. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2016. – С. 43.

ҷиноятӣ ба моликият бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз ҷумла, метавон ғояҳои қонунгузориро дар бораи аз байн бурдани амалҳое, ки дар амалияи судӣ ва тафтишотӣ ҳамчун зарари моликият тавассути қаллобӣ ё сӯиистифодаи боварӣ қабул шудаанд, ба даст овардан мумкин аст.

Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои маъмули низоми ҳуқуқӣ умумӣ – Англия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нишон медиҳанд, ки онҳо ба қонунҳои ҷиноятии қаблан баррасишудаи аврупоӣ чунин як ҷинояти мустақилро, бо расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, муқаррар накардааст. Ҳамин тавр, сарфи назар аз он ки вобаста ба расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар қонуни ҷиноятии Англия чизе гуфта нашудааст, лекин қонунгузории ҷиноятии он доираи васеи амалҳои қаллобиро пешбинӣ кардаааст, ки таҳқиқи онҳо барои муқоиса намудани м. 253 КҶ ҶТ муҳим арзёбӣ мегардад.

Қаллобӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Англия ҳамчун ҷинояти ягона эътироф шудааст, ки якчанд кирдорҳои мустақилро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, Қонуни ҷиноятии соли 1968 «Дар бораи дуздӣ» ҷавобгарии ҷиноятиро барои ба даст овардани молумулк бо роҳи фиреб ва ба даст овардани фоидаи пулӣ бо роҳи фиреб пешбинӣ мекунад. Қисми якуми ин меъёр қаллобиро бо роҳи ба даст овардани ҳуқуқ ба молумулки каси дигар ва қисми дуюми он ба қоидаҳои дар моддаи 253 КҶ ҶТ, яъне расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб бидуни нишонаҳои дуздӣ инъикос мекунад. Қонуни ҷиноятӣ «Дар бораи дуздӣ» соли 1996 ҷавобгариро барои қаллобӣ муқаррар намуд, ки ҳангоми содир шудани амалиётҳои молиявӣ дар ҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзӣ содир мешаванд. Ягон қиёси ин меъёр бо меъёрҳои КҶ ҶТ вуҷуд надорад, зеро ин амал тасарруфи маблағҳоро аз суратҳисобҳои ташкилотҳои қарзӣ дар бар мегирад.

Ғайр аз ин, қаллобӣ мустақиман ба қоидаҳои гузоришдиҳии бардурӯғ ва сӯиистифода аз ҳуҷҷатҳо алоқаманд аст, ки бо фаҳмиши КҶ ҶТ дар бораи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ шабоҳати зиёде доранд[1]. Ҳамин тавр, ба ақидаи

мо, дар муқоиса бо КҶ ҶТ, муносибати қонунгузори Англия системаи ҷиноятҳоро дар соҳаи муносибатҳои молумулкӣ дар маҷмуъ содда кардааст. Тибқи КҶ ҶТ, зарари молумулкӣ ба муқаррароти дар боло зикршудаи қонунгузории Англия дохил карда шудааст, аз ин рӯ, он ҳамчун ҷинояти мустақил ҷавобгарии алоҳида надорад.

Ҳамзамон, дар мавриди қонунгузории ИМА ин изҳорот бениҳоят шартӣ аст, зеро бо дарназардошти хусусиятҳои сохтори давлати ИМА ва тақсими ваколатҳо дар марказ ва иёлот, қонунгузории ҷиноятӣ ба салоҳияти давлатҳо иёлотҳо дохил мешавад. Аз ин рӯ, танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои содир кардани ҷиноятҳои гуногун, аз ҷумла ҷиноятҳое, ки дар баррасии мо қарор доранд, метавонанд ба таври назаррас фарқ кунанд.

Агар мо ба Кодекси намунавии ҷиноятии ИМА, ки барои қонунгузорони иёлотҳо намуна аст, назар кунем, қонунгузорӣ шарҳи ҷиноятии чунин амалҳои қаллобиро ба монанди «дуздӣ ва таҷовузҳои ба он монанд»-ро дар бар мегирад, ки фаҳмиши КҶ ҶТ дар бораи расонидани зарари молумулкиро тавассути амалҳои қаллобӣ ва «сохаткории ҳуҷҷатҳо ва усулҳои фиребгарона», ки мувофиқи қонунҳои ҶТ усулҳои содир намудани ҷиноят дахлдор мебошанд, фаро мегирад.

Моддаи 223.3 Кодекси намунавии ҷиноятии ИМА қаллобиро бо роҳи фиреб пешбинӣ менамояд, ки ҷинояткор қасдан касеро фиреб дода, ба моликияти шахси дигарро тасарруф менамояд.

Баррасӣ намудани фиреб ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят ва муқоисаи он бо КҶ ҶТ ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят мувофиқи қонунҳои ИМА, онро дар кирдорҳои зерин ифода кардан мумкин аст:

а) таъсис ё тақвият додани дарки (фаҳмиши) нодуруст, аз ҷумла фаҳмиши нодурусти қонун, арзиш, ният (мутобиқи қонунгузории ҶТ чунин амал қаллобӣ ҳисобида мешавад);

б) дахолат кардани шахси дигар барои гирифтани маълумоте, ки метавонад ба қарори ӯ дар бораи хусусияти аҳд таъсир расонад (қонунгузории ҶТ низ ин амалро фиреб мешуморад);

в) ислоҳ накардани фаҳмиши иштибоҳие, ки қаблан бо фиреб сохта ё тақвият дода шудааст, ё дидаву дониста ба шахси дигар таъсир мерасонад, ки қаллоб бо он дар муносибатҳои вазифавӣ ё махфӣ қарор дорад (тибқи қонунҳои ҶТ, он бо назардошти ҳолатҳои мушаххас ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда мешавад);

г) пинҳон кардани маълумот дар бораи молумулки ба гарав гузошташуда, мавҷудияти даъвои судӣ нисбат ба он ё дигар монеаи ҳуқуқии истифодаи молумулке, ки шахси гунаҳкор бо тартиби ҷавобгарии мутақобила барои уҳдадории гирифташуда интиқол медиҳад.

Дар мувофиқа бо КҶ ҶТ, Кодекси намунавии ҷиноятии ИМА чунин як усули содир намудани ҷиноятро ҳамчун сӯиистифода аз боварӣ пешбинӣ намекунад, аммо, ба гуфтаи О.Г. Карпович, ҷиноятҳое, ки бо ин усул содир карда мешаванд дар фаҳмиши КҶ ҶТ ихтиёрдории маблағҳои бадастоварда ва сӯиистифода аз молу мулки ба боварӣ асосёфта ё моликияти давлатӣ ё муассисаи молиявӣ ҳамчун тасарруфи молумулк бо роҳи фиреб асосёфта бандубаст карда мешаванд[95].

Қонунгузории амрикоӣ инчунин тақаллуби ҳуҷҷатҳоро ҳамчун воситаи расонидани зарари молумулкӣ низ бандубаст мекунад. Ғайр аз ин, дар ИМА, бо назардошти хусусиятҳои гардиши пул, яъне рушди бештари пардохтҳои ғайринақдӣ, унсурҳои мушаххаси ҷиноятҳо фарқ карда мешаванд. Ба онҳо таркибҳои вобаста ба додан ё супурдани чек ё дигар коғазҳои қимматноки дорои хусусияти шабеҳ, ки пардохти пулро бо дарназардошти он, ки маблағҳои боварӣ пардохт мегарданд, дохил мешаванд; истифодаи корти дуздидашуда, қалбакӣ, барҳамхӯрда, бекоршуда бо мақсади ба даст овардани молу мулк, инчунин истифодаи корти кредитӣ бо ҳамон мақсад аз ҷониби шахсе, ки бо ягон сабаб, истифодаи корти кредитӣ ва амалӣ намудани амалиётҳои гуногуни фаъолияти тиҷоратиро надоранд.

[95] Ниг.: Карпович О.Г. Актуальные проблемы противодействия страховому и налоговому мошенничеству в ряде зарубежных государств / О.Г. Карпович // Международное публичное и частное право. – 2010. – №4. – С. 34-38.

Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятии Англия ва ИМА чунин як ҷинояти мустақилро, ки дар шакли расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ пешбинӣ шудааст, муқаррар накардаанд. Ин кирдор дар меъёрҳои қаллобӣ, фаро гирифта шудааст. Мафҳуми қаллобӣ дар Англия ва Иёлоти Муттаҳида нисбат ба КҶ ҶТ васеътар буда, доираи васеи усулҳои содир намудани ҷиноятро дар бар мегирад.

Мавзуи муқоисашаванда, расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар асоси қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ягонагии таърихии низомҳои ҳуқуқии давлатҳои узви ИДМ, бешубҳа, дар меъёрҳои ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молӣ бидуни нишонаҳои тасарруф, ки дар қонунҳои ҷиноятии ин давлатҳо мавҷуданд, инъикос ёфтааст.

Кодекси ҷиноятии ҳамаи давлатҳои узви ИДМ расонидани зарари молумулкиро бо роҳи фиреб ва сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун ҷинояти барқасдона бар зидди молу мулк мешуморанд. Ҳамзамон, дар мувофиқат бар тасарруф, ин ҷиноят бо он тавсиф меёбад, ки ҷинояткор дар натиҷаи ғайриқонунӣ ба даст овардани молумулки каси дигар ё ҳуқуқи ба ӯ молик шуданро намехоҳад. Хусусияти ҳуқуқии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб дар кишварҳои ИДМ аз истифодаи ғайриқонунии молумулки каси дигар, саркашӣ аз пардохт ё интиқоли маблағи зарурӣ, истифодаи молу мулк ба манфиати гунаҳкор ё ашхоси дигар, ки бояд ба моликияти ҷабрдида ворид мешуд, дар бар мегирад. Аммо, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ, ки ҷавобгариро барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ муайян мекунанд, шабеҳияти пурра надоранд.

КҶ ҶТ Федератсияи Россия дар м. 165 барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст[96]. Мувофиқи қисми 1 м. 165 КҶ ҶТ ФР расонидани зарари молу

[96] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996, №63-ФЗ (ред. от 08.06.2020) (с изм. и доп., вступ. в силу с 27.07.2020) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/10108000 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

мулкӣ ба молик ё дигар соҳиби molу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф ҷиноят мебошад. Читавре маълум гардид, муқаррароти м. 165 КҶ ФР бо м. 253 КҶ ҶТ айнан, нуқта ба нуқта мувофиқат мекунад.

Ҷиноятҳо ба муқобили моликият дорои аломатҳои таркиби ҷиноятии худ мебошад. Объекти умумии ин ҷиноятҳо (м. 165 КҶ ФР ва м. 253 КҶ ҶТ) муносибатҳои молу мулкӣ мебошад, ки моҳияти иқтисодӣ ва шакли ҳуқуқӣ дорад. Ҷиноятҳо ба муқобили моликият асосан хусусияти молу мулкӣ (моҳияти иқтисодӣ) дорад, ки кирдори ҷинояткор муқобили молу мулки муайян равона карда шудааст. Моҳияти иқтисодӣ доштани ин намуди муносибатҳои ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки онҳо ҳамчун арзишҳои моддӣ дар натиҷаи фаъолияти субъектони муайян – шахс, ҷамъият ва давлат ба вуҷуд омадаанд. Шакли ҳуқуқӣ доштани муносибатҳои молу мулкие, ки объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро ташкил медиҳанд, ин дар он зоҳир мегардад, ки дар қонунгузории амалкунанда ваколатҳои соҳибмулк муқаррар карда шудааст.

Объекти бевоситаи ҷиноятҳои муқоисашаванда (м. 165 КҶ ФР ва м. 253 КҶ ҶТ) ба объекти умумии онҳо монандӣ дорад.

Предмети ҷиноятҳои мазкур (м. 165 КҶ ФР ва м. 253 КҶ ҶТ) ин молу мулк мебошанд[97]. Барои он ки молу мулк ҳамчун предмети ҷинояти мазкур эътироф

---

[97] Ниг: Хабаров А.И. Преступления против собственности: влияние гражданско-правового регулирования: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 1999. – 184 с.; Халиков И.Х. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием при незаконном использовании электроэнергии: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2005. – 183 с.; Романцов В.А. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием (уголовно-правовые вопросы): дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 1997. – 182 с.; Сычева Н.В. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2006. – 226 с.; Никишин Д.Л. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием (уголовно-правовой и криминологический аспекты): дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань, 2001. – 208 с.; Логинова Н.Г Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием при отсутствии признаков хищения: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2007. – 172 с.; Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономики: авторский комментарий к уголовному закону (Раздел VIII УК РФ). – М., 2006. – 673 с.; Михайлов К.В. Злоупотребление доверием как признак преступлений против собственности (уголовно-правовые и криминологические аспекты): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2000. – 25 с.

карда шавад, вай бояд дорои нишонаҳои зерин бошад: воқеӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ.

Нишонаи воқеии молу мулк маънои онро дорад, ки молу мулк бояд хусусияти ашёро дошта бошад, яъне ашё бояд воқеан вуҷуд дошта бошад, ки шахс нисбати он ягон рафтор карда тавонад, масалан, истифода барад. Нишонаи воқеии молу мулк имконият медиҳад, ки предмети ҷинояти мушаххас пурра муайян карда шавад. Ин нишона барои эътироф кардани натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, арзишҳои ғайримоддиро ҳамчун предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликият, бандубаст намудан, имконият намедиҳад. Зеро арзишҳои номбаршуда, предмети дигар ҷиноят, ки дар бобҳои дигари Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинигардида мебошанд. Инчунин нишонаи воқеии молу мулк хусусияти манқул ва бегонашаванда будани молу мулкро ифода мекунанд. Оид ба масъалаи молумулки ғайриманқулро ҳамчун предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликият эътироф кардан бояд ба назар гирем, ки асосан ҷинояткор на ба худи молумулк, балки ба ҳуқуқи соҳибмулки молумулк таҷовуз мекунад, бинобар ин он дигар предметро ташкил медиҳад.

Нишонаи иқтисодӣ. Нишонаи мазкури молу мулк маънои онро дорад, ки ҳар як ашё хусусияти истеъмолӣ ва арзишӣ дорад. Хусусияти истеъмолии ашё дар он зоҳир мегардад, ки тавассути истифодаи он талаботҳои инсон қонеъ карда мешавад. Ашёи камарзише, ки хусусияти истеъмолии худро гум кардаанд, предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро ташкил намедиҳанд. Хусусияти арзишии ашё дар он зоҳир мегардад, ки дар сохтани он меҳнати инсонӣ сарф шудааст, ки он тавассути маблағ нархгузорӣ карда мешавад. Маҳз тавассути ҳамин хусусият ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз дигар ҷиноятҳо, бахусус ҷиноятҳои экологӣ фарқ мекунад[98].

Нишонаи ҳуқуқии ашё чунин маъно дорад:

а) Ашё аз рӯйи ҳуқуқ ба шахси ҷинояткор бегона мебошад, яъне ба соҳибии ӯ дохил намешавад.

---

[98] Ниг: Векленко В.В. Квалификация хищений. – Омск, 2001. - С. 74.

б) Нишонаи ҳуқуқии ашё ҳамчун предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликият маънои онро дорад, ки ашё бояд, дар муомилот бошад. Масъалаи ҷавобагарӣ барои таҷовуз ба молу мулке, ки муомилоташон маҳдуд ва ё аз муомилот баровардаанд, дар асоси дигар моддаи Кодекси ҷиноятӣ бандубаст карда мешавад.

Тарафи объективии ҷиноятҳои муқоисашаванда (м. 165 КҶ ФР ва м. 253 КҶ ҶТ) дар расонидани зарари молумулкӣ ба соҳибмулк ё дорандаи қонунии он бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ ифода мегардад. Лекин чунин кирдор таркиби тасарруфи молумулки ғайрро дар шакли қаллобӣ ташкил намедиҳад, ҳол он ки роҳҳои расонидани зарари молумулкӣ дар ҳар ду ҳолат ҳам ягона мебошад. Дар фарқият аз тасарруф, аз он ҷумла аз қаллобӣ (м. 247 КҶ), дар ин ҷиноят аломати «гирифтани молумулк» вуҷуд надорад, яъне, молумулк миқдоран аз фонди нақди ҷабрдида хориҷ карда намешавад, он аз ихтиёри соҳибмулк ҷудо карда гирифта намешавад. Дар ин ҳолат гунаҳкор зарари молумулкиро ба ҷабрдида бо роҳи надодани лозимият, бо роҳи дастрас накардани молумулке, ки бояд ба фонди нақдии ҷабрдида дохил шавад, мерасонад, ки инро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ фоидаи аздастрафта меноманд.

Субъекти ҷиноят дар ҳамаи ҷиноятҳо (м. 165 КҶ ФР ва м. 253 КҶ ҶТ) умумӣ, яъне шахси мукаллафи ба синни 16-сола расида мебошад.

Тарафи субъективии ин ҷиноятҳо дар қасди бевосита ифода мeёбад.

Фарқияти асосии м. 165 КҶ ФР бо м. 253 КҶ ҶТ дар аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарар ба миқдори махсусан калон дар м. 165 КҶ ФР мебошад.

Ҷумҳурии Қирғизистон баъд аз пошхӯрии ИҶШС ду маротиба қонуни ҷиноятии худро қабул намудааст. Ҷумҳурии Қазоқистон аввалин маротиба 16 июли соли 1997 ва баъдан 3 июли соли 2014 Кодекси ҷиноятии[99] худро дар таҳрири нав қабул намуд.

---

[99] Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года, №226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 07.07.2020 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://adilet.zan.kz/rus/docs/K1400000226 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

Дар КҶ Қазоқистон соли 2014 расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун таркиби алоҳида дар м. 195 пешбинӣ гардидааст. Моддаи мазкур аз 4 қисм иборат буда, дар қисми 1 тасвири расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ айнан шабеҳи м. 253 КҶ ҶТ дода шудааст. Ягона фарқияти м. 195 КҶ Қазоқистон дар он зоҳир мегардад, ки якчанд маротиба, яъне такроран содир намудани ҷиноят ҳамчун нишонаи бандубастшаванда омадааст, ки ин ҳолат дар КҶ ҶТ дида намешавад.

Объект, предмет, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии м. 195 КҶ Қазоқистон бо м. 253 КҶ ҶТ пурра мувофиқат мекунанд.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон фасли III «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ду бобро дар бораи ҷиноятҳо бар зидди моликият, аз ҷумла боби 10 «Дуздии моликияти ашхоси дигар» ва боби 11 «Ҷиноятҳое, ки ба дуздии молумулки ашхоси дигар алоқаманд нестанд» пешбинӣ мекунад[100]. Дар баробари ин, ҷиноятҳо, ки бо роҳи фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ содир мешаванд, на дар таркиби як моддаи алоҳида, балки дар бобҳои гуногун ҷой карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, қонунгузор қаллобиро дар намуди расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар (моддаи 168 КҶ ҶӮ) боби 10 ҷойгир намуда, расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боввариро ҳамчун таркиби алоҳида берун аз қаллобӣ дар м. 170

[100] Уголовный кодекс Республики Узбекистан // Ведомости Верховного Совета Республики Узбекистан. – 1995. – №1; Ведомости Олий Мажлиса Республики Узбекистан. – 1996. – №9. – ст. 144; – 1997. – №2. – ст. 56; – №9. – ст. 241; – 1998. – №5-6. – ст. 102; – №9. – ст. 181; – 1999. – №1. – ст. 20; – №5. – ст. 124; – №9. – ст. 229; – 2000. – №5-6. – ст. 153; – 2001. – №1-2. – ст. 23; – №9-10. – ст. 165; – 2002. – №9. – ст. 165; – 2003. – №1. – ст. 8; – № 9-10. – ст. 149; – 2004. – №1-2. – ст. 18; Ведомости палат Олий Мажлиса Республики Узбекистан. – 2007. – №6. – ст. 248; Собрание законодательства Республики Узбекистан. – 2004. – №37. – ст. 408; – 2005. – №39. – ст. 294; – №52. – ст.ст. 384, 385; – 2006. – №25-26. – ст. 226; – №51-52. – ст. 498; – 2007. – №14. – ст. 134; – №17-18. – ст. 171; – №37-38. – ст. 377; – №39. – ст. 401; – №52. – ст. 532; – 2008. – №14-15. – ст. 94; – №16. – ст.ст. 116-117. – №28. – ст. 263; – №37-38. – ст. 366; – №39. – ст.ст. 390-391; – №52. – ст.ст. 513-514; – 2009. – №3. – ст. 9; – №15. – ст. 171; – №37. – ст. 402; – №38. – ст.ст. 414-415; – №39. – ст. 423; – №52. – ст. 553; – 2010. – №20. – ст. 147; – №21. – ст. 161; Национальная база данных законодательства. – 10.01.2018 г., №03/18/459/0536; – 05.04.2018 г., №03/18/470/1005; – 19.04.2018 г., №03/18/476/1087; – 21.07.2018 г., №03/18/485/1552; – 23.10.2018 г., №03/18/503/2080; – 10.01.2019 г., №03/19/514/2450; – 16.01.2019 г., №03/19/516/2484; – 05.03.2019 г., №03/19/526/2701; – 03.05.2019 г., №03/19/534/3046; – 24.05.2019 г., №03/19/542/317; – 29.05.2019 г., №03/19/543/3201; – 09.07.2019 г., №03/19/548/3395; – 31.08.2019 г., №03/19/560/3677; – 13.09.2019 г., №03/19/567/3737; – 06.11.2019 г., №03/19/579/3994; – 04.12.2019 г., №03/19/586/4106; – 23.01.2020 г., №03/20/603/0071; – 26.03.2020 г., №03/20/613/0362; – 22.07.2020 г., №03/20/629/1087.

боби 11 КҶ ҶЎ ҷой додааст, ки онро мо бо м. 253 КҶ ҶТ муқоиса хоҳем намуд.

Диспозитсияи м. 170 КҶ ҶЎ муқаррароти дигареро дар муқоиса бо КҶ ҶТ дар бар мегирад, ки ҷиноят бо роҳи фиреб ё сӯиистифода ба боварӣ бе мавҷудияти нишонаҳои тасарруф ҳамон вақт ҷиноят эътироф мегардад, ки агар ба соҳиби мол зарари назаррас расонида шуда бошад, ки чунин муқаррарот дар м. 253 КҶ ҶТ дид намешавад. Ягона ҳолате, ки диққатро ҷалб мекунад, фарқияти хусусиятҳои бандубасти ҷиноят ва муносибати махсуси қонунгузор ба предмети ин ҷиноят мебошад. Ҳамин тариқ, мувофиқи КҶ ҶЎ зарари молу мулкӣ ҳангоми такрорӣ ё аз ҷониби ретсидивисти хавфнок, шахси аз ҷиҳати молиявӣ масъул ва инчунин бо расонидани зарари калон содир карда шавад, он бо қ. 2 м. 170 КҶ ҶЎ ҳамчун нишонаҳои бандубастшаванда эътироф мешавад.

Ба сифати предмети кирдори баррасишаванда мувофиқи м. 81 Кодекси граждании Ҷумҳурии Ўзбекистон молҳо, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, ашё, молу мулк, инчунин ҳуқуқҳои молумулкӣ, корҳо ва хизматрасониҳо шуда метавонанд[101].

Тарафи объективии ҷиноят мутобиқи м. 170 КҶ ҶЎ дар расонидани зарари ҷиддӣ ба молумулк тавассути фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ифода мегардад. Мафҳуми қонунии усулҳои содир намудани ҷиноят, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, вуҷуд надорад. Сохти таркибии расонидани зарари молу мулк моддӣ буда, ҷиноят аз лаҳзаи расонидани зиён ба молик дар шакли фоидаи аздастрафта хотимаёфта дониста мешавад.

Ҷумҳурии Қирғизистон аввалин маротиба 1 октябри соли 1997 КҶ худро қабул намуд. Баъдан, 22 декабри соли 2016 парламенти Қирғизистон Кодекси

---

[101] Гражданский кодекс Республики Узбекистан. Часть 1 // Ведомости Олий Мажлиса Республики Узбекистан. – 1996. – Приложение к №2; – 1997. – №2. – ст. 56; – 1998. – №5-6. – ст. 102; – №1. – ст. 20; – №9. – ст. 229; – 2001. – №1-2. – ст. 23; – 2003. – №5. – ст. 67; Собрание законодательства Республики Узбекистан. – 2004. – №25. – ст. 287; – №37. – ст. 408; – 2006. – №14. – ст. 110; – №39. – ст. 385; – 2007. – №1-2. – ст. 3; – №3. – ст. 21; – №14. – ст. 132; – №15. – ст. 154; – №50-51. – ст. 506; – 2008. – №52. – ст. 513; – 2009. – №39. – ст. 423; – 2010. – №37. – ст. 315; – №38. – ст. 328; – 2011. – №51. – ст. 542; – 2014. – №20. – ст. 222; – №50. – ст. 588; – 2015. – №33. – ст. 439; – 2016. – №17. – ст. 173; – 2017. – №37. – ст. 978; Национальная база данных законодательства. – 30.12.2017 г., №03/18/455/0492; – 10.01.2018 г., №03/18/459/0536; – 19.04.2018 г., №03/18/476/1087; – 05.03.2019 г., №03/19/526/2701; – 21.03.2019 г., №03/19/531/2799; – 24.05.2019 г., №03/19/542/317; – 23.10.2019 г., №03/19/572/3943; – 04.12.2019 г., №03/19/586/4106; – 12.12.2019 г., №03/19/592/4144; – 15.01.2020 г., №03/20/602/0052; – 23.01.2020 г., №03/20/603/0071.

нави ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистонро[102] қабул намуд, ки бо якчанд навгониҳои худ дар байни кодексҳои давлатҳои аъзои ИДМ тафоввут дорад.

Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи бовариро дар м. 209 бо тағйиротҳои куллӣ муқаррар намуд, ки диспозитсияи он аз моддаҳои дахлдори КҶ давлатҳои аъзои ИДМ фарқ дорад. Мувофиқи қ. 1 м. 209 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон расонидани зарари назарраси молумулкӣ ба молик ё дигар соҳиби молумулк тавассути истифодаи худсаронаи газ, барқ ё гармӣ бидуни дастгоҳҳои андозагирӣ (дар сурате, ки агар истифодаи онҳо ҳатмӣ аст) ё дар натиҷаи қасдан вайрон наумдани дастгоҳҳои андозагирӣ, инчунин бо роҳи дигари фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳангоми набудани аломатҳои тасарруф содир шуда бошад, кирдор бо моддаи мазкур бандубаст карда мешавад. Дар қисми 2 ва 3 м. 209 бошад, барои расонидани зарари калон, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё расонидани зарар ба миқдори махсусан калон ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Фарқияти асосии м. 209 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон аз м. 253 КҶ ҶТ дар тарафи объективии ҷиноят ва предмети ҷиноят зоҳир мегардад. Ба андешаи мо, КҶ Беларус низ вобаста ба масъалаҳои танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст. Фасли VIII «Ҷиноятҳо ба муқоибили моликият ва тартиби пешбурди фаъолияти иқтисодӣ»-и КҶ ҶБ дар худ боби 24 «Ҷиноятҳо бар зидди моликият»-ро дар бар мегирад[103].

Мисли КҶ ҶТ, дар ин ҷо мафҳумҳои миқдори назаррас (зиён), калон ва махсусан калони тасарруф ба расмият даровarда шудааст, аммо дар муқоиса бо КҶ ҶТ, қонунгузор аз мафҳуми ҳадди ақали музди меҳнат дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус даст накашидааст. Чунин ба назар мерасад, ки ин

[102] Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 2 февраля 2017 года, №19 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 03.04.2020 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/m/document?doc_id=34350840 (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

[103] Уголовный кодекс Республики Беларусь [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://belzakon.net/Кодексы/Уголовный_Кодекс_РБ (санаи муроҷиат: 06.11.2019).

хулоса дуруст буда, имкон медиҳад, ки чандирии қонуни ҷиноятӣ ва мутобиқати он ба шароити тағйирёбандаи иқтисодии ҳаёт нигоҳ дошта шавад.

Ин хусусиятҳо инчунин барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ хос мебошанд. Дар КҶ ҶБ ҷавобгарӣ барои ин кирдор дар м. 216 пешбинӣ шудааст.

Дар муқоиса бо м. 253 КҶ ҶТ м. 216 КҶ ҶБ «Расонидани зарари молӣ бидуни нишонаҳои тасарруф» ҷавобгариро барои «расонидани зарар ба миқдори назаррас бо роҳи ба даст овардани фоидаи молумулкӣ дар натиҷаи фиреб, сӯиистифода аз боварӣ ё тағйир додани иттилооти компютерӣ дар ҳолати набудани нишонаҳои тасарруф» пешбинӣ мекунад. Қонунгузории Беларус расман миқдори воситаҳои содир кардани ҷиноятро тавсеа дода, иттилооти компютериро ҳамчун шакли мустақил илова намуд. Мо чунин мешуморем, ки кирдори таҳқиқшаванда, яъне содир намудани ҷиноят бо роҳи тағйир додани иттилооти компютерӣ хатари иҷтимоии ҷиноятро зиёд мекунад, аз ин рӯ, дар робита ба КҶ ҶТ, тавсия дода мешавад, ки усули баррасишавандаро ҳамчун таркиби мустақил ҷудо намудан ба мақсад аст.

Мувофиқи КҶ ҶБ, ба сифати объекти иловагии ҷиноят, ҷавобгарӣ барои содир кардани он дар м. 216 пешбинӣ шудааст, амнияти иттилоотӣ, инчунин муносибатҳои уҳдадории молумулкӣ метавонанд баромад кунанд.

Д.Г. Мороз шаклҳои зерини расонидани зарари молумулкиро дар сурати мавҷуд набудани нишонаҳои тасарруф мутобиқи КҶ ҶБ пешниҳод менамояд:

а) истифодаи ғайриқонунии молумулки ғайриманқул ё хизматрасониҳои пулакӣ;

б) саркашӣ кардан аз пардохт ё додани маблағи пардохт;

в) муомилоти молумулкии гунаҳкор ба манфиати худ ё ба манфиати шахсони сеюм, ки гирифта нашудааст, вале бояд ба моликияти ҷабрдида дохил карда мешуд;

г) аз ҷониби гунаҳкор хароҷотро ба ҷабрдида гузоштан[104].

---

[104] Ниг.: Мороз Д.Г. Причинение имущественного ущерба без признаков хищения как преступление против собственности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Минск, 2013. – С. 17.

д) возложение виновным бремени своих расходов на потерпевшего[2].

Ҳангоми ҷамъбасти таҳлили қонунгузории хориҷӣ метавон чунин ҳолатҳоро қайд кард:

а) Дар аксарияти давлатҳои баррасишуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ба таври муфассал ба танзим дароварда нашудааст, аммо, чун қоида, қонуни ҷиноятии кишварҳои баррасишаванда бо амалҳои таҳқиқшавандаро ба таркиби қаллобӣ тавсиф кардаанд, зеро охирин, аз рӯйи хусусиятҳои худ, ҳарду ҷиноятро фаро мегирад;

б) Танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар кишварҳои ИДМ бо якпорчагии таърихӣ ва геополитикӣ шарҳ дода мешавад, аммо фарқиятҳои ҷойдошта, дар мисоли КҶ Қирғизистон, КҶ ҶБ, хусусияти мушаххасии давлатиро дар ҳимояи молу мулк шаҳодат медиҳанд.

в) Пешниҳод карда мешавад, ки аз таҷрибаи мусбати Фаронса, Испания, Олмон, Швейтсария, Ҷопон ва Дания дар бораи қисмати қонунгузорӣ оид ба ҷилавгирии амалҳои қаллобӣ, ки дар амалияи тафтишотию судӣ ҳамчун расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ доранд, ба инобат гирифта шавад.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МОЛУ МУЛКӢ БО РОҲИ ФИРЕБ Ё СӮИИСТИФОДАИ БОВАРӢ

## 2.1. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмети расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чор унсури таркиби ҷиноятро номбар менамоянд, ки дар маҷмуъ кирдори барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун ҷиноят тавсиф медиҳад[105]. Ба шумули чунин унсурҳо дохил мешаванд: объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷиноят. Мушаххаснамоии объекти ҷиноят метавонад ба сохти қонуни ҷиноятӣ ва бандубасти ҷиноят, муайян кардани дараҷа ва хусусиятҳои иҷтимоӣ ба ҷамъият хавфнокии зарар, ки дар натиҷаи ҷиноят ба амал омадааст, ба муайян кардани асосҳо ва маҳакҳои интихоби объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва воситаи ҳимояи онҳо таъсир расонад. Ба таври дақиқ муайян намудани объекти ҷиноят аҳаммияти калони амалӣ дорад. Ҳама гуна ҷиноят (аз ҷумла ҷиноятҳое, ки ба ҳамдигар бо бисёр ҷиҳатҳо мушобеҳанд) аз ҷинояти дигар бо ин ё он нишона фарқ мекунанд. Хусусиятҳои фарққунанда имкон медиҳанд, ки ҷиноятҳои бо ҳам алоқаманд фарқ карда шаванд ва меъёри ягонаи дурусти қонуни ҷиноятӣ барои бандубаст татбиқ карда шавад[106].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, объекти ҷиноят ҳамчун ҳуқуқи субъективии инсон[107], меъёрҳои ҳуқуқӣ дар мавҷудияти воқеии онҳо[108], арзишҳо ҳамчун шарти мавҷудияти солими ҷомеа[109], манфиатҳои ҳаётан муҳими бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳифз шуда[110], неъматҳои ҳуқуқӣ[111] ва дигар зуҳуротҳо[112] фаҳмида мешавад.

---

105 Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И, Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 49.

106 Ниг.: Акилова М.М. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 77.

107 Ниг.: Feuerbach A. Lehrbuch des gemeinem in Dentscheand gültigen Peinlichen Rechts. – Lissen, 1847. – P. 45.

108 Ниг.: Таганцев Н.С. Русское уголовное право. Лекции. Часть Общая. Т. 1. – СПб., 1902. – С. 47.

109 Ниг.: Binding K. Die Normen und ihre Ubertreutung. B.l. – Leipzig, 1922. – P. 329.

110 Ниг.: Liszt F. Lehrbuch des Deutschland Strafrechts. – Berlin, 1911. – P. 143.

111 Ниг.: Welzel H. Das Deutschen Strafrechts. – Berlin, 1958. – P. 4.

112 Ниг.: Лохвицкий А. Курс русского уголовного права. – СПб., 1871. – С. 156; Кении К. Основы уголовного права. – М., 1949. – С. 234.

Яке аз ҷиноятҳое, ки ба муқобили моликият равона карда шуда ва бо тасарруф алоқаманд намебошад, ин расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ мебошад, ки ҷавобгарии ҷиноятии он дар моддаи 253 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Дар асоси моддаи мазкур барои расонидани зарари молу мулкӣ ба молик ё дигар соҳиби молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Умуман, объекти ҷиноят он аст, ки ба он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) равона шудааст ё ҷинояткор дахолат мекунад. Дар саҳифаҳои адабиёти махсус ба саволи: худи «он» чист, яъне кирдор ба кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷовуз мекунад, посуххҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, то Инқилоби Октябр як қатор олимони намоёни рус чунин манфиатҳои ҳаётан муҳимро объекти ҷиноят эътироф мекарданд, ки онҳоро давлат бо воситаҳои меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба зери ҳимояи худ гирифтааст[113]. Дар давраи шӯравӣ бошад, объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятиро эътироф мекарданд. Масалан, Б.А. Куринов дар яке аз асарҳои охирини худ навишта буд: « объекти ҷиноят фақат муносибатҳои ҷамъиятии сотсиалистие, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад»[114].

Таърифи дурусти объекти ҷиноят аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Аниқсозии объекти ҷиноят дар навбати худ имконият фароҳам меорад, ки дараҷа ва хусусияти иҷтимоии ба ҷамъият хавфнокии зарари аз ҷиноят расонидашуда ошкор гардад, замина ва маҳакҳои интихоби объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва воситаҳои ҳифзи он, инчунин қоидаҳои умумии бунёди қонунгузории ҷиноятӣ ва гурӯҳбандии ҷиноятҳо коркард шавад.

Ҳамин тавр, шарҳи объекти ҷиноят ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти ҷиноятро муайян карда, ҳудуди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро пайдо ва ба дурустии сатҳи амалҳо ва инчунин ҷудо кардани онҳо аз таркибҳои ба ҳам

---

[113] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 96.
[114] Куринов Б.А. Научные основы квалификации преступлений. – М., 1984. – С. 62.

монанд мусоидат мекунад. Объекти ҷиноят асоси сохтани низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ мебошад. Моҳияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳама гуна ҷиноят тавассути объекти таҷовуз муайян карда мешавад, яъне ин ҳамон ҳадафи иҷтимоӣ мебошад, ки субъекти ҷиноят аксар вақт ба он таҷовуз меоварад[115].

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муносибат ба муайянкунии мафҳуми объект якчанд маротиба иваз шудааст. Аз оғози мавҷудияти худ, назарияи шуравии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба мавқеи он, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти ҷиноят мебошанд, пайравӣ мекард[116]. Дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир изҳороте мавҷуданд, ки дар як қатор ҳолатҳо назарияи объектҳои ҷиноят ҳамчун муносибати ҷамъиятӣ кор намекунад. Ҳамчун объекти ҷиноят эътироф кардани бартариҳои (манфиатҳои) бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшуда, ки ҷиноят ба онҳо таҳдид мекунад, пешниҳод карда мешаванд[117].

Аз нуқтаи назари мо, ҳардуи ин мавқеъҳо ҳаққи вуҷуд доранд. Вобаста ба моҳияти худ, муносибатҳои ҷамъиятӣ як падидаи мураккаби ҷомеа буда, ба ақидаи В.С. Егоров он бояд якчанд унсурҳоро дар бар гирад: предмет (мол, манфиатҳои онҳо, ки робитаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад); субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо; рафтори мутақобилаи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ[118].

Аз як тараф, арзишҳо ва манфиатҳо, агар онҳо ба доираи муносибатҳои байни одамон ворид нашаванд, бетарафанд ва манфиатҳои ҷамъиятро намояндагӣ намекунанд ва аз ин рӯ, ҳифз карда намешаванд. Аммо аз ҷониби дигар, ҳама гуна муносибатҳои иҷтимоӣ зуҳуроти манфиатҳои ҳадди аққал яке аз субъектҳои он мебошанд. Агар дар муносибатҳои ҷамъиятӣ манфиатҳои шахс, субъектҳои хоҷагидорӣ, тамоми ҷомеа ё давлат инъикос нашаванд,

---

[115] Ниг.: Уголовное право России. Часть общая: Учебник для вузов / Под ред. Л.Л. Кругликова. – М.,2005. – С. 72.

[116] Ниг.: Загородников Н.И. Советское уголовное право. – М., 1975. – 568 с.; Никифоров Б.С. Объект преступления. – М., 1960. – 228 с.; Таций В.Я. Объект и предмет преступления в советском уголовном праве. – Харьков, 1988. – 198 с.; Беляев Н.А. Курс советского уголовного права. – Л., 1968. – 648 с.; Пионтковский А.А. Уголовное право РСФСР. Часть общая. – М., 1925. – С. 129-130.

[117] Ниг.: Наумов А.В. Российское уголовное право. Часть общая. – М., 1996. – 560 с.; Кузнецова Н.Ф. Курс уголовного права. Часть общая. – М., 1999. – 340 с.

[118] Ниг.: Егоров В.С. Понятие состава преступления в уголовном праве. – Воронеж, 2001. – С. 18; Уголовное право России. Общая и Особенная часть: Учебник / Под общ. ред. В.П. Ревина. – М., 1998. – С. 26.

ҳимояи ин гуна манфиатро мувофиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ водор кардан ғайриимкон аст. Ин гуна фикрронӣ як навъ мудерн намудани масъалаи омӯзиши объекти ҷиноят ва ҷалби диққати муҳаққиқин ба ин самт мебошад. Чунки омӯзиши адабиёти илмии солҳои охир доир ба масъалаи объекти ҷиноят нишон медиҳад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ чун объекти ҷиноят муҳиммияти худро гум накардааст ва ҳамагуна неъматҳои муҳимми ҷамъиятии муосирро дар бар гирифтааст[119].

Ҳуқуқшиноси маъруфи рус Н.С. Таганцев чунин ақида дошт, ки ҳамеша объекти ҷиноят меъёри ҳуқуқӣ дар мавҷудияти воқеии он мебошад. Расонидани зарар ба дорандаи ҳуқуқи воқеӣ, чи хеле ки Н.С. Таганцев навишта буд, на моҳияти ҷиноят, балки танҳо воситаи онро ташкил медиҳад. Он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши дуюмдараҷаро мебозад, чунки моҳияти ҷиноятро бо ин роҳ ифода намудани ҷасорати ирода дар вайрон кардани талаботҳои давлат оид ба дахлнопазирии тартиботи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, ҳамеша аз содиршавии ҷиноят давлат ҳамчун муҳофизи ҳукмронии ҳуқуқ азоб мекашад[120].

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳуқуқшиносони алоҳида кӯшиш карда истодаанд, ки асосҳои иҷтимоии ҳуқуқро ёфта, объекти ҷиноятро ошкор созанд. Масалан, В. Майхофер, Х. Коинг, А. Кауфман (ФРГ) чунин меҳисобанд, ки ҳуқуқ бо «табиати ашёҳо», ки онро хусусияти муносибатҳо ва объектҳо ва инчунин манфиатҳои ҷамъиятӣ ва амали субъектҳои танзими ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, шартнок карда шудааст[121]. Дар ин маврид консепсияи В.Майхофер бо он диққатҷалбкунанда аст, ки дар он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар намуди нақшҳои ҷамъиятӣ баромад менамоянд ва дар онҳо бо роҳи табиӣ манфиатҳои баҳогузорӣ, умедворӣ ва албатта ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои муайян ба даст меоянд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқ аз рӯйи

[119] Ниг.: Винокуров В.Н. Объект преступления: способы конкретизации, установления и закрепления в законе. Монография. – Красноярск, 2010. – С. 49.
[120] Ниг.: Таганцев Н.С. Курс русского уголовного права. Часть Общая. Кн.1: Учение о преступлении. – СПб., 1874. – С. 175.
[121] Ниг.: Die ontologische Begrinding des Rechts. – Hamburg, 1965. – P. 52-508.

ақидаи Майхофер, на манфиати синфи ҳукмрон, балки албатта, вазъияти дар ҷамъият бадастомадаро ҳифз менамояд[122]. Муносибатҳои ҷамъиятиро «ҳамчун объекти ҷиноят криминалистҳои хориҷӣ низ эътироф менамоянд»[123].

Ҳангоми муайянсозии объекти ҷиноят дар адабиёти ҷиноятӣ-ҳуқуқии мамлакатҳои хориҷа баъзан ишорат ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба манфиати синфи меҳнаткаш ба назар мерасад. Масалан, Ф. Полячек ишора менамояд, ки объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар давлати халқӣ-демократӣ амал мекунанд ва барои манфиатҳои синфи меҳнаткаш аз ҷониби қонуни ҷиноять ҳифз карда мешаванд[124]. Аз назари мо, ишора ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ «барои манфиати синфи меҳнаткаш» барзиёд аст, чунки дар муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад, манфиатҳои тамоми ҷомеа вобаста шудааст. Аз ин рӯ, ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ин ҳифзи манфиатҳои меҳнаткашон мебошад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ проблемаи объект доимо дар маркази диққат қарор дорад. Бо вуҷуди ин, дар бисёр масъалаҳо ҳоло ҳам хулосаҳо ва муҳокимаҳои ба ҳам мухолиф мавҷуданд. Мо ҳадаф надорем, ки мушкилоти мураккаби назариявии объекти ҷиноятро таҳлил намоем, бо назардошти он, ки он баъзе мушкилотро ба вуҷуд меорад ва дар ин робита метавонад мавзуи омӯзиши алоҳида бошад.

Ба ақидаи В.Н. Кудрявтсев, муайянкунии объекти ҷиноят марҳилаи ибтидоӣ ҳангоми интихоби меъёри дахлдор мебошад[125]. Ин ба он вобаста аст, ки муайяннамоии объект яке аз аломатҳои асосии ҷиноят – ба ҷамъият хавфнокии кирдорро муайян мекунад. Қонунгузор дар фасли XI. КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи иқтисод ҳамчун объекти умумӣ нишон додааст. Аммо, андешаҳои олимон нисбати мундариҷаи объекти хелии ин бахш гуногунанд.

---

[122] Ниг.: Majhefer W. Die Natur der Sache. Die ontologische Begrunding des Rechts. – P. 52.
[123] Шуберт Л. Об общественной опасности преступного деяния. – М., 1960. – С. 23; Реннеберг И. Объективная сторона преступления. – М., 1956. – С. 30.
[124] Ниг.: Полячек Ф. Состав преступления по чехословацкому уголовному праву. – М., 1960. – С. 63.
[125] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. – М.: Юридическая литература, 1999. – С. 136.

Таснифи объектҳои ҷиноят бошад, низ мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст[126]. Мутобиқи ин таснифот объекти ҷиноят ба вертикалӣ (аз боло ба поён) ва горизонталӣ(аз чап ба рост) тасниф карда шудааст. Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Тоҷикистон низ низоми чорзинагии таснифоти ҷиноятҳоро муқаррар намудааст. Вобаста ба ин, объекти ҷиноят аз рӯйи таснифоти вертикалӣ ба объекти ӯмумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита ҷудо мешавад.

Ҳамин тавр, С.М. Кочои ҳамчун объекти умумӣ моликият, тартиби амалигардонии фаъолияти иқтисодӣ ва манфиатҳои хизматро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо эътироф кардааст[127]. Н.А. Лопашенко бар он ақида аст, ки ҷиноятҳои ин бахш ба муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодӣ, ки ба принсипҳои амалисозии фаъолияти иқтисодӣ асос ёфтаанд, таҷовуз мекунад[128] ва як қатор муаллифон чунин меҳисобанд, ки объекти хелии ин ҷиноятҳоро муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои мухталифи соҳаи иқтисодро таъмин мекунад, баромад мекунанд[129].

Аз ҷониби криминологҳо таърифи васеи иқтисодиёт дода мешавад: «Ба таври умум, иқтисодиётро ҳамчун як системаи истеҳсоли ҷамъиятӣ метавон муайян кард, ки воқеан молҳои моддии барои ҷомеа зарурӣ, аз ҷумла маҳсулот ва хидматҳоро истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмол мекунад»[130]. Мувофиқи он, мундариҷаи муносибатҳо дар соҳаи иқтисод гуногунанд, аммо ҳадафҳои он қариб ҳамеша бетағйир мемонанд – беҳтар кардани шароити зиндагии шахси мушаххас.

---

[126] Ниг.: Коржанский Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны. – М., 1980. – 248 с.; Таций В.Я. Объект и предмет преступления в советском уголовном праве. – Харьков, 1988. – 198 с.
[127] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности: учебно-практическое пособие. – М.: ООО «Антея 2000», 2000. – С. 81.
[128] Ниг.: Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, система, проблемы квалификации и наказания. – Саратов: Саратовская государственная академия права, 1997. – С. 20.
[129] Ниг.: Уголовное право: Часть Общая. Часть Особенная / Под ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина и С.В. Максимова. – М.: Эксмо, 2005. – С. 384.
[130] Яковлев А.М. Социология экономической преступности. – М., 1988. – С. 64; Уголовное право России. Часть общая: Учебник для вузов / Под ред. Л.Л. Кругликова. – М., 2005. – С. 77.

Чун қоида объекти хелӣ аз рӯйи фасл ва объекти намудӣ бошад аз рӯйи боби мушаххаси Қисми махсуси КҶ муайян карда мешавад. Бояд гуфт, ки ҷиноятҳои таҳлилшавандаи ба муқобили моликият дар фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ва дар боби 26 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» муқаррар карда шудааст. Аз рӯйи мантиқии нигоҳи қонунгузорӣ объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро, ки дар фасли XI ҚҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ин иқтисодиёт мебошад, ки ҳамчун маҷмуи муносибатҳои истеҳсолӣ дар раванди истеҳсол, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, аз рӯйи мантиқи зикршуда, объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодиро бо дарназардошти фасли XI КҶ чун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт муқаррар кардан мумкин аст, ки онҳо ба истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ равона карда шудаанд.

Ба андешаи М.Ҷ. Раҳмонзода аз рӯйи мантиқи қонунгузорӣ объекти хелии ҷиноятҳои иктисодӣ, ки дар фасли XI КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ин иктисодиёт мебошад[131]. Олимони дигар низ иброз медоранд, ки объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодиро бо дарназардошти фасли XI КҶ ҶТ чун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иктисодиёт муқаррар кардан мумкин аст, ки онҳо ба истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ равона карда шудаанд[132].

Андешаҳои назариячиён дар ниҳояти кор ба таърифи объекти хелии ҷинояти дар м. 253 КҶ ҶТ муқарраршуда, ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт дар маҷмуъ дуруст мебошад. Дар баробари ин, зери мафҳуми иқтисодиёт низоми хоҷагидорие фаҳмида мешавад, ки соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ (саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва ғайра) ва соҳаи ғайримоддиро (маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва ғайра) дар бар мегирад, ки

---

[131] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 65.
[132] Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Кудратов Н.А. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. – Душанбе, 2015. – С. 6.

ҷамъиятро бо манфиатҳои моддӣ ва ғайримоддӣ фароҳам месозад.

Объекти намудии ин ҷиноятро муносибатҳои молумулкӣ ташкил медиҳанд. Ҳуқуқ ба моликиятро соҳаи ҳуқуқи маданӣ дар доираи предмети батанзимдадории худ, танзим менамояд. Дар қонунгузории маданӣ зери мафҳуми моликият категорияи ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои ҳуқуқиро байни соҳибмулк ва дигар аъзои ҷомеа оид ба доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк пайдо мекунад.

Ҷиноятҳо ба муқобили моликият асосан хусусияти молу мулкӣ (моҳияти иқтисодӣ) дорад, ки кирдори ҷинояткор муқобили молу мулки муайян равона карда шудааст. Моҳияти иқтисодӣ доштани ин намуди муносибатҳои ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки онҳо ҳамчун арзишҳои моддӣ дар натиҷаи фаъолияти субъектони муайян - шахс, ҷамъият ва давлат ба вуҷуд омадаанд.

Объекти намудии ҷиноят намудҳои мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятие дониста шудаанд, ки дар боби қисми Махсуси КҶ ҶТ муқаррар шудаанд. Объекти намудӣ чун қисми объекти хелӣ баромад намуда, намуди гуногунхелии онҳо мебошад. Дар асоси тафсири аслии боби 26 КҶ ҶТ, объекти намудии ҷинояти таҳлилшаванда моликият мебошад. Конститутсияи ҶТ принсипи баробарҳуқуқии ҳама шаклҳои моликиятро эълон мекунад. Мувофиқи қ. 2 м. 13 Конститутсияи ҶТ дар ҶТ ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, кафолат дода шуда, дар шакли баробар эътироф ва ҳифз карда мешаванд. Сарфи назар аз он, ки моликият яке аз категорияҳои омӯхташуда дар илмҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, масъалаи мафҳум ва мундариҷаи моликият хеле баҳснок аст.

Дар илм се нуктаи назар оид ба таърифи мазмуни моликият ҳамчун объекти кирдори ҷиноятӣ мавҷуд аст:

– моликият ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ;

– моликият ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ (ҳуқуқи молумулкӣ ба маънои объективӣ ва субъективӣ);

– моликият ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқи молумулкӣ[133].

Муҳаққиқ А.Г. Безверхов изҳор мекунад, ки эътироф кардани танҳо ҳуқуқҳои молумулкӣ ҳамчун объекти ҷиноят имкон намедиҳад, ки моҳияти зарар муайян гардад ва тафоввути ҷиноятҳо нисбат ба моликият, инчунин ҷиноятҳои дигар дар ҳолате, ки соҳибмулк аз имкони воқеии соҳиб будан, истифода ва ихтиёрдории молумулк маҳрум аст, муайян карда шавад[134] ва баръакс, агар моликият объекти ҷиноят бар муқобили моликият танҳо ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ҳисобида шавад, пас ҳамаи ҷиноятҳо бар зидди моликият ба як гурӯҳи ҷиноятҳо - нисбати ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандӣ тааллуқ доранд[135].

Аммо, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, як қатор олимон танҳо яке аз хусусиятҳои асосии муносибатҳои моликиятиро муайян мекунанд. Г.Н. Борзенков ва Л.Д. Гаухман танҳо ба муносибатҳои иқтисодии моликият ҳамчун объекти мушаххаси вайронкунии моликият ишора мекунанд. Дар навбати худ, В.В. Малтсев ба ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории арзишҳои ба молик мансуббударо афзалият медиҳад[136].

Бояд қайд намуд, ки худи моликият объекти ҷиноят шуда наметавонад, танҳо муносибатҳои молу мулкӣ объекти ҷиноят шуда метавонанд. Дар ин раванд, фикри А.А. Пионтковскиро оид ба он ки объекти бевосита дар бисёр ҳолатҳо муносибати ҷамъиятӣ ҳисобида намешавад, танқид намуда, Я.М. Брайнин дуруст қайд намудааст, ки ин фикр масоили объекти ҷиноятро мураккаб месозад, чунки ҷудоиро байни мафҳуми бевоситаи объекти ҷиноят ва мафҳуми объекти ҷинояти ҷинсӣ ба миён меорад[137]. Чунин бармеояд, ки дар кадом маъние ки истилоҳи «моликият» дарк карда нашавад, – чи баробар ба

---

133 Ниг.: Безверхов А.Г. Собственность и имущественные отношения / А.Г. Безверхов // Законодательство. – 2002. – №12. – С. 50.

134 Ниг.: Безверхов А.Г. Асари зикршуда. – С. 50.

135 Ниг.: Логинова Н.Г. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием без признаков хищения: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2007. – С. 73.

136 Ниг.: Курс уголовного права. Особенная часть: учебник для вузов: В 5 т. / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссарова. – М.: Зерцало, 2002. – Т. 3. – С. 388; Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Ответственность за преступления против собственности. – М.: ЮрИнфоР, 2002. – С. 18.

137 Ниг.: Брайнин Я.М. Уголовная ответственность и её основание в советском уголовном праве. – М., 1963. – С. 168.

мафҳуми «ашё»[138] ва ё маҷмуи ҳуқуқҳои моликиятӣ ва уҳдадориҳо[139], ва ё ҳамчун «неъматҳои моддӣ»[140] — моликият наметавонад объекти ҷиноят эътироф гардад. Моликият объекти ҷиноят намебошад, чунки гунаҳкор на ба моликият сӯиқасд менамояд ва зарар бо воситаи содиршавии ҷиноят на ба моликият ва на ба ашё мерасад. Ҳатто дар он ҳолатҳое, ки ашё ва ё предмет ҳангоми содиршавии ҷиноят нобуд ва ё вайрон карда мешаванд, он гоҳ дар чунин ҳолатҳо зарари иҷтимоӣ на ба ашё, предмет, балки ба моликиятдор ва ё дорандаи моликият расонида мешавад. Мафҳуми моликият ҳарҷанд зич бо мафҳуми молу мулк алоқаманд бошад ҳам, лекин аз рӯйи хусусиятҳои иҷтимоии муносибатҳои ҷамъиятӣ он ҳамчун падидаи ба муносибатҳои молу мулкӣ шабоҳатдор дида баромада намешавад[141].

Ашё наметавонад худро ба моликиятдор барои доштан, истифодабарӣ, идоранамоӣ пешниҳод намояд. Ба ин ҳуқуқи моликиятдор уҳдадории ҳамаи дигар шахсон оид ба мамониат накардан ба моликиятдор оид ба доштан, истифодабарӣ, идоранамоии ашё мувофиқат менамояд. Моликият муносибатҳои моликиятдорӣ, муносибат байни инсону ашё намебошад. Танҳо идеалистон аз фаҳмиши гегелии моликият, яъне на муносибати муайяни ҷамъиятӣ, балки ҳамчун муносибати инсон ба ашё баромад мекарданд[142].

Азбаски «муносибатҳо ҳамеша бо ашёҳо алоқаманданд ва ҳамчун ашёҳо зоҳир мешаванд», он гоҳ ин изҳороти рӯякии муносибатҳои ҷамъиятии моликият баъзан ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул мешаванд. Лекин маълум аст, ки ин моҳияти падида нест. Чунки моликият ин муносибат байни одамон оид ба муносибатҳои онҳо ба ашёҳо, мебошад, ки онҳо хусусиятҳо ва паҳлуҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, он гоҳ моликияти бегона на объекти ин ҷиноятҳо, балки предмети сӯиқасд ба моликият мебошад.

---

[138] Научно-практический комментарий к Гражданскому кодексу РСФСР / Под ред. проф. Е.А. Флейшиц. – М.: Юрид. лит., 1966. – С. 99.
[139] Ниг.: Алексеев С.С. Предмет советского социалистического гражданского права. Ученые труды Свердловского юридического института. – Т. 1. Серия «Гражданское право». – Свердловск, 1959. – С. 19.
[140] Кригер Г.А. Борьба с хищениями социалистического имущества. – М., 1965. – С. 61; Сергеева Т.А. Уголовно-правовая охрана социалистической собственности в СССР. – М., 1954. – С. 29.
[141] Ниг.: Тарановский Ф.В. Учебник энциклопедии права. – Юрьев, 1917. – С. 158-159.
[142] Ниг.: Гегель Г. Философия права. – М. – Л., 1934. – С. 72.

Омехтакунии объект ва предмети сӯиқасд ба молу мулк ба баҳогузории нодурусти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва шарҳи ҳуқуқии ин амалҳо меорад, чунки на ҳамагуна амал нисбати моликият ва ё оид ба моликият ҳамчун ҷиноят бар зидди шахсият дониста мешавад. Ин метавонад ҳам дуздӣ, худсарӣ, додан ва ё гирифтани пора, қочоқ ва дигар харакатҳо бошад.

Мо ба нуқтаи назари С.М. Кочои қисман розӣ ҳастем, ки чунин менависад, эътироф кардани моликият ҳамчун объекти ҷиноят танҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ маънои таҷовуз ба салоҳиятро, ки қонунан ба молик таалуқ дорад, медиҳад[143]. Мо чунин мешуморем, ки падидаи баррасишаванда мураккаб ва гуногунҷабҳа аст ва онро танҳо аз як тараф баррасӣ кардан қобили қабул нест.

Ҳамин тариқ, объекти намудии ҷиноятҳои дар боби 26 КҶ ҶТ пешбинишуда, ки мо онро баррасӣ намуда истодаем, моликият ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, зеро муносибатҳои молумулкӣ, ки воқеан дар ҷомеа мавҷуданд, тавассути қоидаҳои танзимкунандаи муносибатҳои марбут ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории моликият муттаҳид ва ҳифз карда мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки объекти намудӣ ва бевоситаи ин ҷиноятро моликият ташкил медиҳад, ки он ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳо вобаста ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории соҳибмулк молумулки худро бо хоҳиши худ ва барои қонеъ намдуни манфиатҳои худ танзимкунанда, инчунин он ба бартараф намудани даъолати тамоми шахсони сеюм ба соҳаи соҳибияти хоҷагидориаш фаҳмида мешавад[144]. Ҳуқуқи моликият ба дорандаи он салоҳиятҳои пурра оид ба соҳибият, истифода ва ихтиёрдорӣ нисбат ба моликияти ба ӯ тааллуқдоштаро медиҳад, ки дар маҷмуъ ин омилҳо муносибатҳои молу мулкиро ташкил медиҳанд.

---

[143] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности: монография. – М.: Юрист, 1998. – С. 70.
[144] Ниг.: Перч Н.В. Неполучение должного как вид имущественного ущерба: на примере ст. 165 УК РФ: понятие, влияние на ответственность и квалификации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 94.

Хусусиятҳои муносибатҳои молу мулкӣ, ки ҳамчун ҳуқуқҳои молу мулкӣ (ашёӣ) арзёбӣ мегарданд, аз инҳо иборатанд:

– онҳо хислати мутлақ доранд, яъне дар нисбати шахси ваколатдор доираи номуайяни шахсони уҳдадор меистанд;

– тамоми ҳуқуқҳои ашёӣ муносибати бевоситаи шахсро нисбати ашё (бидуни шахсони сеюм) мустаҳкам мекунанд;

– тавассути даъвоҳои махсуси молумулкӣ ҳимоя мешаванд (даъвои негаторӣ, виндикатсионӣ);

– объекти онҳо танҳо ашёи хоса шуда метавонад, бинобар ин, нобуд шудани он боиси қатъи ҳуқуқ мегардад (объекти ҳуқуқи уҳдадорӣ, рафтори шахси уҳдадор)[145].

Чунин хулосаронӣ оид ба он ки моликият объекти бевоситаи м. 253 КҶ ҶТ-ро ташкил медиҳад, ҳам мантиқан ва ҳам аз нигоҳи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дуруст намебошад. Зеро моликият ин муносибати ҷамъиятӣ нест, он объекти олами моддӣ мебошад, ки аз ҷиноят зарар мебинад ё таҳти расонидани зарар қарор гирифтааст. Моликият ин предмети ҷиноят мебошад, на ин ки объекти ҷиноят.

Дар зербоби мазкур диққати асосӣ ба масъалаи объекти бевоситаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дода мешавад. Дар умум объекти бевосита – ин муносибати ҷамъиятии мушаххас мебошад, ки тавассути моддаи алоҳидаи Қисми махсуси КҶ ҳифз карда мешаванд[146].

Дар асоси объекти бевосита бандубасти ҷинояти алоҳида муайн карда мешавад. Лекин, бояд қайд намуд, ки объекти бевосита ва намудӣ дар ҷиноятҳо ба муқобили моликият вобаста ба мазмун ба ҳам монанд мебошанд. Объекти бевосита танҳо муносибати ҷамъиятиро, ки ба он зарар расонида мешавад ё таҳти расонидани зарар қарор мегирад, мушаххас менамояд.

---

[145] Ниг.: Суханов Е.А. Проблемы правового регулирования отношений публичной собственности и новый Гражданский кодекс / Гражданский кодекс России. Проблемы. Теория. Практика. – М., 1998. – С. 227.
[146] Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтсиодӣ. – Душанбе, 2013. – С. 9.

Объекти бевоситаи ҷинояти таҳлилшаванда дар баробари ҳуқуқи соҳибмулк оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулкаш, инчунин муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба тақсимоти неъматҳои моддӣ мебошад. Гунаҳкор дар натиҷаи содир намудани ҷиноят аз ҳисоби шахсони дигар, ҳамчунин бар зидди манфиатҳои қонунии онҳо моликиятро аз худ менамояд ё манфиати молу мулкӣ мегирад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки объекти бевоситаи ҷинояти таҳлилшавандаро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки байни соҳибмулк ва дигар субъектони қонунӣ, ки моликиятро соҳибӣ менамоянд ва шахсе, ки уҳдадор аст ин моликиятро бо таъиноташ ба манфиати шахси якум (соҳибмулк) истифода барад ё барои истифодаи ин моликият маблағ пардозад ё ба фоидаи соҳибмулк барои хизматрасонии хусусияти молумулкидошта маблағро диҳад, мебошад. Дар баробари ин, И.В. Ботвин менависад, ки объекти бевоситаи ҷинояти таҳқиқшавандаро муносибатҳои байни шахсе, ки бояд дар муҳлати муқарраршуда маблағҳои ҳатмиро пардохт намояд ва давлат, ки чунин маблағҳоро қабул менамояд мебошад[147]. Чунин ақидаронӣ чандон дуруст намебошад, зеро қонуни ҷиноятӣ барои саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ (м. 291), саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ (м. 292) ва саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо ва (ё) пардохтҳо (м. 293) ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст ва дар сурати напардохтани пардохтҳои ҳатмӣ дар намуди боҷ ва андоҳо шахси гунаҳкор бо моддаҳои 291-293 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар замони Шӯравӣ объекти ҷинояти мазкурро ҳамчун «муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба истифодабарии моликияти Шӯравӣ ва таъсиси фондҳои моликияти Шӯравӣ»[148], «муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба истифодабарии

---

[147] Ниг.: Ботвин И.В. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2016. – С. 57-58.

[148] Никишин Д.Л. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием (уголовно-правовой и криминологический аспекты): дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2001. – С. 36, 43.

моликият»[149], «муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо ҳуқуқи соҳибӣ ва ихтиёрдории моликият аз ҷониби ҳам соҳибмулк ва ҳам дигар молик»[150], муносибати ҷамъиятӣ оид ба ташаккули фонди молик[151] баҳо дода, муаллифон беасос мафҳуми моликиятро васеъ менамоянд. Ин гурӯҳи муаллифон ба мазмуни моликият муносибатҳоеро дохил намудаанд, ки аз доираи муносибатҳои молу мулкӣ берун мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои дигар вобаста ба объекти бевоситаи м. 253 КҶ ҶТ низ дида мешаванд. Н.Г. Логинова объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқоибли моликиятро муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятие медонад, ки байни субъектони расонандаи хизматрасонӣ ва истифодабарндагони ин хизматрасонӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзим дароварда шудаанд, ҳамчунин байни субъектоне, ки воситаи истеҳсолотро ба коргари худ пешниҳод мекунанд ва коргар уҳдадор мегардад, ки ин воситаро (молумулкро) вобаста ба таъиноташ ва ба манфиати молик ё соҳиби он дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатӣ истифода барад, инчунин муносибатҳо байни молики воқеӣ ё соҳибмулк ва шахсе, ки уҳдадор аст андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмиро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва маданӣ муайян шудаанд, пардозад, мебошад[152]. Ба ақидаи мо, чунин баҳодиҳии объекти бевоситаи ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ бо дарназардошти нишон надодани ба як махраҷ овардани маҷмуи муносибатҳо, ки тавониста бошем вобаста ба объекти бевоситаи ҷиноят (м. 253 КҶ ҶТ) сухан ронем, чандон қобили қабул нест. Дар баробари ин, ақидаи муллиф мантиқан имкон намедиҳад, ки дигар намудҳои объект – объекти хелӣ ва намудӣ муайян гардида, тафриқагузорӣ байни таркиби дигар ҷиноятҳо анҷом дода шавад, масалан, муносибатҳои байни соҳибмулки воқеӣ ва шахсе, ки уҳдадор аст

---

[149] Панов Н.И. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием. – Харьков, 1977. – С. 18.
[150] Сычева Н.В. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2006. – С. 12.
[151] Ниг.: Логинова Н.Г. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием при отсутствии признаков хищения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Красноярск, 2007. – С. 13.
[152] Ниг.: Логинова Н.Г. Асари зикршуда. – С. 12-13.

андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмиро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ва маъмурӣ муқаррар гардидааст ва онҳо бояд моддаи 253 ё моддаҳои 291-293 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд, душворӣ пеш меорад.

Албатта, ҳифзи муносибатҳои иқтисодии моликият ҳамчун асоси моддии ҳар як низоми ҷамъиятӣ вазифаи асосии низоми ҳуқуқии ҳар як давлат мебошад. Ҳифзи чунин неъматҳои моддӣ бо восита ва ё ягон шакли соҳаи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Соҳаҳои ҳуқуқи омма асосан принсипҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқи моликиятиро мустаҳкам менамоянд ва дар як маврид барои вайрон кардани ин присипҳо намудҳои гуногуни ҷавобгариро, аз қабили ҷиноятӣ ва маъмуриро муқаррар мекунанд. «Ба монанди: ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба молумулки ғайр; соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молумулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст омадааст; қасдан несту нобуд кардани ё вайрон кардани молумулк ва ғайра»[153]. Ин қоида низ дар низоми ҳуқуқи хусусӣ дида мешавад. Масалан, ҳуқуқи меҳнатӣ ҷавобгарии моддиро барои зиёне, ки корманд ба корфармо расонидааст муқаррар мекунад ва ё ҳуқуқи оилавӣ бошад муносибатҳои молу мулкии ҳамсаронро дар мавриди вайрон шудани онҳо ба танзим медарорад. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки пеш аз он , ки ҳуқуқи вайроншуда ҳифз шавад, он бояд тартиби махсуси ҳифз кардани худро кор карда баромада бошад. Ин тартиб ҳам дар қонунҳои моддӣ ва ҳам дар қонунҳои мурофиавӣ пешкаш карда мешаванд.

Одатан муносибатҳои молумулкӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ба танзим даровардa мешаванд, на ин ки бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ё ҳуқуқи меҳнатӣ, зеро КМ ҶТ дар м. 1 муқаррар намудааст, ки «Қонунҳои маданӣ вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни аҳдҳои маданӣ, асосҳои ба миён омадан ва тартиби татбиқи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашёй, ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳниро муайян намуда, уҳдадориҳои шартномавӣ ва уҳдадориҳои дигар, инчунин муносибатҳои дигари молу мулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайри молу мулкӣ марбут ба онҳоро, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва

[153] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Муҳ. масъ. Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – С. 350.

мустақилияти молу мулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст, танзим менамоянд».

Шахсе, ки бидуни асосҳои муқаррарнамудаи қонун ё аҳд аз ҳисоби шахси дигар (ҷабрдида) молумулк ба даст овардааст ё нигоҳ доштааст, уҳдадор аст ба ҷабрдида молумулки беасос ба дастоварда ё нигоҳдоштааш(дороии беасос)-ро баргардонад. Дар сурати сари вақт бо роҳи фиреб барнагардонидани молумулк, ки дар натиҷа молик ё соҳиби молу мулк зарар мебинад, кирдор бо м. 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба чунин хулосаи дуруст омадан мумкин аст, ки объекти бевоситаи ин ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки ба моликият таҷовуз оварда маҷмуи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муомилоти граждании ҳифзшавандаро халалдор месозанд.

**Предмети ҷиноят расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.** Дар мавриди банду баст намудани ҷинояти мушаххас предмети ҷиноят ҳам нақши муайянро мебозад. Предмети ҷиноят он чизи муайяни мавҷуда аст, ки бо бевосита таъсиррасонӣ ба он ҷинояти мушаххас содир карда мешавад. Масалан, предмети дуздии молумулки давлатӣ, ҷамъиятӣ, хусусӣ ё шахсӣ – пул, автомобил, телевизор, хӯрокворӣ, либосҳо, ҳайвонҳои хонагӣ ва ғайра. Қайд кардан бамаврид аст, ки барои предмети тасарруфи молумулк шудан чизи мушаххаси мавҷуда камаш соҳиби се аломат шуданаш лозим ё ба се талабот ҷавоб доданаш лозим: якум, чизи алоҳида; дуюм, қадру қимати муайян доштан; сеюм, бо моликияти муайян мансуб будан.

Предмети ҷиноят дар як ҳолат ба банду басти ҷиноят таъсир мекунад, дар дигар ҳолат дар таъин намудани ҷазо ба эътибор гирифта мешавад. Предмету объекти ҷиноят зич алоқаманд аст. Ин алоқамандӣ то он дараҷа мустаҳкам аст, ки предмети ҷиноят бе объекти он барои банду баст кардани воқеа ягон аҳаммияте надорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ предмети ҷиноятҳо муқобили моликият ҳамчун молумулки манқул ва ғайриманқул эътироф гардидааст. Ба молумулки ғайриманқул инҳо дохил мешаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, ниҳолҳои бисёрсола ва молумулки дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст. Ба молумулки ғайриманқул инчунин, киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молумулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст, дохил мешаванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Чизу чорае, ки ба молумулки ғайриманқул дохил намешаванд, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, молумулки манқул дониста мешаванд[154].

Дар умум передмети ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боовариро моликият ташкил медиҳад.

Ҳимояи ҳуқуқии ҷиноятии моликият яке аз кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи молумулк мебошад. Моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарии тамоми субъектҳои ҳуқуқи моликиятро дар назди қонун ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳоро аз ҷониби давлат эътироф мекунад. Дар КҶ ҶТ амалкунанда ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо бар зидди моликият дар фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт», боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» муқаррар шудааст (моддаҳои 244-257).

Моликият асоси иқтисодии ҷомеа мебошад, ҳуқуқи ҷудонопазирии молик будан яке аз кафолатҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Аҳаммияти моликият он қадар бузург аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур шуморид, то таҳкими онро дар байни муҳимтарин ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва шаҳрванд муқаррар карда шавад. Нақши моликият дар ҷомеа аз он иборат аст, ки моликият воситаи самаранок ва кафолатноки татбиқи

[154] Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери назари А.А. Қаҳҳоров. – Душанбе, 2010. – С. 437-438.

манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон, умуман дар соҳаи истеҳсолот ва қонеъ сохтани ниёзҳои истеъмолкунандагон мебошад; молумулк ба шахсоне мансуб аст, ки бартарии иқтисодии объектҳои молумулк ва муносибатҳои вобаста ба гардиши ҳуқуқӣ-граждании ин объектҳоро ба вуҷуд меорад; молумулк устуворӣ, қонеъкунии дарозмуддати ниёзҳои моликро таъмин мекунад.

Давлат бояд устувории муносибатҳои молумулкиро кафолат диҳад ва ҳифзи онҳоро таъмин кунад. Иҷрои ин вазифаи давлат дар масъалаи ҳифзи молумулк аз таҳдиди ҷиноятӣ зоҳир мешавад. Дар ҷомеаи дорои иқтисоди бозаргонӣ, қонуни ҷиноятӣ бояд ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, давлат ва ҷомеа, субот ва дахлнопазирии моликиятро таъмин кунад, ки асоси системаи иқтисодии ҳар як давлат аст.

Ҳимояи баробари ҳамаи шаклҳои моликият, эҳёи моликияти хусусӣ, рушди босуръати муносибатҳои бозорӣ ба пайдоиши объектҳои нави муносибатҳои молумулкӣ оварда мерасонад.

Пешгирии ҷиноятkорӣ бар зидди моликият бештар аз он вобаста аст, ки моликият ҳамчун молумулк чӣ гуна ҳифз карда мешавад ва бояд таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор дода шавад. Ҳамзамон, КҶ пеш аз ҳама ҳифзи соҳибият ба моликиятро таъмин мекунад.

Масъалаҳои бандубасти кирдорҳои марбут ба ҳуқуқи моликият ҳамеша дар маркази диққати олимон қарор дорад. Аммо, дар аксари корҳое, ки ба масъалаҳои ҳифзи ҷиноятии молумулк бахшида шудаанд, ба таҳлили масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин таҷовуз ба молумулк, ки бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ расонида шудааст, диққати ҷиддӣ дода нашудааст.

Таҳлили таҳқиқоти олимони рус оид ба асосҳои ҳуқуқии моликият ва воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба ҳимояи он ба мо имкон медиҳад, ки дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дониш дар бораи молумулк доимӣ аст, ки

он на ҳамчун омили табиист, балки ҳамчун сохтори иҷтимоӣ фаҳмида мешавад[155].

Шубҳа нест, ки моликият аз ҷониби ҷомеа ба вуҷуд омадааст ва аз ин рӯ, далели он, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ афзалияти муносибатҳои молумулкӣ мебошанд, баҳсро талаб намекунанд. Дар назарияи муосири ҳуқуқ, моликият одатан аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ баҳо дода мешавад[156]. Бо назардошти таҷрибаи ин равишҳо, намояндагони ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар қиёс бо назарияи умумии ҳуқуқ, моликиятро асосан аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ мекунанд.

Моликият ба чунин маъноҳо фаҳмида мешавад:

1) ҳамчун категорияи иқтисодӣ муносибатҳои иҷтимоӣ-истеҳсолие мебошад, ки ба ҷиҳати аз ҷониби шахсони муайян ва гурӯҳи шахсон азхудкунии ашёи табиат ва натиҷаи меҳнат дахл доранд;

2) ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ тааллук доштани молу мулкро ба шахсони муайян ва гурӯҳи шахсон дар шароити муайян ва шаклҳои муайяни моликият ифода мекунад;

3) институти ҳуқуқи маданӣ, ки аз маҷмуимеъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои иктисодии моликиятро тавассути усулҳои ҳуқуқи маданӣ ба танзим медарорад;

4) худи молу мулк, ки ба ин ё он субъект дар асоси ҳуқуқи моликият карор дорад[157].

Дар қонунгузории Тоҷикистон назар ба мафҳуми «моликият»мафҳуми «мол» бештар истифода мегардад. Таърифи ҳуқуқии мол дар санадҳои ҳуқуқии зиёде ба назар мерасад. Ин таърифҳо асосан ба ҳамдигар монанд мебошанд. Масалан, дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» аз 28 июли соли 2006[158] қайд гардидаст, ки мол маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ) буда, барои

[155] Ниг.: Бочкарев С. Модернизация уголовно-правовой охраны собственности: проблемы теории и методологии / С.А. Бочкарев. – Фонд «Либеральная миссия», 2010. – 20 с. // Право и жизнь. – 2011. – №156 (6). – С. 183-193.
[156] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: Учебник / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 2001. – С. 200.
[157] Ниг.: Теория государства и права. Учебник / Под ред. М.Н. Марченко. – М.: ИКД «Зерцало», 2002. – С. 260.
[158] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» аз 28 июли соли 2006 // АМО Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2006. – №7. – М. 346.

мубодила ва фурӯш дар бозор мукаррар шудааст. Дар қонуни мазкур шарҳи дигар мафҳумҳои вобаста ба мол дода шудааст: молҳои баҳамивазшаванда – гурӯҳи молҳое, ки аз рӯйи таъинот, тарзи истифодабарӣ, тавсифи сифатӣ ва техникӣ, нарх ва дигар хусусиятҳояшон қиёспазиранд ва харидор аслан онҳоро бо ҳамдигар дар ҷараёни истеъмол (аз ҷумла истеҳсолӣ) иваз карда метавонад.

Дар қ. 17 б. 1 м.10 Кодекси гумруки ҶТ бошад, ба мол чунин таъриф дода шудааст: мол ҳама гуна молумулки манқули ҳам ба мақсадҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, инчунин воситаҳои нақлиётӣ марбут ба молумулки ғайриманқул аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда мебошанд. Тавре ки дида мешавад, мафҳуми мол мутобиқи қонунгузории гумрукӣ то андозае васеъ мебошад[159].

Аз таҳлилҳои болозикр ба хулосае омадан мумкин аст, ки истилоҳи «мол» васеъ буда, истилоҳи «моликият» маҳдуд мебошад.

Дарёфт кардани тавозуни оптималии байни ҷузъҳои мафҳумҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии моликият, олимони ҳуқуқшинос бар он ақидаанд, ки ҳеҷ яке аз ин соҳаҳо уҳдадории ҳамаҷонибаи муайяннамоии паҳлуҳои мафҳуми моликиятро ба уҳда нагирифтаанд. Дар ҳар кадоми онҳо мафҳуми «моликият» хусусияти аниқ муайяншудаи мақсаднок дорад.

Мутлақияти мафҳумҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ва инчунин ғояҳои омехтакунии диалектикии онҳоро ба мавқеъ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оварда расониданд, ки дар он ҷо институти моликият мавқеи дақиқ ва таърифи муайянро надорад. Ҳамзамон, тавре ки таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад[160], муқаррароти номбаршуда дониш дар бораи моликият мебошанд, ки наметавонанд тафсири мухталифи онро бартараф карда, ҷойи моликиятро дар низоми таърифи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муайян кунанд.

---

[159] Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №12. – қ. 2. – мод. 703-704; – 2006 – №3. – м. 159; – 2007. – №7. – м. 681; – 2008. – №6. – м. 459; – №10. – м. 818; – 2011. – №3. – м. 160; – №6. – м. 458; – 2012. – №4. – м. 250; – №7. – м. 695. – м. 724; – №8. – м. 818; – №12. – қ. 1. – м. 1000; – 2013. – №12. – м. 879; – 2015. – №3. – м. 211; – 2016. – №3. – м. 151; – №7. – м. 625; – №11. – м. 882; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., таҳти №1421; аз 30.05.2017 с., таҳти №1422; аз 21.02.2018 с., таҳти №1512; аз 03.08.2018 с., таҳти №1545; аз 04.04.2019 с., таҳти № 1600; аз 20.06.2019 с., таҳти №1621.

[160] Ниг.: Бочкарёв С.А. Собственность как охраняемое благо уголовного права / С.А. Бочкарёв // Право и политика. – 2009. – №5. – С. 952-957.

Мавқеъҳои зикршуда барои муайян кардани мақоми намудӣ, хелӣ ё бевоситаи моликият кофӣ нест. Онҳо барои шарҳи алоқаи моликият ва субъектҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ – шахс, ҷомеа ва давлат бо арзишҳои абадии онҳо – ҳаёт ва озодӣ низ кофӣ нестанд. Болозикр ба назар чунин менамояд, ки барои ҷавоб додан ба саволе асос вуҷуд дорад, ки ҳуқуқи ҷинояти бояд донад, ки дар муносибатҳои молумулкӣ киро ҳимоя ва киро бояд таҳти назорат гирад ва дар заминаи он далелҳои истифодаи васеи ваколатҳои муқаррарии соҳибмулк аз як тараф дар таълимоти ҳуқуқи ҷиноятӣ, лекин аз тарафи дигар, тавре боқӣ мондаанд, ки ба қонун ва амалияи ҷиноятӣ алоқаманд нестанд. Бо назардошти донишҳои мавҷуда, муҳаққиқон наметавонанд қобилияти қонуни ҷиноятиро барои ислоҳи дурусти муносибатҳои молумулкие, ки дар ҷомеа ташаккул меёбанд, арзёбӣ кунанд ва онҳоро аз доираи номуайян ба олами зарурӣ ва одилона берун бароранд.

Бо назардошти маънои антропологии моликият, маълум мегардад, ки мафҳуми моликияте, ки бо ҳуқуқи ҷиноятӣ мутобиқ карда шудааст, ба асосҳои онтологии он мухолиф аст. Кӯшишҳои номуваффақи назарияшиносони ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ҳақиқати дирӯзро ҳимоя мекунанд, барои ҷустуҷӯйи таҷрибаи дигаре, ки асос барои ҳалли мушкилоти мавҷуда мебошад, зарур аст ва ин бояд аз таҷрибаи ҳуқуқи римӣ, фалсафӣ-ҳуқуқӣ[161] ва иқтисодӣ[162] сарчашмаи худро гирад. Мо боварӣ дорем, ки таҷрибаи фалсафа дар соҳаи моликият дар ҳуқуқи ҷиноятӣ чандон ба эътибор гирифта нашудааст. Ҳамзамон, ин метавонад ҳамчун асос ва воситаи бартарафсозии ихтилофҳои дар боло зикршуда хизмат кунад.

Чи тавре зикр намудем, таърифи мафҳуми «моликият» ҳам дар меъёрҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ҳам дар меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ инъикоси худро наёфтааст. Аксари муаллифон ба сифати предмети таҷовузҳои молумулкӣ танҳо моликиятро эътироф мекунанд. Ҳамзамон, баъзе олимон

---

[161] Ниг.: Бочкарев С.А. Русские мыслители об антропологическом смысле собственности / С.А. Бочкарев // Известия РПТУ им. А.И. Герцена. Аспирантские тетради. Научный журнал. – 2008. – №28. – С. 28-39.
[162] Ниг.: Румянцев М.А. Антропологический подход к исследованию экономики: постановка проблемы / М.А. Румянцев // Вестник СПбГУ. – 2007. – №4. – С. 25-34.

дуруст мегӯянд, ки предмет метавонад ҳуқуқи моликият, иттилоот, моликияти зеҳнӣ, барқ ва дигар объектҳои дорои хусусияти ғайримоддӣ бошад[163]. Исботи чунин ҳолатро мо метавонем дар мисолҳои амалӣ бинем. Масалан, зимни доир намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия марди 55-солаи сокини кӯчаи Туниси шаҳри Душанбе ҳамчун гумонбар дар расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ дастгир карда шуд. Номбурда, аз моҳи апрели соли 2019 ба ҶДММ «Джонг Фу» дар шаҳри Ваҳдат маълумотҳои бардурӯғ ворид намуда, ба миқдори 9489832 квт соат қувваи барқи истифодашударо барои пардохт намудан, пешниҳод накардааст, ки дар натиҷа ин миқдор қувваи барқ аз ҳисоб берун ва пинҳонӣ монда, ба давлат ба маблағи 6158017 сомонӣ зарари моддӣ расонидааст. Нисбати номбурда парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 253 қисми 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда шуд[164]. Мисоли дигар, санаи 14 майи соли ҷорӣ, дар вилояти Хатлон аз ҷониби кормандони милитсия якчанд далели бо роҳи дуздӣ истифода бурдани қувваи барқ ошкор карда шуд. Ин шаҳрвандон ҳангоми ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданашон бо роҳи фиреб ба буҷети давлат зарари калони моддӣ расонидаанд. Зимни гузаронидани чорабиниҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ сокини ноҳияи Восеъ С.С., соли таваллудаш 1957 бо гумони расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дастгир карда шуд. Номбурда аз моҳи октябри соли 2012 то инҷониб ба соҳибкорӣ машғул шуда, дар маркази ноҳия барои мағозаи тиҷоратиаш аз хатти барқӣ бидуни ҳисобкунаки барқӣ 04 квт қувваи барқро бо роҳи дуздӣ истифода бурда, ба идораи фурӯши барқии ноҳия ба маблағи 11617 сомонӣ зарари калони моддӣ расонидааст. Инчунин, муайян карда шуд, ки як сокини дигари ҳамин ноҳия Қ.Т. соли таваллудаш 1987 аз моҳи январи соли ҷорӣ то инҷониб ба соҳибкорӣ машғул шуда, барои таъмири комбайнҳои

[163] Ниг.: Коржанский Н.И. Предмет преступления (понятие, виды и значение для квалификации). – Волгоград: Волгоградская высшая школа МВД СССР, 1976. – С. 14; Бикмурзин М.П. Предмет преступления: теоретико-правовой анализ. – М.: Юрлитинформ, 2006. – С. 48, 51.
[164] Ниг.: Пинҳон намудани қувваи барқи истифодашуда [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://vkd.tj /index.php/tj/ruydodho/24961-pin-on-namudani-uvvai-bar-i-istifodashuda (санаи муроҷиат: 10.10.2019).

шахсиаш қувваи барқро ғайриқонунӣ бе ҳисобченкунаки барқӣ истифода бурда, аз ширкати саҳҳомию холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» 5760 КВ истифода бурда, ба маблағи умумии 1267-сомонию 20-дирам зарари калони моддӣ расонидааст. Ҳамин тариқ, соҳибкор П.Р. соли таваллудаш 1977, сокини шаҳри Қурғонтеппа дастгир карда шуд, ки ӯ аз моҳи августи соли 2013-ум то инҷониб, дар хонаи истиқоматиаш нонвойхона кушода аз хатти барқӣ бидуни ҳисобкунаки барқӣ 04 квт қувваи барқро бо роҳи duздӣ истифода бурда, ба идораи фурӯши барқии ш. Қурғонтеппа ба маблағи 12384 сомонӣ зарари калони моддӣ расонидааст. Нисбати ҳодисаҳои мазкур бо моддаи 253 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст[165].

Мундариҷа ва намудҳои молумулке, ки объекти расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар муайян кардани хусусияти зарар ва албатта ба бандубаст таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, мо пешниҳод менамоем, ки ба ин масъала диққати махсус дода шавад. Н.В. Перч ба предмети расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ моликиятеро мансуб медонад, ки аз фонди соҳибмулк ҷудо намебошад ё аз дигар соҳиби қонунӣ ҷудо карда намешавад, аммо он чизе, ки дар фазои озоди молиявӣ ва иқтисодӣ «ҳаракат мекунад» ва «дар мубодилот аст», дохил мешавад[166]. Н.В. Сичева муътақид аст, ки предмети ҷинояти баррасишаванда моликиятеро дар бар мегирад, ки дар лаҳзаи содир кардани ин ҷиноят, ҳанӯз ба молик ворид нашуда буд, аммо бояд он ба фонди соҳибмулк ворид мешуд, агар гунаҳкор ба ӯ зарари молӣ намерасонд[167].

Нуқтаи назари К.В. Михайлов, ки ба муайяннамоии предмети ҷинояти мазкур аз дигар пешниҳодҳо тафоввут доранд. Вобаста аз шакли расонидани зарари молу мулкӣ, чунин навъҳои предметро фарқ мекунад:

[165] Ниг.: Бо роҳи дуздӣ истифода бурдани қувваи барқ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mvd.tj/old/index.php/tj/asosi/4004-bo-ro-i-duzd-istifoda-burdani-uvvai-bar (санаи муроҷиат: 10.10.2019).
[166] Ниг.: Перч Н.В. Неполучение должного как вид имущественного ущерба (на примере ст. 165 УК РФ): понятие, влияние на ответственность и квалификацию: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 184.
[167] Ниг.: Сычева Н.В. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2006. – С. 12.

– молумулке, ки дар ихтиёри соҳибмулк намебошад ва шахси гунаҳкор ба молик онро намедиҳад, масалан, ҳангоми хизмат расонидан;

– молу мулк дар хазинаи (фонди) молик, ки онро шахси гунаҳкор истифода мебарад ва он боиси фарсудашавии ин молумулк гардад (сухан дар бораи молумулки ҷамъиятӣ меравад);

– молу мулки ғайримоддӣ, ки дар фонди молик қарор дорад, ки гирифтани он аз ҳисоби пардохти музди хизмате, ки ба шахси гунаҳкор расонида шудааст[168].

Ақидаи пешниҳодшуда нокомил мебошад, зеро онҳо ба мавқее асос ёфтаанд, ки мутобиқи он объекти бевоситаи ҷинояти баррасишаванда моликият ва предмети он молумулк ба маънои анъанавӣ мебошад. Ғайр аз он, аксент танҳо ба соҳибмулк ё дигар соҳиби молумулк дода шудааст, ки тавре ки мо қаблан қайд намудем, доираи субъектҳои чунин муносибатҳои ҳуқуқиро беасос маҳдуд мекунад. Ҳамин тавр, шахсе, ки хизматрасонии дорои хусусияти молумулкиро амалӣ мекунад ва инчунин давлате, ки ба сифати гирандаи пардохтҳои ҳатмӣ баромад мекунад, наметавонад соҳибмулк ё молик бошад, аз ин рӯ, чунин муносибатҳо ҷузъи объекти бевосита нестанд ва хизматрасониҳои дорои хусусияти молумулкӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ (андозҳо ва пардохтҳо) ба предмети расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дохил намешаванд.

Дар м. 253 КҶ ҶТ предмети ҷиноят ба таври мустақил пешбинӣ шудааст, ки он моликият ба маънои васеъ мебошад. Моликият объекти муносибатҳои ҳуқуқии байни субъектҳо (шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, ҷамъият, давлат) мебошад, ки он метавонад ду навъ бошад: ашёҳои моддӣ ва ғайримоддӣ. Моликият ҳамчун ашёи моддӣ объекти олами моддӣ мебошад. Моликият ҳамчун ашёи ғайримоддӣ: 1) дорои арзиш, яъне ифодаи пулӣ мебошад; 2) аз ибтидо асоси табиӣ дорад ё натиҷаи фаъолияти инсон аст; 3) қобилияти табдил ба объектҳои

[168] Ниг.: Михайлов К.В. Уголовно-правовая характеристика злоупотребления доверием как признака преступлений против собственности. – Челябинск: Челябинский юридический институт МВД России, 2002. – С. 89-90.

моддӣ дар натиҷаи фаъолияти инсон дорад; 4) метавонад предмети муносибатҳои ҳуқуқӣ бошад.

Пеш аз он, ба ҷаҳони ҳуқуқии дигар кишварҳо, масалан, Бритониёи Кабир, ҳамчун кишваре, ки дар ҷаҳон аввалин шуда системаи боэътимоди ҳифзи ҳуқуқи моликиятро аз ҳама гуна таҷовуз, аз ҷумла давлат ташкил кард, мувофиқи мақсад аст. Дар қонунгузории ҷиноятии Англия, мафҳуми «моликият» яке аз шартҳои асосӣ мебошад, ки таҳия ва тафсири он авлавияти доктринаи ҳуқуқи шаҳрвандиро ташкил медиҳад. Калимаи англисии «property», ки мо онро ҳамчун «молумулк» тарҷума мекунем, маънои дигар, маъмултар дорад - «моликият». Ба гуфтаи Ҷ. Волдрон, мафҳуми «моликият» на ҳама қоидаҳои идоракунии истифодаи захираҳои моддиро фаро мегирад, балки танҳо он чизеро, ки ба тақсимот марбутанд, фаро мегирад. Ба ибораи дигар, ин мафҳум қариб ҳамаи қоидаҳои умумии рафторро дар бар мегирад (зеро қариб тамоми рафтори инсонӣ истифодаи захираҳои моддиро фаро мегирад ва қариб ҳамаи қоидаҳои рафтор бо захираҳо алоқаманданд). Э. Ҷенкс истилоҳи дар боло зикршударо чунин муайян мекунад: «Моликият маънои аз ҷониби инсон азхудкунӣ ё соҳибӣ кардани объектҳои табииро дорад»[169]. Муҳаққиқони ҷиноятҳои иқтисодӣ дар қонуни ҷиноятии Англия бар он ақидаанд, ки мафҳумҳои «моликият» ва «молумулк» дар матни санадҳо оид ба дуздӣ метавонанд ҳамчун синонимҳо истифода шаванд, ки тамоми маҷмуи объектҳоеро дар бар мегирад, ки ҳама гуна амалҳои соҳиби он ба кор бурда мешаванд[170].

Предмети ҷиноят мутобиқи моддаи 253 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ашёи шахсони дигарро дар бар гирад (ҳангоми содир кардани ҷиноят дар шакли ғайриқонунӣ ба қарз гирифтани муваққатии молумулк ва саркашӣ аз пардохти кори иҷрошуда). Аломати ҷисмонии ашё аз он иборат аст, ки аз тарафи гунаҳкор гайриконунӣ истифода мешавад ва дар

---

[169] Чупрова Е.В. Ответственность за экономические преступления по уголовному праву Англии. – М., 2007. – С. 88.
[170] Ниг.: Чупрова Е.В. Асари зикршуда. – С. 88.

сари вақт ба соҳиби қонунӣ ё соҳиби он баргардонида намешавад. Хусусияти иқтисодӣ аз мавҷудияти арзиши мубодила ва истифода дар моликият, қобилияти конеъ гардонидани талаботи инсон иборат аст. Хусусияти ҳуқуқии молу мулк ҳамчун объекти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ аз он иборат аст, ки ашё барои ҷинояткор бегона аст.

Дар як вақт Н.И. Панов нишон дод, ки предмети ин ҷиноят ҳаҷми (арзиши) молу мулки фарсудашуда мебошад, ки ҷинояткор ғайриқонунӣ истифода кардааст[171]. Ба назар чунин мерасад, ки арзиши молу мулки фарсуда оқибати ин таҷовузи аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок аст. Ҳангоми супурдани молу мулке, ки мебоист ба манфиати худ ё ба манфиати шахсони дигар ба соҳибмулк гузашта бошад, объекти он аксар вақт арзишҳои пулие мебошанд, ки гунаҳкор барои хизматрасонӣ ба соҳибмулк намедиҳад.

Дар баробари маблағҳо предмети таркиби таҳлилшаванда метавонад эквиваленти онҳо – коғазҳои қиматнок бошад, ки ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи тибқи шакли муқарраршуда ва реквизитҳои ҳатмӣ, ҳуқуқҳои молумулкиро, ки амалӣ ва додани онҳо танҳо дар сурати пешниҳод кардан мумкин аст, тасдиқ мекунанд[172].

Барои дуруст ҳал кардани масъалаи ҷиноят ҳамчун қувваи барқ, бояд таҳқиқ карда шавад, ки энергия аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муайян карда шавад, ки оё он метавонад объекти таҷовуз ба моликият бошад. Зарурати тасниф намудани молу мулки ғайримоддиро ба сифати предмети чҷиноят пешакӣ ба миён гузоштани масъаларо дар бораи мавҷуд будани аломати чинии предмети чиноят, ки чи тавре ки дар боло зикр гардид, модияти предмет, эътирофи предметро дорад, муайян мекунад.

Истеъмоли энергия аз истеҳсоли он ҷудонашаванда аст, зеро он аз иқтидорҳои энергетикӣ ҷудо нест. Ин аз фаҳмиш ва фаъолияти тамоми системаи энергетикӣ, ки маҷмуи захираҳои энергетикӣ, усулҳои истеҳсол,

---

[171] Ниг.: Панов Н.И. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием. – Харьков: Выща школа, 1977. – 18 с.

[172] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Изд. 2-е, изм. и доп. – М.: 1998. – 333 с.; Мозолин В.П. Право собственности в РФ в период перехода к рыночной экономике. – М., 1992. – 33 с.

табдилдиҳӣ, тақсимот, истифодабарии онҳо, инчунин воситаҳои техникӣ ва комплексҳои ташкилӣ мебошад, ки таъмини истеъмолкунандагонро бо навъҳои мувофиқ таъмин мекунанд, бармеояд.

Ҳангоми саркашӣ аз пардохти ҳаққи хизмат ва кори иҷрошуда, ба субъекти таҷовуз эътибор додан лозим аст. Дар шартномаҳои хизматрасонӣ ва иҷрои кор муносибатҳои байни субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба пешниҳод ва гирифтани хизматрасонӣ ва иҷрои кор ба вуҷуд меоянд.

Дар байни шартномаҳо оид ба хизматрасонӣ ва иҷрои кор фарки калон мавчуд аст. Ҳамин тариқ, дар уҳдадориҳои иҷрои кор ба яке аз контрагентҳо ноил шудан ба натиҷаи мушаххаси моддӣ вогузор карда мешавад. Дар уҳдадориҳои хизматрасонӣ яке аз тарафҳо ба дигараш супориш медиҳад, ки амали муайянро бидуни ноил шудан ба натиҷаи моддӣ анҷом диҳад. Дар ин маврид Ҷофф қайд кардааст: «Дар ҳоле ки ноил шудан ба натиҷаи моддӣ бо уҳдадориҳо оид ба иҷрои кор миёнаравӣ мекунад, дар сурати мавҷуд набудани чунин мақсад кор дар асоси уҳдадориҳои хизматрасонӣ амалӣ карда мешавад»[173]. Ҷинояткор ҳангоми саркашӣ аз пардохти ҳаққи хидматрасонӣ онҳоро ройгон гирифтан мехоҳад. Ҷиноят дар робита ба хизмат ҳамчун моликияти ғайримоддӣ содир мешавад, бинобар ин хизмат объекти ҷиноят мебошад.

Агар гунаҳкор аз додани музди кори иҷрошуда саркашӣ кунад, он гоҳ бояд факти ба амал баровардани натиҷаи кор ба назар гирифта шавад. Гунаҳкор мехохад, ки ин натиҷаро бепул ва ё қисман музди кор гирад. Субъекти ҷиноят ҳангоми саркашӣ аз пардохти музди иҷрои кор бояд натиҷаи ниҳоӣ, яъне арзиши моддии офаридашуда эътироф карда шавад.

Мавзуи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ хизмати истифодаи системаи ҷаҳонии иттилоотии «Интернет» низ мебошад. Имконияти истифодаи ин система аз ҷониби провайдерҳо таъмин карда мешавад ва ҳамчун хидмат амал мекунад. Аз ин рӯ, истифодаи

[173] Иоффе О.С. Обязательственное право. – М.: Юридическая литература, 1975. – 489 с.

ғайриқонунии вақти интернети «шахсони дигар», инчунин саркашӣ аз пардохт барои истифодаи хизматҳои интернетӣ бояд тибқи моддаи мазкур муқаррар карда шавад.

Ҳамин тариқ, предмети расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ таҷовуз ҳангоми ғайриқонунӣ ба қарз гирифтани муваққатии молумулк, саркашӣ аз пардохти кори иҷрошуда, ки натиҷаи он объекти моддӣ мегардад, ашёҳо мебошанд. Моликияти ғайримоддӣ субъекти ин ҷиноят ҳангоми саркашӣ аз пардохти ҳаққи хизматрасонӣ, энергияи сарфшуда, вақти истифодабарии интернет мебошад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти ақидаҳои дар боло зикршуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки предмети ҷиноят мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ метавонанд инҳо бошанд:

– молумулке, ки шахси гунаҳкор истифода мекунад ва бояд ба молик ё дигар соҳиби қонунӣ бармегардонид;

– маблағҳое, ки ҳамчун подош ва ё хизматрасонӣ барои истифодаи ин молумулк ба молик ё дигар молики қонунӣ гузаронида мешаванд.

## 2.2. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тарафи объективии расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ

Тарафи объективӣ ва субъективии ҷиноят ҳарду аломатҳои як ҷиноятро дар бар мегиранд. Мафҳуми тарафи объективии ҷиноят маҷмуи аломатҳое, ки ҷониби беруна, кирдори ҷиноятро тавсиф медиҳад, фаҳмида мешавад. Тарафи объективии ҷиноят аз аломатҳои ҳатмӣ ва иловагӣ иборат мебошад. Ба аломатҳои ҳатмии тарафи объективии ҷиноят кирдор дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ дохил мешавад. Аломатҳои иловагии он бошад, аз ҷой, вақт, тарз, шароит, олот ва воситаи содиркунии ҷиноят иборат буда, ҳангоми дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ пешбинӣ шуданашон, онҳо ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ҷинояти мушаххас баромад мекунанд[174].

[174] Ниг.: Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд. – Душанбе, 2013. – С. 17.

Барои муайян кардани аломатҳои тарафи объективии таркиби расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, муайян кардани сохтори таркибии қонунгузории ҷиноят лозим аст. Аз мазмуни дипозитсияи м. 253 КҶ ҶТ бармеояд, ки расонидани зарари молу мулкӣ аломати ҳатмии тарафи объективии ҷиноят мебошад, пас ҷиноят аз лаҳзаи фарорасии оқибатҳои манфии хусусияти молумулкӣ барои соҳиб ё дигар соҳиби молу мулк ба анҷом расида ҳисобида мешавад. Аз ин бармеояд, ки таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда моддӣ мебошад.

Барои ҳалли масъалае, ки дар назди ин таҳқиқот гузошта шудааст, таваҷҷуҳи бештар ба таҳлили тарафи объективӣ аз оқибатҳои ҷиноятии расонидани зарари молу мулкӣ, инчунин муайян кардани хусусиятҳои чунин усулҳои содир кардани ҷиноят ба монанди фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ ва робитаи сабабӣ байни онҳо вобаста аст.

Вобаста ба ин ҳолат мавқеи А.А. Бакрадзе оид ба он, ки вобаста ба тавсифи тарафи объективӣ, таркиби ҷинояти мазкур расмӣ аст, номукаммал мебошад. А.А. Бакрадзе хулосаи худро бо он далел асоснок мекунад, ки расонидани зарари молӣ хусусияти оқибати содир намудани ҷиноят нест, балки худи амал аст, агар фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ тарзи содир намудани ин ҷиноят бошад, пас ҷиноят аз лаҳзаи содир гардидани кирдор хотимаёфта дониста мешавад, яъне аз лаҳзаи расонидани зарари молу мулкӣ[175]. Ба ақидаи мо, аҳаммияти ҳалкунанда дар ҷинояти баррасишаванда ҷой доштани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар шакли зарари молу мулкии дар қонун пешбинишуда мебошад, аз ин рӯ, ин кирдор на аз лаҳзаи содир шудани ин ҷиноят, балки аз лаҳзаи фаро расидани ин оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок анҷомёфта ҳисобида мешавад. Ғайр аз он, аз содир намудани амалҳои гуногуншакл, ки ба зарари молу мулкӣ оварда мерасонад, таркиби ин ҷиноят наметавонад ҳамчун расмӣ бошад.

[175] Ниг.: Бакрадзе А.А. Отличие мошенничества от причинения имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием / А.А. Бакрадзе // Российский следователь. – 2009. – №1. – С. 17.

Тарафи объективии ҷиноят мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ, чаҳор аломати ҳатмиро дар бар мегирад:

***1) кирдори ба ҷамъият хавфнок, ки ба молик ё соҳиби молу мулк зарари молу мулкӣ расонидааст;***

Дар аввал, мо кирдори ба ҷамъият хавфнокро, ки дар м. 253 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, тавсиф менамоем. Тарафи объективии м. 253 КҶ ҶТ ҳам дар шакли ҳаракат ва ҳам дар шакли беҳаракатӣ содир гардиданаш имкон дорад. Ҳамзамон, таҳлили таҷрибаи судӣ нишон дод, ки дар аксари ҳолатҳо ҷинояти баррасишаванда дар шакли ҳаракат содир карда мешавад. Расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба гардиши молу мулк, ки ба фонди молик ё дигар соҳиби молу мулк (кам кардани миқдори пулии молумулк дар ин фонд) ё канорагирӣ аз интиқоли молу мулк, ки бо ягон сабабҳои ҳуқуқӣ ё дигар, бояд ба фонди зикршуда интиқол меёфт (пур карда нашудани фонд), ифода мегардад. Ба ибораи дигар, ҳаҷми фонди молумулки молик ё дигар соҳиби молу мулк, бо вуҷуди он ки он бояд тибқи роҳҳои қонунӣ афзоиш ёбад, дар ҳамон сатҳ боқӣ мемонад.

Дар намуди ҳаракат, ҷинояти баррасишаванда метавонад бо роҳи ғайриқонунӣ истифода бурдани молумулк аз ҷониби гунаҳкор содир карда шавад, ки дар натиҷа манфиатҳои молик ё дигар соҳиби он поймол карда мешавад. Боз як мисоли ҳаракат, ки мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад, метавонад зуҳури ҷиноятӣ дар ташаккули фондҳои молик ё дигар соҳиби молу мулк бошад. Беҳаракатӣ метавонад дар саркашӣ аз пардохтҳои ҳатмӣ ё сари вақт нарасонидани иттилооте, ки шахси гунаҳкор вазифадор аст ба ӯ хабар диҳад ва ирсоли он барои ҷамъоварии пул аз ҷониби шахси гунаҳкор асос бошад, ифода карда шавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷрибаи тафтишотию судӣ, одатан ҷудо кардани якчанд шакли амалҳо қабул карда мешавад, ки онҳо метавонанд дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии дар м. 253 КҶ фаро гирифта шаванд. Ақидаҳое изҳор карда шудаанд, ки ин ҷинояти таҳқиқшаванда дар ду шакл содир карда

мешавад: истифодаи ғайриқонунии молумулк ё саркашӣ аз пардохтҳои ҳатмӣ. Н.И. Панов чунин мешуморад, ки расонидани зарари молу мулкӣ, инчунин метавон дар шакли сеюм – дар муносибати гунаҳкорон ба манфиати худ ё ба манфиати шахсони дигар амалӣ намудани пардохтҳои ҳатмӣ, ки бояд аз шаҳрвандони алоҳида ба давлат ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ ворид мешуданд, ифода гардад[176].

Дар амал, тарафи объективии ҷинояти м. 253 КҶ ҶТ, дар азхудкунии пардохтҳои воридотӣ барои хидматҳо, бо вайрон кардани қоидаҳои тартиби муқарраршуда; пинҳон кардани арзиши воқеии сохтмони манзил, ки бо мақсади напардохтани маблағи боҷи давлатӣ содир шудааст; саркашӣ аз пардохти истифодаи хизматрасониҳои коммуналӣ (газ, қувваи барқ ва ғайра); сӯиистифодаи ғайриқонунии молумулк ба мақсадҳои шахсӣ, ки бо боварӣ барои кор супорида шудааст, саркашӣ аз пардохт барои сафари дурудароз тавассути мошинҳои киро ва ғайра[177].

Дар фарқият аз тасарруф, аз он ҷумла аз қаллобӣ (м. 247 КҶ), дар ин ҷиноят аломати «гирифтани молумулк» вуҷуд надорад, яъне, молумулк миқдоран аз фонди нақдии ҷабрдида хориҷ карда намешавад, он аз ихтиёри соҳибмулк ҷудо карда гирифта намешавад. Дар ин ҳолат гунаҳкор зарари молумулкиро ба ҷабрдида бо роҳи надодани лозимият, бо роҳи дастрас накардани молумулке, ки бояд ба фонди нақдии ҷабрдида дохил шавад, мерасонад, ки инро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ фоидаи аздастрафта меноманд[178].

Аммо роҳи содиршавии ҳардуи ҷиноятҳо – қаллобӣ ва расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, якхеланд – фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ва ин ҳолат монандии моҳияти онҳоро ифода мекунад.

Зарар ба соҳибмулк ва ё дорандаи молумулк мумкин аст бо роҳҳои гуногуни фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ расонида шавад, чунончи бо роҳи

---

[176] Ниг.: Панов П.И. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием. – Харьков, 1997. – С. 38.
[177] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации с постатейными материалами и судебной практикой. – Ростов н/Д.: Издательский центр «Март», 2002. – С. 349-350.
[178] Ниг.: Тафсир ба Кодекси ҷиноятии ҶТ / Муҳар. масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе, 2006. – С. 550.

фиреб ё сӯиистифдаи боварӣ дар амалия, асосан дар шакли расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи истифодаи молу мулки ғайр, ки аз тарафи ҷабрдида ба ҷинояткор супорида шудааст, истифодаи ин молумулк бо ниятҳои шахсӣ, вомехӯранд. Мисол, бо роҳи саркашӣ намудан аз супоридани андоз ва дигар пардохтҳои гуногун (ғайр аз пардохти андозҳое, ки барои онҳо пешниҳоди декларатсия ҳатмӣ мебошад ва ҷавобгарӣ барои он дар м. 293 КҶ пешбинӣ шудааст), ғайриқонунӣ ба мақсади шахсӣ истифода бурдани молумулке, ки ба коргар бовар карда дода шудааст (мисол, ба манфиати шахсӣ истифода бурдани воситаи нақлиёти корхона, дар поезду самолётҳо бе чипта, лекин бо гирифтани мукофоти ғайриқонунӣ, кашонидани мусофирон ва ё борҳо ва ғ.).

Оид ба ин масъала дар қисми Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 26 июни соли 2009, таҳти №2 «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ « бо чунин тарз оварда шудааст: ба моликияти худ табдил додани молу мулки ғайр ё дигар ашёҳои арзишнок аз рӯйи созишномаҳои меҳнатии қалбакӣ ё дигар шартномаҳо дар намуди музди меҳнат барои иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки дар асл қисман ё пурра иҷро нашудаанд, аз рӯйи маслиҳати пешакӣ байни шахси дорои ваколати мансабдорӣ ва дигар шахсон, ки чунин аҳдро баста, дар гирифтани маблағҳо иштирок кардаанд, бояд ҳамчун тасарруф, ки барои он ҳам шахсони дорои ваколати мансабдорӣ ва ҳам шахсони воқеӣ, ки дар маслиҳати пешакӣ иштирок намуда, ин молҳоро соҳиб шудаанд, ҷавобгар мебошанд, банду баст карда шавад[179].

Ба даст овардани маблағҳои пулӣ аз ҷониби корманди соҳаи хизматрасонии аҳолӣ, ки аз рӯйи нархномаҳо барои иҷрои корҳо бо истифода аз ашё ва молҳои корхона аз фармоишгар гирифтааст, бояд ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайр дониста шавад.

Дар сурате, ки ҳангоми содир намудани ин ҳаракатҳо аз ашё ва молҳои корхона истифода нашуда бошад, ин кирдор бояд бо моддаи 253-и КҶ ҳамчун

---

[179] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 26 июни соли 2009, таҳти №2 «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ».

расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ бандубаст карда шавад. Расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб танҳо дар он сурате бо моддаи 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад, ки агар кирдор аломатҳои таркибии дар моддаҳои 291 (саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ), 292 (саркашӣ аз супоридани андозҳо) ва 293 (саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз) КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаро дар бар нагирад.

***2) роҳҳои алтернативии содир намудани кирдор – фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ.*** Тарафи объективии ҷиноят воқеияти ошкоро, зоҳиран амалкунанда бошад ҳам, дарк кардани он хеле мушкил аст. Барои он ки унсури ҷиноят, чи хеле ки дар боло қайд шуда буд, дар тарафи ботинии фаъолият аст, яъне дар фикру андеша, дар хаёли он шакли муайянро мегирад ва пас аз вай зоҳиран ҷомаи амал мепӯшад. Аз дигар тараф, тарафи объективии ҷиноят чун объекти даркшаванда хеле мураккаб бошад ҳам, бо осонӣ ошкор кардан мумкин аст[180]. Чи хеле ки маълум аст, тарафи объективии ҷиноят ғайр аз се аломати ҳатмӣ боз бо якчанд аломатҳои факултативӣ тавсиф карда мешавад. Ба аломатҳои факултативӣ инҳо мансубанд: - ҷойи содир шудани ҷиноят; вақти содир шудани ҷиноят; тарзи содир намудани ҷиноят ва олоти содир намудани ҷиноят. Тарзи содир кардани ҷиноят ҳамчун аломати иловагии тарафи объективии он, агар дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ нашуда бошад, суд дар мавриди таъин кардани ҷазо ба эътибор мегирад. Агар дар диспозитсияи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзи содир кардани ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, дар он ҳолат ба бандубасти ҷиноят таъсир менамояд.

Аз рӯйи тарзи содиршавиаш ҷинояти баррасишаванда бо қаллобӣ монандӣ дорад, аммо дар ин ҷиноят аломати гирифтани молумулк вуҷуд надорад. Зарар бо роҳи надодани молумулке, ки бояд молик ба он соҳиб мешуд, расонида мешавад, ки онро дар ҳуқуқи соҳибкорӣ ё маданӣ, фоидаи аз даст рафта меноманд.

---

[180] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 102.

В.Д. Филимонов қайд мекунад, ки «маҳз тарзи расонидани зарар, яъне бо роҳи фиреб, ба муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзшаванда, ки мундариҷаи моддӣ ё мафкуравии ҳар як кирдори ҷиноятиро ташкил медиҳад; ҷиноятро бе усули таҷовуз ба объект тасаввур кардан ғайриимкон аст; тарз ҳатто ҳангоми беҳаракатӣ низ ҷой дорад; дар ин ҳолат, дар он аз иҷрои уҳдадориҳои ба зиммааш гузошташуда даст кашидани шахс ифода мегардад»[181].

Ба ақидаи В.Н. Кудрявсев бошад, «ба тарафи объективӣ на ин ки тарз, ҷой, вақт ва вазъияти содир намудани ҷиноят дохил мешавад, ки дар якҷоягӣ бо ҳаракат ё беҳаркатии ба ҷамъият хавфнок алоқаманд аст, балки ҷониби берунии ҳаракат (беҳаракатии) кирдори ба ҷамъият хавфнок, ки бо тарзи муайян дар ҷой, вақт ва вазъияти мушаххас содир карда мешавад»[182].

Фиреб ҳамчун тарзи содир кардани ҷиноят дар ҷиноятҳои иқтисодӣ ба таври васеъ истифода мегардад. Фиреб яке аз роҳҳои маъмултарини расонидани зарари молӣ мебошад. Ин далели он аст, ки ин усул дар 79% парвандаҳои ҷиноятии бо м. 253 КҶ ҶТ дар Тоҷикистон ба чашм мерасад. Фиреб дар забони тоҷикӣ ҳамчун «тасаввуроти бардурӯғ оид ба чизе» фаҳмида мешавад; «Суханони дурӯғин ё амали беинсофонаи касе, ки мехоҳад дар бораи чизе ва ё касе тасаввуроти нодуруст дошта бошад».

И.Я. Фойнитский фиребро ҳамчун «танҳо чунин таҳриф кардани ҳақиқат, ки аз як тараф гунаҳкор бо ҳақиқат розӣ нест; аз тарафи дигар, ки барои гумроҳ кардани шахси дигар иҷро карда мешавад, мефаҳмад. Аломати аввал бо шарти огоҳ будан тавсиф мешавад; агар шахсе, ки онро содир мекунад, ба дурустии изҳороти хато боварӣ дорад, ӯ дурӯғ намегӯяд, балки худаш хато мекунад; бе дурӯғ бе фиреб ғайриимкон аст»[183]. Л. Белогритс-Котляревский

[181] Филимонов В.Д. Норма уголовного права. – СПб., 2004. – С. 103.
[182] Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М., 1960. – С. 10.
[183] Фойницкий И.Я. Мошенничество по русскому праву. Сравнительное исследование. В II ч. Ч.2. – М., 2006. – С. 190.

фиребро «воситаи ваъдаҳои бардурӯғ» номидааст[184]. С.В. Познишев навиштааст, ки «фиреб таҳрифоти барқасдонаи ҳақиқат аст»[185].

Фиреб дар ҳолате вуҷуд дорад, ки гунаҳкор қасдан ҳуҷҷатҳои қалбакӣ (пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ оид ба доштани имтиёзҳо, ғайриқонунӣ истифода бурдани ҳуқуқи истифодаи бепули нақлиёти роҳи оҳан, бо мақсади паст кардани пардохтҳои хона, кам нишон додани шумораи ашхосе, ки дар манзил истиқомат менамоянд) ва маълумоти дурӯғ оид ба вазъи ҳақиқии воқеаҳоро бо мақсади гумроҳ кардани молик истифода мебарад, то молумулкро бароварда ба молик ё дигар соҳиби молумулк надиҳад[186].

Тибқи қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» таҳти мафҳуми фиреб қасдан вайрон нишон додани ҳолати ҳақиқии ашё, қасдан фиреб додани шахс (ҷабрдида), барқасдона гумроҳ кардани ӯ, дар хусуси воқеаҳои муайян, ҳолатҳо, ҳодисаҳо бо мақсади ӯро барои бо иродаи худ, лекин бо маълумотҳои дурӯғ ё қасдан нагуфтани ҳақиқат, бо роҳи қалбакӣ ба қаллоб додани молумулк талқин кардан, фаҳмида мешавад[187].

Аммо, мундариҷаи фиреб ҳамчун усули расонидани зарари молу мулкӣ фарқиятҳои назаррас дорад, ки мо онро дар зер баррасӣ хоҳем кард. Аввалин маротиба таърифи қонунгузории фиреб дар эзоҳ ба м. 187 КҶ РСФСР соли 1922 муқаррар карда шуда буд. Таҳти мафҳуми фиреб ҳамчун пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ва инчунин қасдан пинҳон доштани ҳолате фаҳмида мешуд, ки гузоришдиҳии он ҳатмӣ буд. Пионтковский А.А. ба мафҳуми фиреб, ки дар Кодекси РСФСР соли 1922 такя намуда, қайд менамояд, ки фиреб дар ҳолати қаллобӣ ин хабар додани маълумоти нодуруст ва ё нагуфтани ҳақиқати

[184] Ниг.: Белогриц-Котляревский Л. Объяснительная записка к проекту Уголовного Уложения Посягательства имущественные. – СПб., 1886. – С. 30.

[185] Познышев С.В. Особенная часть русского уголовного права. Сравнительный очерк важнейших отделов особенной части старого и нового уложений. – 3-е изд., испр. и доп. – М., 1912. – С. 253. – 507 с.

[186] Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери назари А.А. Қаҳҳоров. – Душанбе, 2010. – С. 437-438.

[187] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ».

воқеие, ки шахсро зарур буд онро бирасонад фаҳмида мешавад[188].

Мафҳуми мазкурро таҳлил намуда, баъзе муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки ба ҷабрдида додани иттилооти бардурӯғ танҳо фиреби шифоҳиро тавсиф мекунад ва дигар намудҳои фиребро, масалан, фиреб тавассути амалро ошкор намекунад[189]. Ба ақидаи ин олимон, фиреби шифоҳӣ ва дигар намудҳои фиреб дар таҳриф кардани ҳақиқат ё хомӯшӣ дар бораи ҳақиқат ифода мегардад[190]. Дар чунин ҳолат, мавқеи пешниҳодшуда оид ба хусусиятҳои фиреб, ки дар ғайрифаъол ифода мегардад, ҳамчун хомӯшӣ дар бораи ҳақиқат, чандон дуруст ба назар намерасад, зеро дар чунин таъриф ягон ишора ба уҳдадории гунаҳкор барои расонидани ҳақиқат дида намешавад.

Баъзе олимон бар он ақидаанд, ки баррасӣ намудани фиребро на танҳо аз тарафи объективӣ, балки дар ҳамбастагии сифатҳои тарафи объективӣ ва субъективии он мувофиқи мақсад мешуморанд. Вобаста ба аломатҳои субъективӣ, муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки ба мундариҷаи фиреб самти қасди он дохил карда шавад[191].

Барои дарк кардани фиреб ҳамчун роҳи содир намудани ҷинояти таҳлилшаванда, бояд аломатҳои объективӣ ва субъективии он ба назар гирифта шаванд. Аломатҳои объективӣ дар мафҳумҳои «мундариҷа», «шакл» ва «воситаҳо» ифода ёфтаанд, зеро онҳо ҳамчун абзори мантиқӣ-ҳуқуқии дарки фиреб амал мекунанд. Аломатҳои субъективии ин мафҳум мундариҷаи иҷтимоӣ-психологии онро муайян мекунанд.

Мазмуни фиреб мавҷудияти онро ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ муайян мекунад, заминаи асосии онро ташкил медиҳад ва унсурҳои зеринро

---

188 Ниг.: Пионтковский А.А. Общее понятие мошенничества. Анализ состава преступления / Курс советского уголовного права. В шести томах. – М.: Наука, 1971. – С. 343.

189 Ниг.: Борзенков Г.Н. Ответственность за мошенничество. Вопросы квалификации. – М., 1971. – С. 30; Мерзогитова Ю.А. Ответственность за мошенничество в сфере финансово-кредитных отношений (уголовно-правовой и криминологический аспекты): дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 86; Тенчов Э. Ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана и злоупотребление доверием / Э. Тенчов // Советская юстиция. – 1981. – №20. – С. 10-11.

190 Ниг.: Кригер Г.А. Квалификация хищений социалистического имущества. – М., 1974. – С. 150-151; Сабитов Р.А. Обман как средство совершения преступления. – Омск, 1980. – С. 24-25; Гусев О.Б., Завидов Б.Д., Коротков А.П., Слюсаренко М.И. Преступления против собственности. – М., 2001. – С. 95.

191 Ниг.: Ковальчук А.В. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием без признаков хищения по уголовному праву Российской Федерации и республики Беларусь: сравнительно-правовой анализ: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2014. – С. 80.

дар бар мегирад: 1) паёми иттилооти бардурӯғ; 2) нарасонидани иттилооте, ки шахси гунаҳкор бояд хабар медод; 3) кӯшиши гунаҳкор дар гумроҳ кардани шахси фиребхӯранда.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба назари мо, таснифи намудҳои фиреб, вобаста аз ҳолатҳое, ки мундариҷаи онро ташкил медиҳанд ва он аз ҷониби Р.А. Сабитов пешниҳод шудааст, диққатҷалбкунанда мебошад. Ба ақидаи олим, ҳама намудҳои фиреб ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда мешаванд: а) фиреб нисбат ба ашё (мавҷудияти онҳо, шахсият, миқдор, андоза, сифат, нарх ва ғайра); б) фиреб нисбат ба шахсияти фиребшуда ё шахсони сеюм (мавҷудият, шабеҳият, хосиятҳои махсус ва сифатҳои шахсӣ): в) фиреб нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ (муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо ва ғайра); г) фиреб дар бораи рӯйдодҳо ва амалҳои гуногун; д) фиреби қасд (ваъдаҳои бардурӯғ)[192]. Таснифоти номбаршудаи намудҳои фиреб дар адабиёти илмӣ нисбат ба қаллобӣ оварда шудааст, аммо, ба фикри мо, он метавонад бо назардошти хусусиятҳо ва тавсифи қаллобӣ ҳангоми расонидани зарари молумулкӣ татбиқ карда шавад.

Фиреб ду шакл – фаъол ва ғайрифаъол мешавад. Фиреби фаъол дар ҳолате вуҷуд дорад, ки гунаҳкор қасдан ҳуҷҷатҳои қалбакӣ (пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ барои гирифтани нафақа, иловапулӣ ба музди меҳнат, ёрдампулӣ барои бекорӣ) ва маълумоти дурӯғ оид ба вазъи ҳақиқии воқеаҳоро бо мақсади гумроҳ кардани ҷабрдида расонида, дар натиҷа ҷабрдида бо иродаи худаш молумулкро бароварда ба гунаҳкор месупорад. Агар хусусияти таҳрифи қасдонаи ҳақиқат ё маълумот ҳамчун дурӯғ ҷой надошта бошад, хуҷҷатҳо қалбакӣ набошанд, таркиби ҷинояти қаллобиро дар бар намегирад.

Шакли маъмултарини фиреб ҳамчун усули расонидани зарари молумулкӣ, фиреби фаъол мебошад: он дар фиреб бо роҳи таҳриф кардани ҳақиқат ифода меёбад. Ин шакл дараҷаи баландтари хатари ҷамъият ва шахси содиршударо нишон медиҳад. Тавре В.А. Владимиров дуруст менависад «...

---

[192] Ниг.: Сабитов Р.А. Обман как способ совершения преступления: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 1976. – С. 7.

фиреб бештар мураккаб ва ба ибораи дигар, фиреби баландихтисос, ҳамон қадар шахси гунаҳкорро барои содир кардани он хатарноктар мекунад»[193].

Фиреб дар шакли рафтори фаъол метавонад дар шакли шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ фиреб ифода карда шавад. Ҳангоми фиреби шифоҳӣ, маълумоти бардурӯғ метавонад ҳам дар шакли радкунӣ дар шакли хулосаҳои қатъӣ ва ҳам дар шакли пиндоштҳо, ҳам дар шакли изҳорот, ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ расонида шавад. Дурӯғи шифоҳӣ дар талаффузи калимаҳое, ки маълумоти бардурӯғро мерасонанд, ифода ёфтааст. Фиреб дар шакли хаттӣ дар тасдиқи андешаҳои бардурӯғи шахс дар шакли коғазӣ ё электронӣ ва пешниҳоди чунин ҳуҷҷатҳо барои ба даст овардани манфиати молумулкӣ зоҳир карда мешавад. Таҳриф кардани ҳақиқат метавонад дар сохтакории моддӣ ё ақлӣ ифода карда шавад. Навъи аввал бояд тақаллуби марбут ба тағирот дар намуди ҳуҷҷат, тафсилоти ҳуҷҷатро дар бар гирад. Навъи дувум сохтакории ҳуҷҷатҳоро бо хусусиятҳои дуруст, аммо бо мундариҷа дурӯғ аст.

Кирдори фиребгарона аз додани маълумоти бардурӯғ на дар шакли сухан, балки дар ҳаракатҳои бадан, амалҳо, имову ишора (амалҳои мушаххас) ифода мегардад, ки дар асоси он хулоса баровардан мумкин аст, ки фиребгар маълумоти муайянро тасдиқ ё рад кардааст.

Фиреби ғайрифаъол аз нагуфтани ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта иборат мебошад, ки гунаҳкор бояд оид ба он хабар медод, то ин ки боиси содир гаштани ҷинояти қаллобӣ намешуд. Гунаҳкор ҷабрдидаро гумроҳ намуда, аз он сӯиистифода бурда, соҳиби молумулк мешавад. Масалан, аз ҷониби хешованди маҳрум гирифтани нафақа бо истифода аз бовариномае, ки пеш аз марги нафақагир барои оварда додани нафақа дода шуда буд. Ё ин ки фурӯшанда аз харидор тилло набудани ҷавоҳиротро пинҳон карда, бо роҳи гумроҳ намудан ба бовариаш даромада, ҷавоҳироти пастсифатро ҳамчун ҷавоҳироти тиллогин мефурӯшад[194].

---

[193] Владимиров В.А. Квалификация преступлений против личной собственности. – М., 1968. – С. 96.
[194] Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери назари А.А. Қаҳҳоров. – Душанбе, 2010. – С. 404-405.

Яке аз шаклҳои маъмули фиреб дар он аст, ки гунаҳкор худро ба ҷойи шахсе вонамуд мекунад, ки ҳуқуқи гирифтан ё ихтиёрдорӣ кардани молумулкро дорад, (масалан, худро ҳамчун хазиначӣ муаррифӣ менамояд) ё ин, ки намуди зоҳирии ашёро дигар менамояд, ё ба ҷойи як ашё, ашёи дигарро медиҳад (масалан, ба ҷойи ашёи қиммат ашёи сифаташ пастро додан), маблағи пулиро барои иҷрои кор гирифта, онро иҷро намекунад, ё ҳуҷҷатҳои қалбакию пулҳои қалбакиро пешниҳод карда, соҳиби молумулк мешавад (масалан, борхатҳои қалбакӣ).

Вобаста ба тарафи субъективӣ фиреб чунин тавсиф карда мешавад, ки шахси гунаҳкор фаҳмида истодааст, ки ба шахс маълумоти бардурӯғ медиҳад, дарк мекунад, ки маълумоти дурустро дорад ва дар ин хусус хомӯш аст, гарчанде ки вай бояд инро хабар диҳад. Аз ин бармеояд, ки гунаҳкор бо роҳи фиреб зарари молу мулкӣ расонида истода, ҳамеша қасдона амал мекунад.

Мақсади фиреб ҳамчун усули содир намудани ҷинояти дахлдор аз он иборат аст, ки ҷабрдидаро вобаста ба он, ки ӯ ҳуқуқ дорад додани молумулкро талаб кунад ё ба манфиати худ амалҳои молумулкиро анҷом диҳад, гумроҳ месозад. ... Баръакси ин, мақсади фиреби қаллобӣ ин гумроҳ кардани ҷабрдида дар бораи зарурат ё уҳдадории супурдани молумулки ӯ ба ҷинояткор аст. Дар асоси ин, баъзе олимон мегӯянд, ки фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ дар расонидани зарари молӣ мазмуни қаллобиро дорад[195].

Б.С. Никифоров чунин навишта буд, ки ҳангоми фиреб изҳори андешаи шахсиро фарқ кардан лозим аст. Мувофиқи андешаи ӯ, «онҳо ба далелҳо эҳтиром ва ба ақидаи шахсии худ бениҳоят боварӣ доранд», аз ин рӯ, ба фикри онҳо, дар таҳриф кардани ҳақиқат ҳеҷ гуна фиребе ба назар намерасад, ба шарте ки ин таҳриф ҳамчун «андешаи шахсӣ» баҳо дода шавад. Ва шахсе, ки ба чунин як фикри шахсӣ муроҷиат мекунад, озод аст, ки барои худаш

[195] Ниг.: Рарог А.И. Комментарий статьи 165 УК РФ / Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации с постатейными материалами и судебной практикой / Под общ. ред. С.И. Никулина. – М., 2001. – С. 488; Воробьев Д.В. Современные проблемы уголовно-правовой охраны права собственности и иных вещных прав. – М., 2011. – С. 63.

дурустии хулосаҳоро, ки ба нуфузи ӯ пешниҳод шудааст, баррасӣ кунад[196]. Чунин ақидаронӣ ба хулосае меоварад, ки агар шахс дидаю дониста ҳолатҳои барояш маълумшударо таҳриф кунад (барои фиреб додани ҷабрдида бо ин роҳ, аз ҷумла тавассути пешниҳоди маълумот ҳамчун ақидаи худ), барои онро ҳамчун фиреб гуфтан тамоми асосҳо мавҷуданд. Мо боварӣ дорем, ки мавқеи махсуси субъект, ки ақидаи шахсии худро ифода мекунад, барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад.

Ҳамин тариқ, фиреб ҳамчун усули расонидани зарари молу муклӣ бояд ҳамчун қасдан, ки бо ба даст овардани манфиати молумулкӣ, фиреб додани шахси дигар бо роҳи додани иттилооти бардурӯғ, ки ба ҳақиқати воқеӣ дуруст намегирад ё хомӯш истодан дар бораи далелҳои воқеие, ки шахс бояд дар бораи мавҷудият (мавҷуд набудан) хабар диҳад ва ӯ дорои уҳдадориҳо ва ҳуқуқи талаб кардани таҳвили молумулк ё дигар объектҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ мебошад, фаҳмида мешавад.

***Сӯистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии расонидани зарари молумулкӣ***. Тарафи объективии ҷинояти расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар расонидани зарари молумулкӣ ба соҳибмулк ё дорандаи қонунии он бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ ифода мегардад. Лекин чунин кирдор таркиби тасарруфи молумулки ғайрро дар шакли қаллобӣ ташкил намедиҳад, ҳол он ки роҳҳои расонидани зарари молумулкӣ дар ҳар ду ҳолат ҳам ягона мебошад. Зеро дар фарқият аз тасарруф, аз он ҷумла аз қаллобӣ (м. 247 КҶ), дар ин ҷиноят аломати «гирифтани молумулк» вуҷуд надорад, яъне, молумулк миқдоран аз фонди нақдии ҷабрдида хориҷ карда намешавад, он аз ихтиёри соҳибмулк ҷудо карда гирифта намешавад. Дар ин ҳолат гунаҳкор зарари молумулкиро ба ҷабрдида бо роҳи надодани лозимият, бо роҳи дастрас накардани молумулке, ки бояд ба фонди нақдии ҷабрдида дохил шавад, мерасонад, ки инро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ

[196] Ниг.: Никифоров Б.С. Борьба с мошенническими посягательствами на социалистическую и личную собственность по советскому уголовному праву. – М., 1952. – С. 109.

фоидаи аздастрафта меноманд[197]. Аммо роҳи содиршавии ҳардуи ҷиноятҳо – қаллобӣ ва расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, якхеланд – фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ва ин ҳолат монандии моҳияти онҳоро ифода мекунад.

Сӯистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноят яке аз унсурҳои муҳим ва асосии тарафи объективӣ расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ буда, бевосита дар диспозитсияи моддаи 253 КҶ ҶТ дарҷ гардидааст. Қонунгузории муосири ҷиноятии Тоҷикистон мафҳуми расмии сӯистифодаи боварӣро надодааст. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад нуқтаи назари ягона вобаста ба фаҳмиши (дарки) мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ҷой надорад. Ин аз гуногуншаклии ин зуҳурот дар амалия шаҳодат медиҳад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, ки ба масъалаҳои табиати ҳуқуқии сӯиистифодаи боварӣ асосан дар доираи се масъалаи (саволи) баҳснок баҳсу мунозира ҷой дорад. Аввал вобаста ба мазмун ва муҳтавои мафҳуми «сӯиистифодаи боварӣ», дувум дар масъалаи алоқамандии «сӯиистифодаи боварӣ» ва «сӯиистифодаи дилпурона (соддадилона) (доверчивостью)» ва ниҳоят, оё сӯиистифодаи боварӣ яке аз намудҳои мустақили тарзи содиркунии ҷиноят аст ё яке аз намудҳои фиреб[198].

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ боварӣ ба маънои бовар доштан, бовар кардан, эътимод доштан, эътиқод кардан, боварии комил бо итминони пурра, дилпурона, итминон доштан ташреҳ шудааст[199].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ якчанд нуқтаи назар вобаста ба мафҳуми «сӯиистифодаи боварӣ» баён шудааст. Як гурӯҳи таҳқиқотчиён бар он

---

[197] Ниг.: Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. – Душанбе, 2006. – С. 550.

[198] Ниг.: Владимиров В.А. Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность. – М.: Юридическая литература, 1986. – 224 с.; Михайлов К.В. Злоупотребление доверием как признак преступлений против собственности: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2000. – 174 с.; Мороз Д.Г. Основания злоупотребления доверием при совершении преступления, предусмотрено ст. 216 УК / Д.Г. Мороз // Проблемы совершенствования правовых средств и механизмов противодействия преступности в современном обществе: материалы междунар. науч.-практ. конф. (Минск, 13-14 октября 2006 г.) / Редкол.: А.В. Барков (отв. ред.) [и др.]. – Минск: БГУ, 2007. – С. 96-99.

[199] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 / Зери таҳрири С. Назарзода. – Душанбе, 2008. – С. 211.

ақидаанд, ки сӯиистифодаи боварӣ ин аз ҷониби гунаҳкор вайрон намудани салоҳияти ҳуқуқи шахси дигар вобаста ба соҳибият, истифодабарӣ ва ихтиёрдории молумулк, ки дар м. 232 КГ ҶТ пешниҳод шудааст, ифода мегардад[200]. Муаллифони дигар ҳангоми коркарди мафҳум ва муҳокимаи истилоҳи «сӯиистифодаи боварӣ» бар он таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ки сӯиистифодаи боварӣ дар истифодаи бовиҷдонӣ ва софдилонаи ҷабрдидаи боэътимод (бовари қатъӣ) аз ҷониби гунаҳкор ифода мегардад[201]. Гурӯҳи сеюми муҳаққиқон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки то ин ду ақидаи зикршударо муттаҳид намоянд. Муносибати боварӣ мумкин аст ҳам асоси ҳуқуқӣ (салоҳияти аз ҳуқуқ вобастабуда) ва ҳам аз асосҳои воқеӣ, ки мумкин аст аз муносибатҳои хешутаборӣ, дӯстӣ, ҳамсоягӣ ва дигар муносибатҳои шахсӣ барояд, сарчашма гирад[202]. Дар адабиёти илмии ватанӣ ақидаи дигар, яъне ақидаи чорум низ дида мешавад, ки аз мафҳумҳои дар боло зикршуда тафовут дорад.

Б. Саидвалиева менависад, ки ҳангоми сӯистифодаи боварӣ, гунаҳкор муносибатҳои махсуси боваринокии пешина бо молик доштаашро бар зарари молик ё дигар соҳиби молумулк, бо роҳи нагуфтани ҳолатҳои аҳаммияти ҳуқуқдошта истифода мебарад, ки бояд гунаҳкор оид ба он ҳолатҳо хабар медод, то ин ки боиси содир гаштани ҷиноят намешуд[203].

Чунин фаҳмиши гуногуни истилоҳи сӯиистифодаи боварӣ дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҷой надоштани нуқтаи назари ягона вобаста ба масъалаи мазкур дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ оварда мерасонад. Яъне, чунин ҳолат

---

200 Ниг.: Владимиров В.А. Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность. – М.: Юридическая литература, 1986. – 224 с.; Никифоров Б.С. Борьба с мошенническими посягательствами на социалистическую и личную собственность по советскому уголовному праву. – М.: Изд. АН СССР, 1952. – 177 с.

201 Ниг.: Панов Н.И. Квалификация преступлений, совершаемых путем обмана и злоупотребления доверием. – Киев: УМК ВО, 1988. – 80 с.; Качурин Д.В. Уголовная ответственность за обман и злоупотребление доверием (мошенничество) в отношении предприятий, организаций и коммерческих структур с различными формами собственности в период рыночных отношений: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1996. – 178 с.

202 Ниг.: Михайлов К.В. Злоупотребление доверием как признак преступлений против собственности: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2000. – 174 с.; Хилюта В. Понятие «вверенное имущество» в уголовном праве / В. Хилюта // Судовы веснiк. – 2007. – №1. – С. 53-56.

203 Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери назари Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия А.А. Қаҳҳоров. – Душанбе, 2010. – С. 439.

метавонад ба қабул шудани санадҳои ғайриқонунӣ ва ғайриобъективона дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ оварда расонад. Бинобар ин зарурияти муайяннамоии нуқтаи назари ягона вобаста ба мафҳуми «сӯиистифодаи боварӣ» дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ талаб карда мешавад.

Аломати ҳатмии сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи расонидани зарари молумулкӣ (молу мулкӣ) бе ҷой доштани нишонаи тасарруф ин аз ҷониби гунуҳгор вайрон намудани салоҳияти ба ӯ додашудаи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молумулки ба ӯ бо боварӣ додаи ҷабрдида мебошад.

Асоси пайдоиши муносибатҳои боварӣ, ки байни гунаҳкор ва ҷабрдида ҳангоми содир шудани ҷинояти дар м. 253 КҶ ҶТ пешбинишуда дида мешавад, хусусияти ҳуқуқӣ бояд дошта бошад. Яъне ин боварӣ бояд дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи мадании, соҳибкорӣ, меҳнатӣ ва оилавӣ бавуҷуд омада бошад. Масалан дар натиҷаи бастани шартномаҳои гуногун, ҳангоми иҷрои кор ва расонидани хизмат. Дар чунин ҳолат муносибати боварӣ, ки аз асосҳои ҳуқуқӣ бармеояд, дар намуди муносибатҳое баромад мекунад, ки шахси ваколатдиҳанда (соҳибмулк) ба шахси дигар (боваринок) ҳуқуқҳои муайянро медиҳад ва уҳдадориҳои муайянро ба зиммаи ӯ вомегузорад, шахси ба боварӣ даромада бошад ин ҳуқуқу уҳдадориҳои ба зимааш гузошташударо қабул менамояд.

Дар баъзе маврид муносибати боварӣ мумкин аст аз ваколатҳои мансабии шахси мансабдор барояд. Ба ҷамъият хавфнокии сӯиистифодаи мансаб аз барқасдона истифода намудани гунаҳкор ваколатҳои ба ӯ додагшуда ифода мегардад. Дар натиҷаи ин, ваколатҳои мансабӣ дар ҳолатҳои мушаххасро мо метавонем ҳамчун намуди асосҳои ҳуқуқии сӯиистифодаи боварӣ эътироф намоем ва онро ҳамчун тарзи расонидани зарари молу мулкӣ бе аломати тасарруф баҳо диҳем. Дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баъзе муҳаққиқон дар баробари асосҳои ҳуқуқии сӯиистифодаи боварӣ асосҳои воқеии онро ҷудо менамоянд, ки одатан ин муносибатҳо аз муносибатҳои шахсӣ (хешу таборӣ, дӯстӣ, ҳамсоягӣ) бармеоянд. Дар баробари ин пойдорӣ ва давомнокии муносибатҳои воқеии боварӣ ба ақидаи ин олимон барои ба ҷавобгарии

ҷиноятӣ кашидани гунаҳкор аҳаммият надорад, яъне он барои банду басти ҷиноят таъсир расонида наметавонад. Асос бояд муайян намуд, ки гунаҳкор онҳоро барои содир намудани ҷиноят истифода бурдааст[204].

Бояд қайд намуд, ки чунин нуқтаи назарро дар аввали асри XX И.А. Аносов мавриди таҳлил қарор дода нависта буд, ки сӯиистифодаи боварӣ дар муносибатҳои молу мулкӣ танҳо дар муносибатҳое ҷой дошта метавонад, ки дар асоси меъёрҳои ҳуқуқ ба вуҷуд омадаанд. И.И. Аносов ба беасос ва ба таври васеъ маънидод намудани мафҳуми боварӣ диққат дода, менависад, ки дар сӯистифодаи боварӣ асосҳои воқеӣ бояд ба инобат гирифта нашаванд. Дар баробари ин гуфтаҳо, бар ақидаи И.И. Аносов имконияти мушаххаси ҳуқуқии додани ин мафҳум вуҷуд надорад[205].

Ақидаи мазкурро дастгирӣ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки асоси сӯистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноят, ки аз муносибатҳои шахсии ба хешутаборӣ, дӯстӣ ва монанди инҳо асосёфта бармеояд, ғайримақсаднок мебошад. Чунин муносибатҳо танҳо хусусияти субъективӣ дошта, аз боварии як шахс ба росткорӣ, ҳалолкорӣ ва бовиҷдонии шахси дигар, ки ба соҳибмулк робитаи наздик дорад, бармеояд ва ин ҳолатро ба мафҳуми зудбоварӣ, соддадилӣ дохил кардан мумкин аст.

Баъзе ҳуқуқшиносон дар баробари сӯиистифодаи боварӣ сӯиистифода аз соддадилиро намуди мушаххаси аввалин эътироф мекунанд[206]. Чунин ба назар мерасад, ки ин нуқтаи назар чандон дуруст нест. Зеро, дар замони худ Б.С. Никифоров қайд намуда буд, ки боварӣ бо ҷой доштани муносибат байни шахсон вобастагӣ дорад, дар чунин маврид зуддборварӣ яке аз сифатҳои

[204] Ниг.: Панов Н.И. Квалификация преступлений, совершаемых путем обмана и злоупотребления доверием. – Киев: УМК ВО, 1988. – 80 с.; Михайлов К.В. Злоупотребление доверием как признак преступлений против собственности: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2000. – 174 с.

[205] Ниг.: Аносов И.И. Злоупотребление доверием. – М., 1915. – 384 с.

[206] Ниг.: Пионтковский А.А. Отдельные формы хищения государственного или общественного имущества / Курс советского уголовного права в VI томах / Редкол.: А.А. Пионтковский [и др.] / Том IV: Государственные преступления и преступления против социалистической собственности. – Гл. XVII. – М.: Наука, 1970-1971. – С. 338-397.

хусусияти инсонӣ мебошад[207]. Мо нуқтаи назари мазкурро ҷонибдорӣ намуда, онро асоснок шуморидан мувофиқи мақсад аст.

Сӯиистифода аз зудбоварӣ ва соддагии шахсро, ки дар натиҷа ба шахс зарари молумулкӣ расидааст метавон ҳамчун қаллобӣ баҳо дода, чунин кирдорро бо моддаи 247 КҶ ҶТ бандубаст кард. *Масалан, шаҳрванд А.А. аввалҳои моҳи октябри соли 2017 ҳангоми дар сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Яккачинор қарор доштанаш ба рафиқаш Б.Б. як адад автомашинаи тамғаи «Ягуар» арзишаш 12000 (дувоздаҳ ҳазор) доллари ИМА ва як адад автомашинаи тамғаи «Мерседес бенс» арзишаш тахминан 50000 (панҷоҳ ҳазор) доллари ИМА-ро ба гарав гузошта, маблағи 20000 (бист ҳазор) доллари ИМА пулии нақд гирифтааст. Сипас ӯ баҳри амалӣ намудани нақшаи таҳрезӣ кардааш аз боварии Б.Б. сӯиистифода намуда, бо баҳонаи дигар автомашинаро оварда ба гарав гузоштан, автомашинаи тамғаи «Мерседес Бенс»-и ба гарав гузоштаашро гирифта, автомашинаи ваъда намудаашро ба гарав нагузоштааст. Ӯ баъди талаби зиёди Баёнов Ҷамшед Нусратуллоевич боз як автомашинаи тамғаи «Опел Астра», арзишаш 3000 (се ҳазор) доллари ИМА-ро ба ҷои қисми маблағҳои тасарруф намудааш дода, ғайб задааст, ки дар натиҷа ӯ бо кирдорҳои худ ба шаҳрванд Б.Б. ба маблағи 5000 (панҷ ҳазор) доллари ИМА, мутаносибан ба асъори миллӣ баробар ба 43997 (чилу се ҳазору нуҳсаду наваду ҳафт) сомонӣ зарари махсусан калони моддӣ расонидааст[208].*

Сӯиистифода аз зудбоварии шахс одатан бо категорияи маънавӣ-ахлоқии шахс алоқаманд мебошад ва дар он муносибатҳои ҳуқуқӣ дида намешавад. Ҳамин тавр, сӯиистифода аз зудбоварии шахсро мо наметавонем ҳамчун яке аз намудҳои сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноят, ки дар таркиби м. 253 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, эътироф намоем. Асоснокии чунин пешниҳодро муқаррароти моддаи 8 КГ ҶТ вобаста ба он, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ аз асосҳои пешбининамудаи қонун ва санади дигари

---

[207] Ниг.: Никифоров Б.С. Борьба с мошенническими посягательствами на социалистическую и личную собственность по советскому уголовному праву. – М.: Изд. АН СССР, 1952. – 177 с.

[208] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №2018-2/32 // Бойгонии суди н. И. Сомонӣ.

ҳуқуқӣ, инчунин аз амали шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқӣ ба миён меоянд, ҳарчанд дар қонун ё чунин аснод пешбинӣ нашуданд, вале тибқи асосҳои умумӣ ва моҳияти қонунҳои маданӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданиро ба миён меоранд, шаҳодат медиҳад.

Дар чунин маврид, асоси боавариро на муносибатҳои воқеӣ, балки амалҳои ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар асоси қонунгузорӣ ҷой доранд ва аз ҳуқуқу уҳдадориҳои молу мулкӣ ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, сӯиистифодаи боварӣ ин аз ҷониби шахси боваркардашуда вайрон намудани уҳдадориҳои ба тариқи ҳуқуқӣ вогузоштаи ба манфиати соҳибмулк амал намуданро ифода мекунад.

Масъалаҳои фарққунии сӯиистифода аз боварӣ ва фиреб аз бисёр ҷиҳатҳо дараҷаи хатари ҷамъиятии ҷинояти содиршударо муайян мекунанд ва барои фардикунонии ҷазо муҳиманд, аз ин рӯ, ба омӯзиши онҳо бояд диққати махсус дода шавад.

Боварӣ вақте пайдо мешавад, ки ҷабрдида ба гумроҳӣ равад, яъне ӯ ба далелҳои овардаи ҷинояткор бовар мекунад ва мувофиқан ба худи ӯ низ бовар мекунад. Дар натиҷаи ба миён омадани боварӣ ба манфиати шахси гунаҳкор, хидматҳои молумулкӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар аксари ҳолатҳо, ҷинояткор боварии ҷабрдидаро ба даст меорад, то қадами оянда, фиребро осон кунад. Аз ин нуқтаи назар, дар бисёр ҳолатҳо, агар ҷабрдида ба ҷинояткор боварии муайян надошта бошад, фиребро анҷом додан мушкил мегардад. Дар ин ҳолат, сӯиистифода аз боварӣ ба расонидани зарари молу мулкӣ ҷузъи таркибии фиреб мебошад.

Аммо, вижагии сӯиистифода аз боварӣ ба унвони усули мустақили содир кардани ҷиноят дар он аст, ки ҷинояткор амалҳоеро содир намекунад, ки метавонанд ҷабрдидаро гумроҳ кунанд ва аз ӯ интиқоли молу мулкро талаб кунанд, ба монанди фиреб. Хусусияти дигари фарққунандааш ин аст, ки сӯиистифода аз боварӣ дар иҷро накардани ягон уҳдадориҳо дар назди ҷабрдида ифода карда мешавад ва аз ин рӯ, он ҳамеша дар шакли бефаъолиятӣ

содир карда мешавад, бар хилофи фиреб, ки шакли онро ҳам дар ҳаракат ва ҳам беҳаракатӣ ифода кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ аз рӯйи табиат ва мундариҷаи худ яксон нестанд ва як қатор хусусиятҳои фарққунанда доранд. Танҳо дар баъзе ҳолатҳо сӯиистифода аз боварӣ метавонад ҷузъи ҷудонопазири фиреб бошад, ки ба иҷрои он мусоидат мекунад, ки ин имкони омезиши усулҳои баррасишавандаро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, дар бисёр ҳолатҳо, агар ҷабрдида ба ҷинояткор каме боварӣ ҳис накунад, фиреб кардан мумкин нест.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло ба чунин хулосаҳо омадан ҷиҳати мукаммалгардии қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба сӯиистифодаи боварӣ ҳангоми содир намудани ҷинояти дар м. 253 КҶ ҶТ пешбинишуда аз аҳаммият холӣ нест:

1. Бо мақсади дар назарияи ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг дарк намудани мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноятҳои қасдона, инчунин ҷиҳати бартараф намудани саҳв ҳангоми бандубасти ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ дар сатҳи қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шавад. Ҳамин тавр, дар эзоҳи моддаи 253 КҶ ҶТ мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ба тариқи зерин оварда шавад «Сӯиистифодаи боварӣ, яъне аз ҷониби шахс қасдона ба манфиати худ ва ғайримақсаднок истифода бурдани ваколатҳое, ки дар асоси қонун ва шартнома ба ӯ дода шудааст.

2. Сӯиистифодаи боварӣ намуди мустақили расонидани зарари молу мулкӣ буда, дар он нишонаҳои тасарруф дида намешавад ва намудаи алоҳидаи фиреб намебошад;

3. Сӯиистифода аз зудбоварӣ ва соддадилии шахс намуди алоҳидаи сӯиистифодаи боварӣ намебошад ва ин кирдор бо моддаи 253 КҶ ҶТ бандубаст карда нашуда бо моддаи 247 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда шавад.

***3) Оқибат барои ҷамъият хавфнок.*** Ягон ҷинояте нест, ки дар натиҷаи он оқибат барои ҷамъият хатарноку зарарнок рух надиҳад. Лекин оқибати

ҷиноятҳо гуногун мебошанд. Оқибати як гурӯҳ ҷиноятҳо тавсифи воқеӣ, яъне оқибати ҳисшаванда, оқибати воқеии ҷиноятро ҳис карда, санҷида баҳо додан мумкин. Вобаста ба сохти худ таркиби ҷинояти мазкур ба таркиби моддӣ дохил мешавад. Бинобар ин, лазҳаи хотима ёфтани ҷиноят на лаҳзаи фиреб кардан ё сӯиистифодаи боварӣ, балки лаҳзаи воқеан ба вуҷуд омадани зарар, ба шумор меравад. Расонидани зарар ба молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ хотимаёфта ҳисобида мешавад на аз лаҳзаи гирифтани молумулк, балки аз вақте ки ҷинояткор имконияти истифода намудан ё ихтиёрдорӣ кардани онро пайдо мекунад (истеъмол менамояд, мефурӯшад, тӯҳфа мекунад, ба ҷойи қарз ё ки ба ҳисоби пардохти қарз ба касе медиҳад ва ё дар ягон шакл истифода менамояд). Дар ин маврид, сухан танҳо дар бораи пайдо шудани чунин имконият меравад, на балки аз ихтиёрдории воқеӣ. Набудани имконияти воқеии ихтиёрдорӣ ва ё истифодаи молумулки гирифташуда таркиби ҷинояти хотимаёфтаро истисно мекунад. Аз ин рӯ, амалҳои ҷиноятии субъектро бояд ҳамчун сӯиқасд ба расонидани зарар ба молумулки ғайр бандубаст кард.

Оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии м. 253 КҶ ҶТ дар шакли зарари молу мулкӣ ифода мегардад. Муайян кардани мафҳуми зарар барои таҳқиқоти мазкур аҳаммияти калон дорад. Зарар – яке аз шартҳои асосии ба ҷавобгарии моддӣ кашидани корманд мебошад. Корманде, ки бо гуноҳи ӯ ба корфармо зиёни моддӣ расидааст, ба андозаи зиёни бевоситаи воқеӣ, аммо на зиёдтар аз моҳонаи миёнааш масъулияти моддӣ дорад. Аз ин рӯ, зарар ба намудҳои зерин ҷудо мешавад: 1) зарари моддӣ; 2) зарари маънавӣ. Ин намуд ба шарте ҷуброн карда мешавад, агар зарар дар қонун пешбинӣ шуда бошад (*ниг.* ба зарари маънавӣ). Дар ҳуқуқи маданӣ маънои паст кардан, ба нестӣ расонидани ҳуқуқи субъективӣ ё нафъи шахсони алоҳидаро дар назар дорад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ ва арбитраж мафҳумҳои зарар, зиён ва осебрасонӣ истифода бурда мешавад. Дар бисёр ҳолат зарар ва зиён ҳамчун муродифи ҳамдигар истифода мегарданд, аммо зарар ва осеб расонидан мувофиқ

намеоянд. Мафҳуми зарар хеле васеъ буда, ба зарари молу мулкӣ ва ғайри молу мулкӣ ҷудо мешавад. Таҳти мафҳуми зарари молу мулкӣ оқибатҳои материалии (иқтисодии) ҳуқуқвайронкунӣ фаҳмида мешавад, ки шакли арзишӣ доранд[209]. Зиёни молу мулкӣ яке аз навъҳои зараррасонист. Навъи дигари онро зарар ба неъматҳои ғайримолумулкӣ (зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд) меноманд. Дар натиҷаи зарари молу мулкӣ миқдори молу мулк кам ва сифати он паст гашта, арзиши он нуқсон пайдо мекунад, инчунин намуди мол осеб мебинад ва ё молу мулк несту нобуд мегардад. Таҳти мафҳуми зарари молу мулкӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ зарар ба молу мулки давлат, шаҳрванд, шахси ҳуқуқӣ, воҳидҳои марзию маъмуриро мефаҳманд. Зарари молу мулкӣ ба маънои зиён низ истифода мешавад. Зарарнок ифодаи пулии зарари молу мулкист. Тибқи қонунгузории граждании ҶТ зараре, ки бо амал (беамалӣ)- и ғайриқонунӣ ба шахс ё молу мулки шаҳрванд, инчунин ба шахси ҳуқуқӣ, давлат расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, ҷуброн карда шавад (қ.1 м.1079 КГ ҶТ). Инчунин қонун метавонад уҳдадории ҷуброни зарарро ба зиммаи шахсе гузорад, ки зараррасон намебошад. Кодекси мадании ҶТ дар моддаи 1208. Оид ба ҷуброни зарари молу мулкӣ ва уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар меъёрҳои ҳуқуқиеро пешбинӣ кардааст, ки онҳо ҳама ҳолату вазъиятҳои ба зарари молу мулкӣ алоқадорро фаро гирифтаанд Суд масъалаи ҷуброни зарарро ҳал карда, мутобиқи ҳолатҳои парванда шахси барои расондани зарар ҷавобгарро уҳдадор менамояд, ки зарари расондашударо пурра ҷуброн намояд (қисми 2 моддаи 14 ҳамин Кодекс) ё онро дар шакли асл баргардонад (ашёи ҳамон навъ ва дорои ҳамон сифатро пешниҳод кунад, ашёи зарардидаро ислоҳ намояд ва ғайра)[210].

---

209 Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, хуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов М.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – С. 155.

210 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-мадании-ҷумҳурии-тоҷикистон.calendar_block_month=9&calendar_block_year=2022&page=6 (санаи муроҷиат: 28.01.2024).

Маълум аст, ки ба ҷамъият хавфнокии кирдор яке аз аломати тарафи объективии кирдорест, ки қобилияти расондани зарар ё таҳдиди ба расонидани онро тавсиф мекунад. Тавре Н.С. Малеин навишта буд, «хавфи ҷамъиятии ҳуқуқвайронкунӣ маҳз дар он аст, ки ҳангоми таҷовузи ҷиноятӣ ба объекти ҷиноят зарар меорад. Ҳеҷ гуна ҷиноятҳои «безарар» вуҷуд дошта наметавонанд ва аз ин рӯ, ҳеҷ ҷиноятҳое вуҷуд надоранд, ки аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хатарнок набошанд. Маҳз бо назардошти он ки ҳама ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ зараровар (хатарнок) мебошанд, онҳо дар қонунҳои дахлдор ҳамчун ҷиноят пешбинӣ шудаанд ва нисбати шахсоне, ки онҳоро содир мекунанд, мубориза бурда мешавад. Чунин мубориза барои пешгирӣ ва решакан кардани қонуншиканиҳо лозим нахоҳад буд, агар онҳо ба ҷомеа зарар нарасонанд ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок набошанд»[211]. С.В. Землюков қайд мекунад, ки «моҳияти зарар, ки аз содир кардани амали ҷиноятӣ бармеояд, дар вайронкунии ҷиддии хусусиятҳо ва функсияҳои муносибатҳои бо қонун ҳифзшаванда ифода ёфтааст, ки дар натиҷа ҷабрдида (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ) он фоидаҳо (арзишҳо)-ро, ки бо муносибатҳои вайроншуда танзим карда мешаванд, намегирад ё аз даст медиҳад»[212].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои «зарар», «зиён» ва «осеб» одатан ҳамчун синоним истифода карда мешаванд. Чунин ақидаро на ҳамаи олимон дастгирӣ мекунанд. Масалан, дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ қайд шудааст, ки дар баробари зарар мафҳуми зиён низ вуҷуд дорад, ки арзиши пулии зарари бавуҷудомадаро инъикос мекунад[213].

Зарари молу мулкӣ дар натиҷаи вайрон кардани муносибатҳои молумулкӣ рух медиҳад ва одатан маънои «зарари ба молумулки шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар натиҷаи расонидани зарар ба ӯ ё иҷро накардани шартнома бо ӯ

[211] Малеин Н.С. Возмещение вреда, причиненного личности. – М., 1965. – С. 5-6.
[212] Землюков С.В. Преступный вред: теория, законодательство, практика: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1993. – С. 10.
[213] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов М.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – С. 155.

расидааст» -ро дорад[214]. Зарари молу мулкӣ ин «ҳама гуна коҳиш додани ҳуқуқи субъективии молумулкӣ, манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда ё манфиати дигари молумулкӣ, ки ба зарари моддӣ (молумулкӣ)-и ҷабрдида оварда мерасонад»[215].

Расонидани зарари молу мулкӣ вобаста аз арзиши молумулки ба чаҳор намуд – зарари оддӣ, зарари ҷиддӣ, миқдори калон ва миқдори махсусан калон ҷудо мешавад. Агар ба шаҳрванд аз ҷиноят зарари назаррас нарасида бошад, зарари оддӣ шуморида мешавад. Ҳангоми муайян кардани дараҷаи зарари расонидашудаи зарари ҷиддӣ, ба миқдори калон, ба миқдори махсусан калон ва ҷабрдида эътироф намудан оид ба ҷинояти дар м. 253 КҶ ҶТ ҳолати молумулкии ҷабрдида, арзиши молумулки зарар расонидашуда ва аҳаммиятнокии он ба ҷабрдида, андозаи музди меҳнат, нафақа, дар таъминоти ҷабрдида мавҷуд будани хурандагон, маҷмуи даромади аъзои оила, ки бо онҳо хоҷагии умумӣ мебарад ва ғайраро ба инобат гирифтан зарур аст. Ҳамзамон талаботи қонунро дар бораи пурра ҷуброн намудани зарари расонидашуда ба назар гирифтан лозим аст. Арзиши молу маҳсулоте, ки солҳои зиёд истифода шуда, предмети ин ҷиноят мегарданд бо нархҳои давлатӣ ё бозорӣ, ҳатман бо назардошти ҳолату сифат ва фарсудашавии молумулк муайян намуда, ҳангоми набудани маълумот дар бораи нархҳои давлатӣ ва бозорӣ, арзиши молумулки зарардида дар асоси хулосаи экспертизаи молшиносӣ муайян карда мешавад.

***4) робитаи сабабӣ байни кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои бавуҷудомада.*** Аломати ҳатмии тарафи объективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ин алоқаи сабабии байни ҳаракатҳои зиддиҳуқуқии ҷинояткор ва оқибатҳои фаророрасидаи зарарнок дар намуди ба молик расонидани зиёни воқеии молумулкӣ, ба ҳисоб меравад. Ягон оқибат бе сабаби воқеӣ рух намедиҳад. Оқибати ҷиноят ҳам дар натиҷаи ягон ҳаракат ё беҳаракатии ҷинояткорона рӯй медиҳад. Агар байни оқибати рӯйдода ва кирдор алоқаи сабабӣ набошад ашхоси гумонбаршударо ба

---

[214] Ниг.: Российская юридическая энциклопедия / Гл. ред. А.Я. Сухарев. – М., 1999. – С. 456.
[215] Малеин Н.С. Возмещение вреда, причиненного личности. – М., 1965. – С. 9.

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест. Аз ин лиҳоз, барои шахси гумонбаршударо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва кирдори онро бо ягон моддаи (моддаҳои) КҶ ҶТ банду баст кардан ҷой доштани алоқаи сababӣ дар байни кирдору оқибат ҳатман муайян карда шуданаш лозим. Мувофиқи таълимоти диалектикаи материалистӣ ҳамаи ҳодисаву ҷараёнҳои олам байни худ робита доранд. Қоидаҳои асосии ин таълимот аз инҳо иборатанд, ки илми ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф намуда, такя менамояд:

а) робитаи сабабӣ- ин ҷараёни якҷоя амалкунанда, ду ҳодисаи мустақил мебошад, ки яке аз онҳоро сабаб (боис) ва дигаршро оқибат меноманд.

б) робитаи сабабӣ тавсифи воқеӣ дорад. Барои ҳамин вай объекти даркшаванда аст.

в) барои муайян намудани робитаи сабабӣ объекти даркшаванда аз дигар воқеаю ҷараёнҳо ҷудо карда омӯхта мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар ҳаҷми зарари расонидашуда, ба истисноии зарари калон барои банду басти ҷиноят аҳаммият надорад. Танҳо дар қисми 3 моддаи 253 КҶ ҶТ бо расонидани зарар ба миқдори калон пешбинӣ шудааст.

Аммо чи тавре дар боло қайд шуда буд, расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ яке аз намудҳои ҷиноятҳо ба муқобили моликият дохил мешавад, бинобар ин намудҳои зарари молиявие, ки дар боби 26 КҶ ҶТ муқаррар кардааст, ба ин намуди ҷиноят низ татбиқ карда мешавад.

Қонуни ҷиноятии амалкунанда андозаи аниқи миқдори зарареро, ки ба моликияти шахсии шаҳрванд расонида шудааст муайян намекунад. Мазмуни онҳо хусусияти баҳодиҳӣ дорад ва эътирофи зарар ба сифати ин ё он намуд ба салоҳияти суд вогузошта шудааст. Ин дуруст аст ва аз сатҳи ҳаёти аъзоёни ҷомеа бармеояд.

Бинобар ин, агар эзоҳи моддаи 244 КҶ ҶТ-ро таҳлил намоем, бармеояд, ки чунин намудҳои анзодаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ мавҷуд аст:

а) оддӣ;

б) зарари ҷиддӣ расонидашуда;

в) ба миқдори калон;

г) ба миқдори махсусан калон[216].

Аз ин ҷиҳат, расонидани зарар дар сурате оддӣ эътироф мешавад, ки агар он ба шаҳрванд зиёни назаррас (ҷиддӣ) нарасонида бошад. Ҳангоми ҳал намудани масъалаи он, ки ба шаҳрванд оё зарари ҷиддӣ расонида шудааст ё не, зарур аст, ки на танҳо арзиши молумулки ба он зарар расонидашуда, балки вазъи моддию молумулкии ҷабрдида, аз ҷумла, музди миёнаи кор, сатҳи даромади шаҳрванд, қиматнокӣ ва аҳаммиятнокии он барои ҷабрдида, шумораи шахсоне, ки дар парастиши ӯ мебошанд ва ғайра ба назар гирифта шавад.

Ин гуфтаҳо ҳамчунин ба муайян кардани зарар дар миқдори калон ва махсусан калон, ки ба моликияти шахсии шаҳрванд расонида шудааст, тааллуқ доранд. Аммо, агар расонидани зарар ба автомобилҳо, хонаву истироҳатгоҳҳо ҷой дошта бошад, бешубҳа, он бояд чун расонидани зарар ба миқдори махсусан калон эътироф гардад. Аммо бояд қайд кард, ки дар ин масъала, яъне расонидани зарари махсусан калон қонунгузор муқаррароте пешбинӣ накардааст, ки баҳсро ба миён меорад. Зеро қисми 3 моддаи 253 КҶ ҶТ расонидани зарар ба миқдори калонро пешбинӣ мекунад. Аз ин маълум мегардад, ки дар сурати расонидани зарар ба молу мулк ба миқдори калон, кирдор бо банди «б», қ.3 моддаи 253 КҶ ҶТ
бандубаст карда мешавад. Ҳамчунин расонидани зарар ба миқдори махсусан калон эътироф мешавад, агар ҷабрдида аз воситаҳои асосӣ ва сарчашмаҳои мавҷудият маҳрум гардида бошад.

Расонидани зарар ба молумулки давлатӣ ва дастаҷамъӣ вобаста аз арзиши он ба се намуд ҷудо мешавад:

а) оддӣ;

б) ба миқдори калон;

---

[216] Ниг: Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25.06.2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қллобӣ ва роҳзанӣ».

в) ба миқдори махсусан калон.

Мутобиқи қ. 2-юми эзоҳи м. 244 КҶ, таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаҳои ҳамин боб (боби 26 КҶ) андозаи арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал як ҳазор маротиба зиёдтар мебошад. Ба миқдори махсусан калон арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар мебошад. Андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида муайян карда мешавад.

Тарафи объективии ҷиноят, ба ғайр аз аломатҳои ҳатмии тарафи объективии ҷиноят инчунин аломатҳои иловагӣ (факултативии) тарафи объективии ҷиноят мавҷуд аст, ки аз инҳо иборат аст: ҷойи содиршавии ҷиноят, вақти содиршавии ҷиноят, ҳолати содиршавии ҷиноят, олоти содиркунии ҷиноят, воситаи содиркунии ҷиноят, иборат мебошад. На ҳама вақт аломатҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят барои банду басти ҷиноят аҳаммият доранд, аммо ба ҳар ҳол ин аломатҳоро аз тарафи объективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боввариро баррасӣ мекунем.

Ҷойи содиршавии ҷиноят ин ҳудуди муайяне мебошад, ки дар доираи он кирдори барои ҷамъият хавфнок содир карда шудааст. Аломати мазкур барои банду басти кирдор бо моддаи 253 КҶ ҶТ аҳаммият надорад.

Вақти содиршавии ҷиноят ин доираи муайяни вақтест, ки дар доираи он ҷиноят содир шудааст. Аломати мазкур низ барои банду басти кирдор бо моддаи 253 КҶ ҶТ аҳаммият надорад.

Бояд зикр намуд, ки ягон аломати факултативии тарафи объективии ҷиноят ҳамчун ҳолатҳои бандубастшавандаи кирдор бо моддаи 253 КҶ ҶТ мавҷуд нест.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши аломатҳои объективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

1. Диспозитсияи амалкунандаи м. 253 КҶ ҶТ мукаммал нест. Меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ пешбинӣ менамояд, имконият надорад ё наметавонад як қатор амалҳои ҷиноятиро бинобар зикри он дар диспозитсияи м. 253 КҶ ҶТ, ки зиён танҳо ба молик ё дигар соҳиби молумулк расидааст, дар бар гирад.

2. Хусусияти фиреб дар меъёри баррасишаванда дар он аст, ки ҷабрдида наметавонад маълумотеро, ки ӯро гумроҳ мекунад, қабул накунад ва ин наметавонад ба содир кардани амалҳои ҷинояткоронаи гунаҳкор барои гирифтани фоидаи молумулкӣ монеъ гардад. Ин вақте рух медиҳад, ки шахси сеюме бошад ва амалҳои фиребона нисбат ба ӯ равона карда шавад.

4. Дар амал, тарафи объективии ҷинояти м. 253 КҶ ҶТ, дар азхудкунии пардохтҳои воридотӣ барои хидматҳо, бо вайрон кардани қоидаҳои тартиби муқарраршуда; пинҳон кардани арзиши воқеии сохтмони манзил, ки бо мақсади напардохтани маблағи боҷи давлатӣ содир шудааст; саркашӣ аз пардохти истифодаи хизматрасониҳои коммуналӣ (газ, қувваи барқ ва ғайра); сӯиистифодаи ғайриқонунии молумулк ба мақсадҳои шахсӣ, ки бо боварӣ барои кор супорида шудааст, саркашӣ аз пардохт барои сафари дурудароз тавассути мошинҳои киро ва ғайра

5. Барои дарк кардани фиреб ҳамчун роҳи содир намудани ҷинояти таҳлилшаванда, бояд аломатҳои объективӣ ва субъективии он ба назар гирифта шаванд. Аломатҳои объективӣ дар мафҳумҳои «мундариҷа», «шакл» ва «воситаҳо» ифода ёфтаанд, зеро онҳо ҳамчун абзори мантиқӣ-ҳуқуқии дарки фиреб амал мекунанд. Аломатҳои субъективии ин мафҳум мундариҷаи иҷтимоӣ-психологии онро муайян мекунанд. Мазмуни фиреб мавҷудияти онро ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ муайян мекунад, заминаи асосии онро ташкил медиҳад ва унсурҳои зеринро дар бар мегирад: 1) паёми

иттилооти бардурӯғ; 2) нарасонидани иттилооте, ки шахси гунаҳкор бояд хабар медод; 3) кӯшиши гунаҳкор дар гумроҳ кардани шахси фиребхӯранда.

6. Фиреб ҳамчун усули расонидани зарари молу муклӣ бояд ҳамчун қасдан, ки бо ба даст овардани манфиати молумулкӣ, фиреб додани шахси дигар бо роҳи додани иттилооти бардурӯғ, ки ба ҳақиқати воқеӣ дуруст намегирад ё хомӯш истодан дар бораи далелҳои воқеие, ки шахс бояд дар бораи мавҷудият (мавҷуд набудан) хабар диҳад ва ӯ дорои уҳдадориҳо ва ҳуқуқи талаб кардани таҳвили молумулк ё дигар объектҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ мебошад, фаҳмида мешавад.

7. Бо мақсади дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг дарк намудани мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноятҳои қасдона, инчунин ҷиҳати бартараф намудани саҳв ҳангоми бандубасти ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ дар сатҳи қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шавад. Ҳамин тавр, дар эзоҳи моддаи 253 КҶ ҶТ мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ба тариқи зерин оварда шавад «Сӯиистифодаи боварӣ, яъне аз ҷониби шахс қасдона ба манфиати худ ва ғайримақсаднок истифода бурдани ваколатҳое, ки дар асоси қонун ва шартнома ба ӯ дода шудааст. Сӯиистифодаи боварӣ намуди мустақили расонидани зарари молу мулкӣ буда, дар он нишонаҳои тасарруф дида намешавад ва намудаи алоҳидаи фиреб намебошад. Сӯиистифода аз зудбоварӣ ва соддадилии шахс намуди алоҳидаи сӯиистифодаи боварӣ намебошад ва ин кирдор бо моддаи 253 КҶ ҶТ бандубаст карда нашуда, бо моддаи 247 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда шавад.

8. Фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ бо табиат ва мазмунашон якмаъно нестанд ва бо як қатор хусусиятҳои фарқкунанда аз ҳамдигар тафоввут доранд. Танҳо дар баъзе ҳолатҳо сӯиистифода аз боварӣ метавонад қисми ҷудонашавандаи фиреб буда, ба содир кардани охирин мусоидат кунад, ки ин аз пайвастагии тарзҳои содиршавии ҷинояти баррасишаванда шаҳодат медиҳад. Судҳо бояд масъалаи тарзҳои содиршавии м. 253 КҶ ҶТ-ро муфассал омӯхта ва мушаххас намоянд ва дар қарори худ онро дарҷ кунанд.

## 2.3. Аломатҳои субъективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ

Субъекти ҷиноят яке аз аломатҳои асосии таркиби ҷиноят мебошад. Мувофиқан ба м. 22 КҶ ҶТ танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидааст. Ҷиноят доимо аз тарафи шахси мушаххас содир карда мешавад. Шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, субъекти ҷиноят номида мешавад.

Ҳар як ҷиноят ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок аз тарафи одамон содир карда мешавад. Аз ин рӯ, танҳо шахсе, ки кирдори ба ҷамъият хавфнок содир мекунад, субъекти ҷиноят эътироф карда мешавад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ истилои субъекти ҷиноят ба истифода бурда намешавад. Барои ифода кардани субъекти ҷиноят дар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ калимаҳои «гунаҳкор», ё ки «шахсе, ки ҷиноят содир кардааст», ё ки «шахси гунаҳкор дар содир кардани ҷиноят» ба кор бурда мешавад. Субъекти ҷиноят будан – яъне дар содир кардани ҷиноят қасдан ё ки аз беэҳтиётӣ барои ба кирдори ба ҷамъият хавфноке, ки аз тарафи қонуни ҷиноят муқаррар карда шуда гунаҳкор будан аст. Аз рӯйи қоидаҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти ҷиноят ин шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят ҷавобгар аст[217].

Кодекси ҷиноятии соли 1998 ҶТ муқаррар кардааст, ки танҳо шахс, яъне шахси воқеӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ба ақидаи В. Додонов, «шарти асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ – гуноҳ мебошад, ки ҳамчун муносибати руҳии шахс ба кирдори содиршуда ифода мегардад. Аммо, шахси ҳуқуқие, ки дорои тахайюли (эҷоди) ҳуқуқӣ мебошад, наметавонад дорои ҳолати руҳӣ бошад ва мутаносибан, мафҳуми гуноҳ барои шахси ҳуқуқӣ мустақиман татбиқ намешавад»[218]. Тавре Н.Ф. Кузнетсова дуруст менависад, «гуноҳ ҳеҷ гоҳ чизе ҷуз муносибати руҳии шахс ба амали ӯ нест; шахси ҳуқуқӣ ин гуноҳро

[217] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 112.

[218] Додонов В. Ответственность юридических лиц в современном уголовном праве / В. Додонов // Законность. – 2006. – №4. – С. 56-59.

надорад»[219]. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои пасоШӯравӣ равиши мавҷудаи қонунгузориро ба таври асоснок дастгирӣ менамоянд, ки дар он барои зарари дар натиҷаи фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ расонидашуда онҳо ба ҷавобгарии маданӣ ё маъмурӣ кашида мешаванд ва шахсони воқеие, ки онҳоро намояндагӣ мекунанд, барои қабули қарорҳои ҷиноятӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд[220].

Дар зери мафҳуми «шахси воқеӣ» - инсони дарҳаётбуда фаҳмида мешавад[221]. Аз рӯйи қоидаи умумӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ (аломати асосии субъекти ҳуқуқ) дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ (аз он ҷумла дар ҳуқуқи ҷиноят–) аз лаҳзаи таваллуди одам пайдо шуда, бо вафот кардани ӯ қатъ мегардад. Шахси воқеӣ одамеро дар назар дорад, ки ҳолати муайяни ҳуқуқӣ дорад. Аз ин рӯ, мафҳуми шахси воқеӣ умумӣ буда, се категорияи одамонро дар назар дорад: шаҳрвандони давлат, шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрвандӣ.

Омӯзиши таҷрибаи судии татбиқи м. 253 КҶ ҶТ нишон дод, ки дар байни шахсоне, ки ҷинояти мазкурро содир мекунанд, мардон 78% -ро ва занон 22% -ро ташкил медиҳанд. Дар бештари маврид ин ҳолат маънои онро дорад, ки тарзи содиркунии ҷинояти мазкур, ки истифодаи кӯшишҳои ҷисмониро талаб намекунад, мардон ва занонро дар муносибатҳои вайроншуда ҳангоми содир шудани ҷинояти таҳлилшаванда ҷалб менамояд. *Масалан, Ҷ.Б.Т. рӯзи 03 сенятбри соли 2008 дар қатораи мусофиркашонии №319-320 Москва - Душанбе ҳангоми дар кор буданаш, баъди ҳаракати қатораи мазкур аз истгоҳи Қазони ш. Москваи Федератсияи Руссия аз мусофири чиптадор Қ.Б.Б., ки бо худ як адад асбоби барқии мусиқии электронии тамғаи «ЛЧ», ки мувофиқи параграфи 62 дастурамали кашонидани бору бағоч кашонидани телевизор, радиоприемник дар қатораҳои дохилӣ ва ҳаракатҳояшон дур ба ғайри*

---

[219] Кузнецова Н.Ф. Кодификация норм о хозяйственных преступлениях / Н.Ф. Кузнецова // Вестник Московского университета. Сер. 11: «Право». – 1993. – №4. – С. 18.

[220] Ниг.: Шеслер А.В., Шеслер С.С. Уголовная ответственность юридических лиц: аргументы за и против / А.В. Шеслер, С.С. Шеслер // Правовые проблемы укрепления российской государственности: сб. статей / Ред. О.И. Андреева, С.А. Елисеев, Л.М. Прозументов, М.К. Свиридов, В.А. Уткин, А.С. Князьков. – Томск: Изд-во Том. ун-та, 2018. – С. 7.

[221] Ниг: Уголовное право РТ. Альбом-схема / Под ред. Салимов Х.С. – Душанбе, 2006. – С. 25.

*телевизорҳо ва радиоприемникҳои хурд ва протативи новобаста ба вазнаш 30 кг. ҳисоб карда мешавад ба маблаги 800 рубли русӣ гирифта, ба Қ.Б. ягон ҳуҷҷати роҳкиро нанавиштааст. Мувофики маълумотномаи КВМ КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» таҳти №1065 аз 29 сентябри соли 2008 арзиши кашонидани 30 кг. бор аз истгоҳи Роҳи оҳани Қазони ш. Москва то истгохи Роҳи оҳани ш. Душанбе 103 сомониро ташкил додааст. Инчунин ӯ ба мусофири дар вагони ӯ буда Қ.Б. 1 ҷуфт рӯйпуши ҷойи хоб ва чойю қаннодӣ, ки арзиши аслии истифодабариашон хамаги 5 сомонию 34 дирамро ташкил медодааст, аз Қ.Б. 200 рубли русӣ, бо муқоиса бо асъори миллии тоҷикӣ 27 сомонию 31 дирам, маблағи зиёд гирифтааст. Суд Ҷ.Б.Т.-ро дар содир намудани ҷиноят бо моддаҳои 253 қисми 2, банди «б» ва 294 қисми 1-и КҶ ҶТ гунаҳкор донист*[222].

Вақте зарари молу мулк тавассути истифодаи воситаҳои техникӣ, масалан, ҳангоми истифодаи логин ва пароли каси дигар барои дастрасӣ ба Интернет расонида мешавад, вайронкунандагон танҳо мардон мебошанд. Ҳам мардон ва ҳам занон барои расонидани зарари молу мулкӣ тавассути истифодаи ғайриқонунии барқ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии шахс мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ синну сол мебошад, ки бе он шахс субъекти ҷиноят эътироф карда намешавад. Ба синну соли муайян расидан шарти асосии ба ҷавобгарӣ кашидан аст. Синну сол ин давраи инкишофи инсон мебошад. Дар ин давра дар ҷараёнҳои руҳӣ ва ҷисмонии шахс дигаргуниҳо ба амал меоянд.

Ҳар як шахс аз лаҳзаи таваллуд то ба пиронсолӣ расидан нисбати муҳити атроф якхела муносибат намекунад. Ба синну соли муайян расидан таҷрибаи ҳаётии шахс бой мешавад, ҷаҳонбинии муайян ба даст меояд. Ба синну соли муайяншуда расидан, чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, яке аз шартҳои зарурии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аст. Барои ҳамин дар моддаи 23 КҶ ҶТ ин масъала равшан нишон дода шудааст[223].

---

[222] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №35/12-2009 // Бойгонии Суди н. Шоҳмансур.

[223] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 112.

Мувофиқи м. 23 КҶ ҶТ синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, қайд шудааст, ки «Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст».

Аз тарафи қонунгузор нишон додани зарурияти расидан ба синни муайян, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, ифодагари он аст, ки субъекти ҷиноят мумкин аст танҳо шахсе эътироф шавад, ки дар чунин дараҷаи инкишофи зеҳнии синнусолӣ қарор дорад, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, хусусият ва хавфнокии ҷамъиятии кирдори худ ва имконияти фаро расидани оқибатҳои хавфноки онро дарк намояд ва ба кирдори худ роҳбарӣ карда тавонад.

Ягона меъёри муайян кардани синну соле, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, имкони дарки шахс дар бораи хатари ҷамъиятии содир шудани кирдор мебошад. Дар асоси ин, қонунгузор муайян кард, ки субъекти ҷиноят мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ, шахсест, ки ба синни 16 расидааст. Ин бо он вобаста аст, ки дар муқоиса бо дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият ба монанди дуздӣ, ба фикри мо, шахси то синни 16-сола ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро вобаста ба расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистиофдаи боварӣ дарк карда наметавонад.

Мақоми судӣ ва тафтишӣ барои дуруст муқаррар кардани синну соли (рӯз, моҳ ва соли таваллуд) ноболиғон чораи қатъӣ мебинанд. Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 12 декабри соли 2003 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» гуфта шудааст, ки «Шахс ба синну соле, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки аз соати сифри шабонарӯзи дигар мерасад»[224]. Аз ин маълум мешавад, ки агар ноболиғ дар рӯзи таваллудаш (чордаҳ ё шонздаҳсолагиаш) кирдори ба ҷамъият хавфноки аз рӯйи қонун пешбинишуда содир кунад ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, чунки ӯ субъекти ҷиноят ҳисоб намеёбад.

[224] Ниг.: Маҷмуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2001-2003). – Душанбе, 2003. – С. 25.

Муайян кардани синни ҳадди аққали ҷавобгарии ҷиноятӣ ба хусусиятҳои иҷтимоӣ, физиологӣ, психологӣ ва педагогии ноболиғон асос ёфтааст ва меъёри асосӣ ин сатҳи рушди шахсияти ноболиғ, ташаккули шуури шахсияти ноболиғ ба зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ ва қобилияти ба ҳисоб гирифтани аҳаммияти иҷтимоии амалҳои иҷрошуда ва идора кардани онҳо вобаста мебошад[225].

Дар қонунгузории ҷиноятии Шӯравӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди он синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ якчанд маротиба иваз карда шуд. Ҳамин тавр, 14 январи соли 1918 Декрети Шурои Комиссарҳои Халқии РСФСР «Дар бораи комиссияҳои ноболиғон» қабул карда шуд, ки он судҳо ва маҳрумият аз озодиро барои ноболиғоне, ки кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро содир мекарданд, бекор кард. Парвандаҳои ноболиғони то 17-сола, ки ҷиноят содир кардаанд, аз ҷониби комиссия барои ноболиғон, ки ҳадди ақалл аз се нафар иборат буданд, баррасӣ карда мешуд.

Соли 1919 дар м. 13 Асосҳои роҳбарикунанда оид ба ҳуқуқи ҷиноятии РСФСР дарҷ карда шуд, ки ноболиғони то 14-сола мавриди муҳокима ва ҷазо қарор намегиранд. Мувофиқи м. 18 Кодекси ҷиноятии РСФСР соли 1922, ҷазо нисбати ноболиғони то 14-сола татбиқ карда намешуд, м. 12 Кодекси ҷиноятии РСФСР 1926 – чораҳои ҳифзи иҷтимоии хусусияти судӣ ва ислоҳӣ нисбати ноболиғони то 14-сола татбиқ карда намешуданд. Бо қарори Кумитаи иҷроияи марказӣ ва Шурои Комиссарони халқии ИҶШС аз 7 апрели соли 1935, синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ барои як қатор ҷиноятҳо (дуздӣ, зӯроварӣ, ки ба зарари ҷисмонии вазнинии гуногун, куштор ва ғайраҳо оварда мерасонид) аз 12 солагӣ муқаррар карда шуд. Бо Фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 31 майи соли 1942 синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14 солагӣ муқаррар гардид. Дар м. 10 КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 муайян кард, ки шахсоне, ки то содир кардани ҷиноят ба синни 16 расидаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида

---

[225] Ниг.: Прозументов Л.М. Уголовная ответственность несовершеннолетних по законодательству Российской Федерации. – Томск, 2015. – 176 с.; Филимонов В.Д. Общественная опасность личности отдельных категорий преступников и ее уголовно-правовое значение. – Томск, 1973. – 152 с.

мешаванд. Ҳамзамон, барои содир намудани як қатор ҷиноятҳо ҷавобгарии ҷиноят аз синни 14-сола муқаррар карда шуд, ки ин таҷриба то ҳол дар КҶ ҶТ истифода карда мешавад. Расонидани зарар ба молу мулк бе нишонаҳои тасарруф (моддаи 94 КҶ ҶШС Тоҷикистон) ба он дохил намешуд.

Дар Кодекси ҷиноятии муосири ҶТ барои шахсоне, ки муқаррароти м. 253 КҶ ҶТ-ро вайрон мекунанд, синну соли умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст, яъне аз 16 солагӣ.

Вобаста ба синну соли ҷинояткор қайд кардан мумкин аст, ки вижагии усули содир намудани ҷиноят – фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ, ки аз шахсияти гунаҳкор донистани донишҳои муайян, таҷрибаи ҳаётро талаб мекунад, аз шумораи ками ҳодисаҳои аз ҷониби ноболиғон содир намудани м. 253 КҶ ҶТ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, ноболиғ аз сабаби қобилияти нокифояи ҳуқуқии худ, имконияти иштироки дар баъзе муносибатҳо маҳдудро дорад, ки мундариҷаи аз уҳдадории пардохти музди хидмат бармеояд. Бо ҳамин сабабҳо, ноболиғон аз иштирок дар муносибатҳои намояндагӣ маҳдуд карда мешаванд. Синну соли ноболиғӣ инчунин иштирокро дар муносибатҳои меҳнатӣ маҳдуд мекунад. Ҳамин тариқ, дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ, дар қатори ҷиноятҳое, ки ҷавобгарии онҳо аз 14-солагӣ оғоз мешавад, бидуни нишонаҳои тасарруф хисороти назаррас надорад, асоснок м. 253 КҶ ҶТ дохил карда нашудааст.

Аломати дигари субъекти ҷиноят, ин мукаллафии шахс мебошад. Мукаллафӣ дар қатори расидан ба синну соли муайян дар қонун пешбинишуда яке аз шартҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳисоб ёфта ва яке аз аломатҳои умумии субъекти ҷиноят шуморида мешавад.

Ҳар як шахси рӯҳан солим, яъне ҳар як шахсе, ки қобилияти фикрӣ ва иродавӣ дошта бошад, бошуурона рафтор намуда, кирдори худро идора мекунад. Аз ин рӯ, вай барои ҳаракати кирдорҳои худ, аз он ҷумла барои кирдорҳои ба ҷамъият содиркардааш ҷавобгар мебошад. Акнун аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки барои шахсро субъекти ҷиноят ҳисоб кардан мукаллафӣ

роли муҳимро мебозад. Мукаллафӣ ин ҳолати ҳуқуқии субъект, хусусияти ҷудонашавандаи он мебошад[226]. Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми мукаллафӣ ба таври алоҳида шарҳ дода нашудааст, барои ҳамин аз рӯйи мафҳуми номукаллафӣ, ки дар м. 24 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, маънои онро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст.

Шахси воқеӣ он вақт ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки агар мукаллаф бошад. Шахси мукаллаф гуфта одамеро дар назар доранд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят дорои солимии руҳӣ ва ақлӣ буда, хавфнокии кирдорашро дарк намуда, онро идора карда метавонад. Солимии руҳӣ ва ақлӣ онро мефаҳмонад, ки шахси ҷиноят содиркарда дорои ягон бемории доимии руҳӣ нест, парешонии муваққатии руҳӣ низ надорад, ақли расоро соҳиб аст. Агар ин нишонаҳо набошанд, яъне агар шахс руҳан ва ақлона носолим бошад, пас ҷавобгарии ҷиноятӣ имконнопазир мегардад.

Шахсе, ки дар вақти содир кардани ҷиноят қобилияти дарк ва идора кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои онро дарк намуда, идора карда метавонад, мукаллафӣ номида мешавад. Мукаллафӣ ҳам аз принсипи адолат ва ҳам табиати биологии одам бармеояд. Аз як тараф ҷавобгар кардани шахси номукаллаф, ки моҳияти ҳаракаташро тамоман намефаҳмад, амали беадолатона аст. Аз тарафи дигар одам чун мавҷудоти биологӣ дорои нуқсонҳои руҳиву ақлӣ буда, кирдорҳояш мумкин аст новобаста аз хоҳиши ӯ пайдо шаванд (масалан чунин нуқсонҳо меросианд ё дар лаҳзаи таваллуд пайдо шудаанд ва ғ.). Мукаллафӣ танҳо дар қонуни ҷиноятӣ истифода намешавад, Масалан ашхоси дорои бемории руҳӣ субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ нестанд. Аммо истилоҳҳои «мукаллаф» ва «номукаллаф» нисбати чунин ашхос танҳо дар ҳуқуқӣ ҷиноятӣ истифода мешаванд.

Нишонаи махсуси субъекти ҷиноят дар банди «б» қ. 2 м. 253 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст. Тибқи муқаррароти ин банд содир намудани расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ бо истифодаи

[226] Ниг.: Филимонов В.Д. Общественная опасность личности отдельных категорий преступников и ее уголовно-правовое значение. – Томск, 1973.

мақоми хизматӣ мебошад, субъекти банди мазкур ин шахси мансабдор мебошад. Дар эзоҳи м. 314 КҶ ҶТ се намуди шахси мансабдор пешбинӣ шудааст: шахси мансабдор, шахсоне, ки мансаби давлатии ҶТ-ро ишғол мекунанд ва хизматчиёни давлатӣ.

Дар асоси муқаррароти эзоҳи м. 314 КҶ ҶТ таҳти мафҳуми шахси мансабдор дар моддаҳои ҳамин Кодекс шахсе дар назар дошта шудааст, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимиятро ба ҷо меоварад ё вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, инчунин дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

Таҳти мафҳуми шахсе, ки мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол мекунад, дар моддаҳои боби мазкур ва дигар моддаҳои ҳамин Кодекс шахсоне дар назар дошта шудаанд, ки мансабҳои барои иҷрои бевоситаи салоҳияти мақомоти давлатӣ муайнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол мекунанд.

Хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба шумули шахсони мансабдор дохил намешаванд, мутобиқи моддаҳои ҳамин боб дар ҳолатҳои махсус пешбининамудаи моддаҳои дахлдор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Дар содир намудани расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ шахсе, ки онро бо истифода аз мақоми хизматӣ содир кардааст ва ин шахс ба категорияҳои мазкур мутобиқат намояд, кирдор дар асоси б. «б», қ. 2 м. 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

**Тарафи субъективии м. 253 КҶ ҶТ.** Муайян кардани тарафи субъективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ барои истифодаи дурусти қонуни ҷиноятӣ, рафъи хатогиҳои ҳангоми бандубаст ва таъини ҷазо нақши муҳим мебозад. Тарафи субъективии ҷиноят чун анъана

ҳамчун фаъолияти дохилии равонии шахс, ки бевосита бо содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок алоқаманд аст, фаҳмида мешавад.

Аломатҳои тарафи субъективӣ барои фарқ кардани рафтори ҷиноятӣ ва рафтори ғайриҷиноятӣ, ки аз ҷиҳати хусусиятҳои объективӣ ба ҳам монанданд, инчунин барои муайян кардани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда баромад мекунад. Мазмуни тарафи субъективии ҷиноят бо ёрии чунин аломатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳаяҷон (эмотсия) ошкор мегардад. Аломатҳои ҳуқуқии мазкур аз ҷиҳати органикӣ байни худ дар алоқамандӣ қарор доранд. Ба эътибор нагирифтани аломатҳои тарафи субъективӣ мумкин аст ба гунаҳкоркунии объективӣ бурда расонад, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарӣ кашида намешавад.

Гуноҳ шарти ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Гуноҳ ҳамчун шакли муайяни муносибати рӯҳии шахс нисбат ба ҷинояти содиркардааш ядрои тарафи субъективии ҷиноятро ташкил медиҳад. Тавре ки С.В. Векленко дуруст қайд кардааст, дуруст муайян намудани моҳияти гуноҳ барои фаҳмидани қонуниятҳои фаъолияти ин падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳимтарини назариявӣ дорад. Бидуни моҳият, муайян кардани мундариҷа, шаклҳо ва қоидаҳои муқаррар кардани гуноҳ ғайриимкон аст. Ғайр аз он, муайян кардани моҳияти гунаҳкорӣ ба таҳкими волоияти қонун дар ҳар як давлат кӯмак мекунад[227].

Тарафи субъективии м. 253 КҶ ҶТ қасди бевоситаро дар бар мегирад, яъне гунаҳкор медонад, ки бо роҳи фиреб ва ё сӯистифодаи боварӣ ба молик ё дигар соҳиби молумулк зарари молумулкӣ мерасонад ва хоҳони фарорасии чунин оқибат мебошад[228]. Дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии ҳаракат (беҳаракатӣ) чун қоида дарк намудани зиддиҳуқуқии кирдори содир мешудагиро низ дар назар дорад. Аз рӯйи ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ

---

[227] Ниг.: Векленко С.В. Вина как общественное отношение в структуре девиантного поведения / С.В. Векленко // Вестник Воронежского юридического института МВД России. – 2009. – №2. – С. 28.

[228] Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери назари А.А. Қаҳҳоров. – Душанбе, 2010. – С. 404-405.

ақидаҳои гуногун баён шудаанд. Як қатор олимон ба мафҳуми қасд дарки зиддиҳуқуқии кирдорро[229] низ дохил кунонидаанд. Вале қисми зиёди олимон дар он ақидаанд, ки дарк намудани зиддҳуқуқии кирдор аломати ҳатмии элементи интеллектуалии қасд намебошад, зеро имконияти қасдона содир намудани ҷиноят бе донистани манъ будани чунин кирдор бо қонуни ҷиноятӣ ҷой дорад[230]. Элементи интеллектуалии гуноҳи қасдона ба сифати аломати ҳатмӣ танҳо дарки ба ҷамъият хавфнок будани кирдори содиршавандаро пешбинӣ намудааст, на зиддиҳуқуқӣ будани онро, ҳол он ки дар бисёр ҳолатҳо ҳангоми содиршавии ҷиноятҳои қасдона, зиддиҳуқуқии кирдор дарк карда мешавад, дар баъзе ҳолатҳо қонунгузор онро ба мазмуни қасд дохил кардааст.

Дар қонунгузории ҷиноятии дохилӣ, ба таври умум қабул карда шудааст, ки мавқеи марказӣ дар мафҳуми гунаҳкорӣ муносибати равонии шахс ба ҷинояти содиркардаи ӯ мебошад, ки дар шакли қасдан ва беэҳтиётӣ ифода ёфтааст. Дар назарияи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуме бартарӣ дорад, ки мувофиқи он гуноҳ ҳамчун муносибати руҳии шахс ба кирдори аз ҷиҳати иҷтимоӣ содирнамудаи ӯ, ки қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст ва ба оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки он фаҳмида мешавад. Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз он бармеояд, ки шахси дорои иродаи озод кирдорҳои мазкурро ҳамчун қобилият қабул кардани кирдор бо дониши амал ва қобилияти интихоби озодонаи равиши аҳаммияти иҷтимодошта содир менамояд. Гунаҳкор мумкин аст танҳо шахси мукаллаф эътироф гардад, яъне шахсе, ки қобилияти хусусияти ҳаракатҳои худро дарк намуда ва онро идора карда тавонад. Унсурҳои гуноҳ ҳамчун муносибати рӯҳии шуур ва ирода ба ҳисоб рафта ва дар маҷмуъ онҳо мазмуни гуноҳро ташкил медиҳанд.

Зери муносибати равонӣ С.В. Векленко инъикоси субъективӣ, дохилӣ, инъикоси алоқамандии индивидуалӣ-интихобӣ, алоқамандӣ ва вобастагии ҷанбаҳои гуногуни мавҷудияти воқеияти субъективиро мефаҳмад.

[229] Ниг.: Пиантковский А.А. Учение преступлении по советсвкому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1961. – С. 350.
[230] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу РФ. – М.: Вердикт, 1996. – С. 36.

Мавҷудияти чунин усули (тарзи) амал, ба монанди фиреб, бешубҳа ба шакли гуноҳи қасдона ишора мекунад, бинобар ин расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дидаву дониста содир карда мешавад. Барои муқаррар кардани намуди ният, бояд мундариҷаи унсури зеҳнӣ ва иродавии он муайян карда шавад[231].

Муносибати интеллектуалии субъект метавонад нисбат ба ҳолатҳои мухталиф якхела набошад. Ин чунин маъно дорад, ки баъзе ҳолатҳои воқеии ҷинояти содиршудаистода метавонанд аз тарафи шахс ба таври дахлдор вале дигар ҳолатҳо бошанд тахминӣ дарк гарданд; баъзе ҳолатҳо дар тафаккур дуруст ва мутаносиб, дигар ҳолатҳо бошанд ба таври иштибоҳ (нодуруст) инъикос ёбанд.

Шахс дар аксар мавридҳо имконият дорад ҳолатҳои алоҳидаро дарк ва пешбинӣ намояд, вале онро қабул накунад, ин ҳолати муайяни руҳиро нишон медиҳад. Имконияти истифоданашуда дар ҳолати мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки субъект доир ба ин ё он ҳолат дорои тасаввуроти объективӣ буд ва ҳамчунин барои дарки он ягон монеае вуҷуд надошт. Дарк накардани ин ё он ҳолат дар чунин вазъ -ин низ ҳолати муайяни руҳиест, ки аз хусусиятҳои шахсият вобастагӣ дорад.

Унсури зеҳнӣ аз он иборат аст, ки шахс кирдори ба ҷамъият хавфнокии худро дарк мекунад ва имкон ё ногузирии сар задани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ мекунад. Унсури мазкур фаҳмидан ё имконияти фаҳмидани тамоми хосияти объективии ҳуқуқан муҳими кирдори содиршавандаро (махсусияти объект, предмети таҷовуз, характери ҳаракат ё беҳаракатӣ, хусусият ва дараҷаи оқибати зарар ва ғайра)-ро бо худ мегирад. Ҳангоми содир кардани ҷиноят пешбининамудаи м. 253 КҶ ҶТ, шахси гунаҳкор дарк мекунад, ки бо роҳи гузориш додани маълумоти бардурӯғ ё хомӯшӣ дар бораи ҳолатҳои муайян, инчунин сӯиистифода аз боварии эътимоднок аз ҷониби соҳибмулк ё дигар молике, ки ба ӯ молумулки худро

---

[231] Ниг.: Векленко С.В. Вина как общественное отношение в структуре девиантного поведения / С.В. Векленко // Вестник Воронежского юридического института МВД России. – 2009. – №2. – С. 28.

додаанд ё хидмати хусусияти молумулкӣ кардаанд, ғайриқонунӣ ин молумулкро истифода мебарад ё аз пардохт саркашӣ мекунад. Ғайр аз он, ҷинояткор мефаҳмад, ки бо амал ё беамалии худ уҳдадориҳои муайянро вайрон мекунад: молумулки соҳибмулк ё дигар моликро мувофиқи таъиноти худ истифода барад, пардохтҳои ҳатмӣ ё андозҳоро барои хизматрасониҳо супорад. Усулҳои содир намудани ҷинояти баррасишаванда – фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ низ бо шуури ҷинояткор фаро гирифта шудаанд, зеро субъект дарк мекунад, ки бо амали худ ӯ ҳақиқатро таҳриф мекунад ё аз боварӣ сӯиистифода истифода мекунад. *Масалан, Х.Ф. рӯзи 27 майи соли 2019 тахминан соати 9-50 дақиқа, ҳангоми дар ҷойи кораш дар толори бақайдгирии чиптаҳои ҳавопаймоии хатсайри № 4801 самти Душанбе –Екатеринбург дар фурудгоҳи ш.Душанбе буданаш, бағоҷҳои мусофир Т.С.-ро, ки 35 кг. будааст, аз меъёри муқарраррӣ 15 кг. бори зиёдатӣ доштааст, бе пардохт намудани маблағи пули бағоҷи иловагӣ ба қайд гирифта, бағоҷҳояшро гузаронидааст. Дар натиҷа аз ҷониби кормандони ШКД фурудгоҳи ш. Душанбе бағоҷҳои мусофир Т.С. гирифта шудаанд. Х.Ф. дар мачлиси судӣ худашро дар содир намудани ҷиноят бо м. 253 қ. 2, б. «б»-и КҶ ҶТ гунаҳкор ҳисобида, нишондод дод, ки рӯзи 27 майи соли 2019 тахминан соати 8-35 дақиқа дар фурудгоҳи ш.Душанбе дар нуқтаи бақайдгирии чиптаҳои №3 ҳангоми бақайдгирии хатсайри Душанбе – Екатеринбург вобаста карда шуда будааст. Дар охири бақайдгирии чиптаҳо тахминан соати 9-50 дақиқа мусофир Т.С. барои бақайдгирии чипта ба ӯ мурочиат кардааст. Ӯ дидааст, ки чиптаи Т.С. барои хатсайри зикршуда ба рузи 03 июни соли 2019 будааст. Мувофиқи қоидаи бақайдгирии чиптаҳо намояндаи хатсайри мазкур дар анҷомёбии бақайдгирии мусофирон агар ягон мусофир бо сабабҳои гуногун аз парвоз даст кашид, ба ҷойи ӯ мусофири ҳамин хатсайрро, ки ба дигар рӯз чипта дорад, ба тайёра шинонад. Ӯ ба намояндаи хатсайри мазкур Ж.Т. оид ба ин мусофир мурочиат намудааст, Ж. Т. ба ӯ иҷозат додааст, ки дар охири бақайдгирии чиптаҳо агар ягон мусофир ҳозир нашавад, ба ҷойи ӯ чиптаи мусофир Т.С.-ро бақайд гирад.*

*Дар охири бақайдгирии чиптаҳо Т.С. бағоҷҳояшро ба тарозу мондааст, ки вазни умумиашон 35 кг.-ро ташкил додааст, яъне 15 кг. бори зиёдатӣ доштааст. Т.С. бояд ба хазинаи ширкати «Сомонэйр» рафта маблағи 300 сомонӣ бори зиёдатиаш месупорид, вале аз сабабе, ки хазина аллакай махкам буд, у борҳои ӯро бе супоридани маблағи зикршуда гузаронидааст. Баъд кормандони ШКД-и фурудгоҳ ин ҳолатро ошкор карда, Т.С-ро аз тайёра фароварда, боркашкунии санҷиши гузаронида, маъулм намудаанд, ки аз ҷониби ӯ бе пардохти маблағи бори иловагӣ чипта бо бағоҷҳо ба қайд гирифта шудааст.*

Муҳтавои иродавии гуноҳро қонунгузор дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муайян менамояд. Мавзуи муносибати иродавии субъект ҳамон ҳолатҳои воқеие мебошанд, ки мавзуи муносибати интеллектуалиро ташкил медиҳанд. Ирода - ин тарафи амалии шуур (идрок) аст, ки фаъолияти амалии инсонро ба танзим медарорад. Яъне содир кардан ва ё накардани ин ё он кирдор аз иродаи шахс вобаста аст. Танзими иродавии рафтор - ин самтбахшии бошууронаи неруи ақлӣ ва ҷисмонӣ барои ноил шудан ба мақсад ё боздоштани фаъолнокии он мебошад. Ҳаракат ё беҳаракатии шахс бояд иродавӣ бошад ва он воситаи ноил шудан ба мақсад ба ҳисоб меравад Дар баъзе ҳолатҳо сабаби содир намудани ҷиноят – кӯшиши сусти иродавӣ мебошад, ки субъект зоҳир намудааст. Ҳангоме, ки дар кирдори содиршуда ирода нақши фаъолро иҷро намекунад (фаромӯш кардааст, гум намудааст) инсон барои он ҷавобгар аст, ки имкониятҳои худро барои пешгирии оқибатҳои зарарнок истифода набурд. Ин низ муносибати шахсро нисбат ба манфиатҳои шахсият, ҷомеа тавсиф менамояд ва аз ин рӯ муқаррар кардани имкониятҳои воқеӣ барои муайян намудани мавҷудияти ирода аҳаммияти муҳим дорад.

Унсури иродавии гуноҳ хусусияти тағйирёбандагӣ дорад, яъне муносибати иродавии субъектро ба зарари ҳақиқие, ки дар натиҷаи содиршавии ҷиноят сар мезанад, мефаҳмонад. Агар моҳияти ҷараёни иродавиро ҳангоми содиршавии ҷиноят ҳам қасдона дарки дуруст равон намудани ҳаракати барои ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ ташкил диҳад, пас ҳангоми ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда дар зоҳиршавии рафтори

бедиққатона, бепарвоёнаи шахс, ки боиси рух додани оқибатҳои зарарноки иҷтимоӣ гардидаанд, ташкил медиҳад. Унсури иродавии қасдан расонидани зарари молу мулкӣ дар он ифода меёбад, ки субъект мехоҳад, ки оқибатҳои пешбининамудаи ба ҷамъият хавфнок фаро расанд. Субъекти ҷиноят бо кирдорҳои худ мехоҳад зарари молу мулкӣ расонад, бинобар ин, агар шахс асос дошта бошад, ки ӯ ба молик ё дигар соҳибмулк зарар намерасонад, чунин амалҳо мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда нашавад, зеро ки имконияти содир намудани кирдори бо м. 253 КҶ ҶТ танҳо бо қасди бевосита имкон дорад.

Пешбинӣ намудани оқибати барои ҷамъият хавфнок – ин тасаввуроти зеҳнии гунаҳкор оид ба он зарарест, ки кирдори ӯ ба муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳифозоти қонуни ҷиноятӣ қарор гирифта, мерасонанд. Ҳангоми қасди бевосита ибораи «пешбинӣ намудан» ҳолатҳои зеринро дар назар дорад, ки моҳиятан мазмуни онро ташкил медиҳанд: якум, тасаввурот оид ба мазмуни воқеии тағйиротҳои дар объекти таҷовуз бавуҷудоянда; дуюм, фаҳмидани аҳаммияти иҷтимоии онҳо, яъне зарараш барои ҷамъият; сеюм, дарки вобастагии сабабу натиҷаи миёни кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ва оқибати барои ҷамъият хавфнок ҷойдошта.

Аммо, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, масъалаи намуди қасд ҳангоми расонидани зарари молу мулкӣ баҳснок аст. Тибқи амалияи Суди Олии ҶТ, амалҳое, ки бо қасди бавосита содир шудаанд, наметавонанд азхудкунӣ ҳисобида шаванд[232], аз ин рӯ, расонидани зарари молу мулкӣ бе мақсади азхудкунӣ бо қасдан бавосита содир карда мешавад. Аммо, С.М. Кочои даъво дорад, ки ҷинояткор ҳангоми расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, ҳадафи ғаразноки худро пеш гирифта, бой шудан мехоҳад, бинобар ин вай бо қасди бевосита ҷиноят содир мекунад[233]. Н.А.

[232] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2009, таҳти №22 «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sud.tj/upload/iblock/ca1/ca1065a3f5381d79624c9395f00b3203.pdf (санаи муроҷиат: 10.10.2019).
[233] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности: учебно-практическое пособие. – М.: Антея 2000. – С. 165.

Лопашенко ақидаи баръаксро ҷонибдорӣ намуда, изҳор медорад, ки ҷинояти баррасишаванда ҳам бо қасди бевосита ва ҳам бавосита содир шуда метавонад[234].

Дар ин ҳолат, ҳангоми расонидани зарари молу мулкӣ, қасди бавосита бояд дар вазъияте ифода карда шавад, ки ҷинояткор намехоҳад ба шахсе, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят аз маҳалли ҷойгиршавӣ истифода мебарад, хисороти молӣ расонад, вале сар задани онро пурра иқрор кунад. Он гоҳ мундариҷаи унсури иродавӣ ба соҳиб ё зарари дигаре зарар намерасонад, балки, пеш аз ҳама, вазъи молиявии худро беҳтар мекунад ё молумулкро бо мақсадҳои худ истифода мебарад.

Бояд қайд кард, ки дараҷаи гуноҳ на танҳо аз рӯйи шакли он, балки аз ҷониби дигар хусусиятҳои фаъолияти равонии субъект дар вақти содир намудани кирдори ҷиноятӣ – аз рӯйи муносибат, мақсад, ангезаҳои гунаҳкор, инчунин аз ҷониби аломатҳои тарафи объективии дар ҷиноят инъикосшуда ва сазовори диққати корманди ҳифзи ҳуқуқ муайян карда мешавад. Дар ҷиноятҳои қасдона, ки таркиби баррасишаванда (м. 253 КҶ ҶТ) низ ба он тааллуқ дорад, шахс бояд аз хатари ҷамъиятии кирдор огоҳ бошад, мувофиқан, амалҳои (беамалии) иҷрошуда, инчунин дигар ҳолатҳои содиршавии он, яъне аломатҳои тарафи объективии пешбининамудаи қонун бояд дар зеҳни ӯ инъикос ёбанд. Агар ягон ҳолати объективии ҷинояти қасдона аз ҷониби субъект эътироф карда нашавад, он ҳангоми баҳо додан ба амал ба инобат гирифта намешавад.

Пас, вақте ҷинояткоре, ки ба тариқи пинҳонӣ дуздии моликиятро содир мекунад, дарк намекунад, ки бегонагон ӯро тамошо мекунанд, ин амал бояд ҳамчун дуздӣ дониста шавад. Қабули қарори дигар аз ҷониби корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун вайрон кардани принсипи гунаҳкорӣ тавсиф карда мешавад. Аз ин рӯ, вақте ки зарари молу мулкӣ дар натиҷаи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ расонида мешавад, шахс бояд донад, ки ӯ ба моликият

[234] Ниг.: Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономики: авторский комментарий к уголовному закону (раздел VIII УК РФ). – М.: Волтерс Клувер, 2006. – С. 85.

ба миқдори калон таҷовуз мекунад. Дар акси ҳол, амалҳои шахсро танҳо бояд ҳамчун сӯйиқасд ба содир кардани м. 253 КҶ ҶТ бандубаст намуд.

Айбдоркунии субъективӣ ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои содир намудани ҷиноят таҳти назорати шуур ва ирода дар назар дорад. Набудани қобилияти дарк аз рафтори шахсии шахс ба мо имкон намедиҳад, ки дар бораи муносибати бошууронаи иродавӣ нисбат ба амали комил ва оқибатҳои дар натиҷаи содир шудани он ба амаломада сухан ронем. Ҳамзамон, дар асоси мавқеи қонунгузор, ҷавобгарӣ барои ҷиноят сарфи назар аз ҳолати шахс дар вақти содир шуданаш ба амал меояд[235]. Дар амал ин зиддият дар пайдоиши ҳолатҳо ифода меёбад, ки яке аз онҳоро мо дар боло баррасӣ кардем. Ҳамин тариқ, нисбати шаҳрванд Н., чораҳои таъсиррасонии ҷиноятӣ дар асоси принсипи гунаҳкоркунии субъективӣ амалӣ карда намешаванд. Бешубҳа, чунин шахсон бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, аммо набояд инкор карда шавад, ки дар таҷрибаи воқеии тафтишотӣ ва судии татбиқи м. 253 КҶ ҶТ унсурҳои айбгузории объективӣ мавҷуданд.

Ба андешаи мо, нақши асосиро дар ҳалли ин масъала дарки шахсе, ки ба молик ё дигар соҳиби молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ зарар мерасонад, мебозад, ки шахс маҳз ҷиноят содир кардааст, на он ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё деликти маданӣ. Худи диспозитсияи м. 253 КҶ ҶТ, тавре ки мо аллакай дар ин таҳқиқот муқаррар карда будем, камбудиҳо ва ихтилофи зиёдеро дар бар мегирад.

Таваҷҷуҳи хоса, ба андешаи мо, нуқтаи назари А.И. Мартсев мебошад, ки гунаҳкоркунии объективӣ барои қонуни ҷории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ бегона аст, аммо мавҷудияти воқеии онро инкор кардан душвор аст. Дар сатҳи қонунгузорӣ имкон дорад, ки нуқсонҳои мавҷударо барои гунаҳкоркунии объективӣ «решакан» кард. Аммо дар чунин маврид аз ҷавобгарӣ теъдоди зиёди шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, саркашӣ

---

[235] Ниг.: Бавсун М.В., Николаев К.Д., Рагозина И.Г. Проблемы субъективного вменения в ходе реализации уголовной ответственности за нарушения правил ведения горных, строительных или иных видов работ / М.В. Бавсун, К.Д. Николаев, И.Г. Рагозина // Вестник Омской юридической академии. – 2015. – №1. – С. 39-44.

карданашон мумкин аст. Ба ақидаи олим, гунаҳкоркунӣ, чун қоида, бояд субъективӣ бошад. Аммо, гунаҳкоркунии объективӣ ба истиснои ин қоида ҳақ дорад вуҷуд дошта бошад. Вазифаи қонунгузор аз он иборат аст, ки чаҳорчӯбаи қатъӣ, ки имконияти татбиқи онро маҳдуд мекунад, эҷод кунанд.

Татбиқи м. 253 КҶ ҶТ дар амал боиси вайрон кардани принсипи гунаҳкоркунии субъективӣ ва аз ин рӯ, принсипи қонуният мегардад. Моддаи 7 КҶ ҶТ зарурати ба назар гирифтани хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории муносибати шахсро, ки дар содир намудани ҷинояти мушаххас ифода ёфтааст, инъикос намекунад, ки ин аз ҷониби корманди ҳифзи ҳуқуқ тафсири номуайяни принсипи гунаҳкорӣ ва дар натиҷа мавҷудияти эътибори объективӣ, аз ҷумла дар амалияи татбиқи м. 253 КҶ ҶТ дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, бандубасти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ асоси объективӣ ва субъективӣ дорад, ки аксар вақт ба гунаҳкоркунии объективӣ роҳ медиҳад, ки тибқи қонунгузории амалкунанда, дар қонунгузории ҷиноятии дохилӣ ғайри қобили қабул аст. Огоҳии шахс дар бораи эҳтимолияти расонидани зарар аз ҷониби судҳо пеш қатъи назар карда мешавад. Чунин ҳолат дар амалия боиси вайрон кардани принсипи қонуният мегардад ва аз ин рӯ, ба масъалаи дуруст будани ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро дар м. 253 КҶ ҶТ диққат дод.

То имрӯз даст кашидан аз татбиқи ҷазо ба ашхосе, ки бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ зарари молиявӣ расонидаанд, бинобар надонистани амалҳои онҳо ва надонистани муқаррароти КҶ ҶТ ғайриимкон ва номуносиб аст. Ҳалли ин масъала, ба андешаи мо, ба ду ҷанба рост меояд: аввалан, азбаски мавҷудияти гунаҳкоркунии объективиро инкор кардан хеле мушкил аст, он бояд бо ҳадди аксарияти қонун маҳдуд карда шавад ва сониян, масъалаи такмил додани меъёрҳои дар м. 253 КҶ ҶТ мавҷудбударо баррасӣ кардан лозим аст.

Аломати ҳатмии тарафи субъективии расонидани зарар ба молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ *нияти (ангезаи) ғаразнок* мебошад, ки

мазмуни он аз кӯшиши гунаҳкор оид ба ба даст овардани манфиатҳои ғайриқонунии хусусияти молумулкидошта аз ҳисоби молумулки гирифташуда иборат аст.

*Мақсад* – расонидани зарар ба молумулк мебошад.

На мақсад ва на ангезаи ҷиноят барои бандубасти кирдор бо м. 253 КҶ ҶТ аҳаммият надорад.

Таҳлили аломатҳои субъективии м. 253 КҶ ҶТ баррасӣ намуда, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

а) дар сурати саркашӣ кардан аз пардохти хидмат, шахси гунаҳкор шахси воқеии мукаллаф буда метавонад, ки бо ҷабрдида дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ қарор дорад ва қасдан бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ уҳдадориҳои худро тибқи шартнома, ки предметаш хидмат мебошад, иҷро намекунад ё зарарро ба ҷабрдида бинобар истеъмоли хидмат бидуни шартнома ва бидуни пардохти зарурӣ мерасонад;

б) дар сурати иҷро накардани уҳдадориҳо ё иҷрои номатлуби онҳо, ки боиси афзун нашудани миқдори молу мулки ҷабрдида мегарданд, бар хилофи шароити муқаррарии гардиши маданӣ, ҷониби гунаҳкор бо ҷабрдида дар муносибатҳои маданӣ ё меҳнатӣ буда, уҳдадории иҷрои амалҳои муайянеро тибқи шартнома ҷиҳати ба даст овардани даромад барои ҷониби ҷабрдида – контрагент дорад, аммо онҳоро иҷро намекунад ё вазифаҳои худро ба таври номатлуб иҷро мекунад ва дар натиҷа ба шахс зарари молу мулкӣ мерасад. Ҳамин тариқ, субъекти ин ҷиноят ба ғайр аз аломатҳои умумӣ аломатҳои махсусро (бо назардошти объекти таҷовуз, шаклҳои асосии расонидани зарар) дорад. Вай бояд бо ҷабрдида дар муносибатҳои муайяни уҳдадорӣ бошад, яъне вазифадор бошад, ки баъзе амалҳоро ба манфиати ӯ иҷро кунад (дар ҳоле ки амали гунаҳкорон бо тасарруф алоқаманд набошад).

в) Вобаста ба синну соли ҷинояткор қайд кардан мумкин аст, ки вижагии усули содир намудани ҷиноят – фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ, ки аз шахсияти гунаҳкор донистани донишҳои муайян, таҷрибаи ҳаётиро талаб

мекунад, аз шумораи ками ҳодисаҳои аз ҷониби ноболиғон содир намудани м. 253 КҶ ҶТ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, ноболиғ аз сабаби қобилияти нокифояи ҳуқуқии худ, имконияти иштироки дар баъзе муносибатҳо маҳдудиятро дорад, ки мундариҷаи аз уҳдадории пардохти музди хизмат бармеояд. Бо ҳамин сабабҳо, ноболиғон аз иштирок дар муносибатҳои намояндагӣ маҳдуд карда мешаванд. Синну соли ноболиғӣ, инчунин иштирокро дар муносибатҳои меҳнатӣ маҳдуд мекунад. Ҳамин тариқ, дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ, дар қатори ҷиноятҳое, ки ҷавобгарии онҳо аз 14-солагӣ оғоз мешавад, бидуни нишонаҳои тасарруф хисороти назаррас надорад, асоснок моддаи 253 КҶ ҶТ дохил карда нашудааст.

г) қонунгузор дар матни қонун хусусиятҳои хоси субъекти ҷинояти таҳлилшударо оқилона қайд намекунад. Умуман, субъекти ҷиноят мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ умумӣ мебошад, яъне шахси мукаллафест, ки ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Ҳамчун як хусусияти субъект, метавон қайд кард, ки ба ӯ дар доираи муносибатҳои маданӣ ё меҳнатӣ уҳдадорӣ гузошта шудааст, ки барои ба даст овардани даромад барои ҷабрдида амали муайянеро ба манфиати ҷабрдида анҷом диҳад. Зарурати қонунгузор барои нишон додани аломатҳои махсуси субъекти ҷиноят ба назар намерасад.

д) Тарафи субъективии расонидани зарар ба молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар шакли қасди бевосита тавсиф меёбад, яъне, шахс дарк менамояд, ки ба молумулки ғайр ғайриқонунӣ зарар расонида истодааст, ки ба он ӯ ягон ҳуқуқ надорад, пешбинӣ мекунад, ки бо ин амалҳояш ба молик ҳатман зиёни моддӣ мерасонад ва хоҳони он аст, ки чунин амалҳоро ҳам содир намояд ва ҳам оқибатҳои зиёноварро ба вуҷуд орад.

е) Ҳангоми содир кардани ҷинояти пешбининамудаи м. 253 КҶ ҶТ, шахси гунаҳкор дарк мекунад, ки бо роҳи гузориш додани маълумоти бардурӯғ ё хомӯшӣ дар бораи ҳолатҳои муайян, инчунин сӯиистифода аз боварии эътимоднок аз ҷониби соҳибмулк ё дигар молике, ки ба ӯ молумулки худро додаанд ё хидмати хусусияти молумулкӣ кардаанд, ғайриқонунӣ ин

молумулкро истифода мебарад ё аз пардохт саркашӣ мекунад. Ғайр аз он, ҷинояткор мефаҳмад, ки бо амал ё беамалии худ уҳдадориҳои муайянро вайрон мекунад: молумулки соҳибмулк ё дигар моликро мувофиқи таъиноти худ истифода барад, пардохтҳои ҳатмӣ ё андозҳоро барои хизматрасониҳо супорад;

ж) Унсури иродавии қасдан расонидани зарари молу мулкӣ дар он ифода меёбад, ки субъект мехоҳад, ки оқибатҳои пешбининамудаи ба ҷамъият хавфнок фаро расанд. Субъекти ҷиноят бо кирдорҳои худ мехоҳад зарари молу мулкӣ расонад, бинобар ин, агар шахс асос дошта бошад, ки ӯ ба молик ё дигар соҳибмулк зарар намерасонад, чунин амалҳо мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда нашавад, зеро ки имконияти содир намудани кирдори бо м. 253 КҶ ҶТ танҳо бо қасди бевосита имкон дорад.

з) Дар ҷиноятҳои қасдона, ки таркиби баррасишаванда (м. 253 КҶ ҶТ) низ ба он тааллуқ дорад, шахс бояд аз хатари ҷамъиятии кирдор огоҳ бошад, мувофиқан, амалҳои (беамалии) иҷрошуда, инчунин дигар ҳолатҳои содиршавии он, яъне аломатҳои тарафи объективии пешбининамудаи қонун бояд дар зеҳни ӯ инъикос ёбанд. Агар ягон ҳолати объективии ҷинояти қасдона аз ҷониби субъект эътироф карда нашавад, он ҳангоми баҳо додан ба амал ба инобат гирифта намешавад.

## 2.4. Аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ

Принсипи муҳими сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ тафриқакунии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ, фарқияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун фаъолияти қонунгузор оид ба пешбининамоии оқибатҳои гуногуни ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба дараҷаи шаклии хатари ҷамъиятии ҷиноят, аз тарафи қонунгузор тафриқа намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ[236], тағйир додани ҳудуди он дар асоси ҳолатҳои дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда тавассути

[236] Ниг.: Лесниевски-Костарева Т.А. Дифференциация уголовной ответственности. Теория и законодательная практика. – М., 1998. – С. 48.

нишон додани шаклҳо, намудҳо ва андозаи гуногуни он, муайян карда шудааст[237].

Тавре ки дар адабиёт қайд шудааст, яке аз воситаҳои фарққунии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷудо кардани таркибҳои бандубасшаванда ва махсусан бандубасшаванда дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мебошад, ки дараҷаи бештари хавфи ҷамъиятии онҳоро дар муқоиса бо таркибҳои асосии худи ҳамон амалҳо нишон медиҳад. Дар ташаккули хавфи ҷамъиятии ҳар як ҷиноят ҳам унсурҳои объективӣ ва ҳам субъективӣ, сарфи назар аз он, ки ҳамаи онҳо дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ нишон дода шудаанд ё не, иштирок мекунанд[238].

Дар м. 94 КҶ ҶШС Тоҷикистон (расонидани зарари молу мулкӣ ба давлат ё ташкилоти ҷамъиятӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳангоми набудани аломатҳои дуздӣ) нишонаҳои бандубасшавандаро пешбинӣ накарда буд. Дар м. 253 КҶ ҶТ соли 1998 то 18 июни соли 2008 се аломати бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, яъне а) бо истифодаи мақоми хизматӣ; б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; в) бо расонидани зарар ба миқдори калон пешбинӣ шуда буд. 18 июни соли 2008 бо Қонуни ҶТ № 386 ба КҶ ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шуд ва содир намудани м. 253 аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ҳамчун аломати бандубастшаванда ба м. 253 ворид карда шуд. Ҳамин тавр, ҳар як аломати бандубастшавандаи м. 253 КҶ ҶТ дар алоҳидагӣ таҳлил намудан ба мақсади кор аст.

***1) Содир намудани м. 253 КҶ ҶТ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ.*** Мувофиқи қ. 2 м. 39 КҶ ҶТ азҷониби гурӯҳи ашхос содир намудани ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ яке аз шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят мебошад. Дар маслиҳат нақши иҷрокунандагон, вақти содиршавиии ҷиноят, тарзи иҷрокунии он, дастрас намудани воситаи ҷиноят ва ғ. мавриди баррасӣ карор

---

[237] Ниг.: Пухтий Е.Е. Преступления против семьи и несовершеннолетних (Вопросы техники конструирования составов и дифференциации ответственности): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ярославль, 2004. – С. 8.
[238] Ниг.: Ляпунов Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория уголовного права. – М., 1989. – С. 55.

мегирад. Аломатҳои он чунинанд: а) ҷиноятро ду ва ё зиёда шахсон содир мекунанд; б) ҳамаи онҳо иҷрочиёни ҷиноят буда, пурра ё қисман тарафи объективии ҷинояти мушаххасро иҷро мекунанд. Дар сурати ҳамаи шахсон иҷрочии ҷиноят набудан, он ҳамчун шарикии оддӣ бо тақсими нақшҳо бандубаст шуда, таркиби бандубастшавандаро дар ҳайати гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакиро ташкил намекунад.; в) иҷрокунандагони ҷиноят пешакӣ то содир шудани ҷиноят маслиҳат кардаанд; г) маслиҳат хусусияти оддиро доро аст. Бояд қайд кард, ки дар ин ҳолатҳо мумкин аст, ки маслиҳат ҳанӯз хеле қабл аз содиршавии ҷиноят ё дар ибтидои содиршавии ҷиноят байни иҷрокунандагон баста шудааст.

Маслиҳати пешакӣ «созиши тарафҳо мебошад, ки пеш аз оғози иҷрои амалҳое, ки тарафи объективии ҷиноятро ташкил мекунанд, баста шудааст», «шарикӣ бо созиши пешакӣ вақте рух медиҳад, ки иштирокчиён дар якҷоягӣ ҷиноят содир мекунанд, ки дар натиҷаи он содир кардани он осонтар аст»[239].

Азбаски қонун танҳо дар бораи созиш сухан мегӯяд, шакли онро кушода намедиҳад, мусаллам аст, ки он метавонад ҳам дар шакли шифоҳӣ, ҳам хаттӣ ва ҳам дар шаклҳои дигар ифода ёбад. Созиш бо тавзеҳи объект ва предмети ҷиноят, усули ҳамла ва ғайра тавсиф карда мешавад.

Нишонаи муҳимтарини гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби ду ва ё зиёда нафар содир шудани якҷояи ҷиноят мебошад. Қонунгузор мазмуни якҷоягиро намекушояд, аммо мантиқи таҳияи таърифҳои таҳлилшуда имкон медиҳад, ки якҷоягӣ ба сифати аломати объективӣ дар таркиби ҷиноятҳо бо таркиби моддии чунин аст:

1. Амалҳои ҳар як иштирокчии ҷиноят шарти зарурии содир намудани амалҳои дигар иштирокчиён мебошанд;

2. Натиҷаи ҷиноятии бавуҷудомада барои ҳамаи иштирокчиён маъмул аст;

3. Амалҳои ҳар кадоми иштирокчиён дар робитаи сабабӣ бо натиҷаи

[239] Прозументов Л.М. «Преступная группа» как уголовно-правовая категория / Л.М. Прозументов // Сибирский юридический вестник. – 2001. – №4. – С. 77.

умумии ҷиноятӣ қарор доранд.

Маслиҳати пешакӣ бо тавзеҳи объект ва предмети ҷиноят, усули таҷовуз ва ғайра тавсиф мешавад, зеро дар қонун дар бораи содир кардани ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон сухан меравад, зарур аст, ки ҳамиҷрокунандагон бояд муқаррар карда шаванд, яъне иштироки бевоситаи ҳама ашхос дар иҷрои тарафи объективии ҷиноят.

Дар бораи зарурати муқаррар намудани ин аломати бандубастшаванда дар таркиби ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, дар адабиёт якчанд фикрҳо мавҷуданд. Н.И. Панов чунин мешуморид, ки мавҷудияти чунин аломати бандубастшаванда, ба монанди «аз ҷониби гурӯҳи одамон бо маслиҳати пешакӣ содир шудани ҷиноят аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ беасос аст», зеро «ин ҷиноятро, чун қоида, танҳо худи ҷинояткор содир карда наметавонад, яъне бидуни иштироки ашхоси дигар ... маслиҳати пешакии гурӯҳи одамон ба ин ҷиноят хос аст»[240]. Муаллиф барои асоснокии мавқеи худ чунин менависад: «субъект имкон дорад, ки моликиятро танҳо бо мақсадҳои ғаразнок ғайриқонунӣ истифода барад, ки агар он шахсеро пайдо намояд (масалан, шаҳрвандро), ки ба истеҳсоли ин ё он кор, подош барои онҳо ва ғайра эҳтиёҷ дорад, яъне дар байни онҳо «маслиҳати пешакӣ» сурат мегирад. Чунин ҳолат вақте рух медиҳад, ки даромадҳое, ки бояд ба ташкилотҳо ва фоидаи шахсони алоҳида мерафтанд, ба манфиати шахсӣ истифода гардиданд. Масалан, шаҳрванд (таҳриккунанда) ва роҳбари қатора (иҷрокунанда), чун қоида, дар бораи сафари бидуни чипта, дар бораи подоше, ки роҳбалад гирифтан мехоҳад ва ғ. ба созиш меоянд. Ҳамин тавр, вақте ки шахси гунаҳкор ҳангоми бастани амалиёти нотариалии хариду фурӯш аз пардохти боҷи давлатӣ (саривақтӣ ё қисман) саркашӣ мекунад, бидуни маслиҳати пешакӣ ҷиноят содир намешавад»[241].

---

[240] Панов Н.И. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием. – Харьков: «Вища школа», изд-во при Харьк. ун-те, 1977. – С. 81.
[241] Панов Н.И. Асари зикршуда. – С. 81.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки Н.И. Панов, тахти мафҳуми гурӯҳи шахсоне, ки дар расонидани зарари молу мулкӣ иштирок доранд, «иштирок дар содир намудани ин ҷиноят ду ва ё зиёда шахсонеро мефаҳмид, ки метавонанд амалҳои якхеларо иҷро кунанд, яъне ҳамчун иҷрокунандагон ё амалҳои гуногун бо тақсимоти нақшҳо амал кунанд» дар назар дорад[242]. Аммо амали як иҷрокунанда ва таҳриккунанда, як иҷрокунанда ва ёрдамчиро дар шакли гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ арзёбӣ кардан мумкин нест. Амали чунин ашхос бояд тибқи м. 253 КҶ ҶТ (қисми дахлдор) бо истинод ба м. 36 КҶ ҶТ (ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ) бандубаст карда шавад. Н.Г. Логинова, инчунин Н.И. Панов бинобар хусусияти ғайримутамарказии ин усули содир кардани ҷиноят и расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ даст кашидан аз аломати бандубасткунанда – «содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсонро»-ро дуруст мешуморанд[243].

Маълум аст, ки расонидани зарари молу мулкӣ аз ҷониби гурӯҳи одамон хатари бештари ҷамъиятиро ба амал меорад, ва имконияти пинҳонкунии ҷиноятро фароҳам меорад ва содир намудани онро осон мегардонад. Инчунин маълум аст, ки аломати бандубастшаванда бояд хусусияти паҳншавии нисбӣ дошта бошад.

Омӯзиши маводҳои тафтишотию судӣ нишон медиҳанд, ки содиршавии ҷинояти мазкур дар амалия чандон зиёд нестанд, зеро чун қоида, дар тақсими нақшҳо бидуни ташкили гурӯҳи ашхос аз сабаби набудани ду ва ё зиёда ҷинояткорон шарикии оддӣ вуҷуд дорад ва ин ҳолат бо ишора ба моддаҳои 35 ва 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Дар баробари ин, барои истисно кардани нишондоди содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ аз моддаи қонун аз сабаби нисбатан паҳн шудани чунин амалҳо ва дараҷаи баландтари хавфнокии ҷамъиятии онҳо истисно карда

---

[242] Ниг.: Панов Н.И. Причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием. – Харьков: «Вища школа», изд-во при Харьк. ун-те, 1977. – С. 80-81.

[243] Ниг.: Логинова Н.Г. Уголовная ответственность за причинение имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием при отсутствии признаков хищения: дис. … канд. юрид. наук. – Красноярск, 2007. – С. 122-125.

намешавад. Гузашта аз ин, тавре ки қаблан ишора шуда буд, бо таваҷҷуҳ ба дараҷаи баланди хатари ҷамъиятии ҷинояти аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда ва ҳангоми расонидани зарар ба миқдори камтар аз ҳаҷми зарари калон, бо мақсади барқарорсозии сатҳи муносиби ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамаи асосҳо барои дохил намудани ин аломати бандубастшаванда ба таркиби асосии ҷинояти дар м. 253 КҶ ҶТ пешбинишуда вуҷуд дорад.

Расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар ҳолате аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ содиршуда дониста мешавад, ки агар дар он ашхосе иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани ҷиноят пешакӣ маслиҳат карда бошанд. Маслиҳат дар мавриде пешакӣ кардашуда ҳисобида мешавад, ки то саршавии роҳзанӣ, дар давоми тайёрӣ ба он ё бевосита пеш аз сӯиқасд доир гардида бошад. Фосилаи вақти байни маслиҳат ва саршавии роҳзанӣ аҳаммияте надорад.

Ҳаракатҳои шахсе, ки дар расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ бевосита иштирок накардааст, вале бо маслиҳату дастурҳояш ё бо пешакӣ ваъда додани пинҳонсозии осори ҷиноят, бартарафкунии монеъаҳои бо расонидани ёрӣ ба иҷрокунандагони бевоситаи ҷиноят алоқаманд набуда ва ғайраҳо дар содиршавии ин ҷиноят ёрдам додааст, бояд дар шакли ёрдамчигӣ чун ҳамиштирокчӣ дар ҳаракати содиршуда, бо ишора ба қисми 5 м. 36 КҶ бандубаст карда шавад. Дар ҳолатҳое, ки гурӯҳи ашхос дар бораи содир намудани расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ пешакӣ маслиҳат карда бошанду, лекин яке аз ҳамиҷрокунандагон аз ҳадди маслиҳати доиршуда баромада, ҳаракатеро содир карда бошад, ки ба он ҳамчун расонидани зарари молу мулкӣ баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад, ҳаракати содиркардаи ӯ бояд мувофиқан бо бандҳо ва қисмҳои моддаҳои 253, 255 ё дигар ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки дар боби 26 КҶ пешбинӣ шудаанд, бандубаст карда шавад.

Гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакиро танҳо ашхосе ташкил карда метавонанд, ки синну солашон барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, мувофиқ бошад. Ашхоси номуккалаф ва ашхосе, ки синну солашон барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нарасидааст (дар айни замон то 14 сола), ҳуқуқан, яъне аз нуқтаи назари талаботи қонуни ҷиноятӣ, ба ҳайати гурӯҳ дохил шуда наметавонанд, гарчанде ки онҳо амалан дар ошкоро тасарруф кардани молумулки ғайр бевосита иштирок карда бошанд ҳам.

***2) бо истифодаи мақоми хизматӣ;*** Ҳолатҳои бандубастшавандаи ин ҷиноят дар қисми 2-юми моддаи мазкур пешниҳод карда шудааст, яъне ҳамин кирдорҳо, ки аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ анҷом дода шудааст. Хизматчии давлатӣ набояд вазъи хизматии худро барои таъсир расонидан ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон суйистифода намояд, дар аҳдҳо ва вазъияти ихтилофнок иштирок намояд[244].

Аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудани ҷинояти баррасишаванда, маънои онро дорад, ки ҷиноят аз тарафи шахсоне, ки дар эзоҳи моддаи 314 КҶ ҶТ нишон дода шудааст, инчунин шахсони бе мансаб, ки барои сару кор гирифтан бо мликияти шахси дигар иҷозат доранд ё барои посбонӣ вазифадор карда шудаанд, содир шуда бошад. Ба онҳо, аз ҷумла дохил мешаванд, шахсони мансабдор ва дигар намояндагони мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ки моликияти дигар субъектонро назорат мекунанд, роҳбарон ва дигар кормандони корхонаҳое, ки дар онҳо моликият истеҳсол мешаванд, посбонони анборҳое, ки дар онҳо моликият нигоҳ дошта мешаванд ва дигарон.

---

[244] Замима ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, таҳти №591 Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.sahsh.tj/tj/konunho/kodecsho/129-kodeksi-odobi-khizmatchii-davlatii-um-urii-to-ikiston.html (санаи муроҷиат: 10.10.2019).

*Масалан, И.Г.Р. дар басти корӣ аз 20.12.2017 сол то 29.12.2017 сол тибқи ризоияти роҳбарияти корхонаи захираи роҳбаладони КВМ КВД «Роҳи Оҳани Тоҷикистон» адои хизмат намуда, ба ӯ вагони мусофиркашонии №9-и қатораи сайрхати №319-320 самти Душанбе-Москва-Душанбе вобаста карда шуда будааст. Рӯзи 23.12.2017 сол ӯ аз истгоҳи Роҳи Оҳани «Душанбе-1» бародараш Исмоилов Б.-ро ба вагони ба вай боваркардашуда ҷой карда, бе чипта ба истгоҳи «Қазон»-и ш. Москваи Федератсияи Руссия бурдааст. Дар натиҷа худи ҳамон рӯз, ин амали ӯ дар минтақаи истгоҳи Роҳи Оҳани Жердевка-Мичуринск аз ҷониби назоратчиён-тафтишотчиёни ОАО «Российские Железные Дороги» ошкор карда шуда, оид ба бе чипта ва маблағи роҳкирой бурдани мусофир дар вагони ӯ санад тартиб дода шудааст.*

*Мувофиқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи КВМ КВД «Роҳи Оҳани Тоҷикистон» маблағи кашонидани як мусофир дар вагон-купей аз истгоҳи «Душанбе» то истгоҳи «Қазон» 1592 сомону 69 дирамро ташкил медиҳад, ки И.Г.Р. ба ин маблағ ба давлат дар симои КВМ КВД «Роҳи Оҳани Тоҷикистон», зарари молу мулкӣ расонидааст.*

*Судшаванда И.Г.Р. дар маҷлиси судӣ худашро бо м. 253 қ. 2, б. «б»-и КҶ ҶТ гунаҳкор ҳисобида нишон дод, ки аз 27.01.2003 сол то инҷониб дар вазифаи роҳбаладии вагони каторaҳои мусофиркашонии сайрхатҳои байналхалқӣ кор мекунад. Сардори коргоҳи захираи роҳбаладони КВМ КВД «Роҳи Оҳани Тоҷикистон» ба ӯ вагони мусофиркашонии №9-и катораи сайрхати №319-320 самти Душанбе-Москва-Душанбе дар басти корӣ аз 20.12.2017 сол то 29.12.2017 сол вобаста кардааст. Ӯ дар ин баст ба вагони худаш вобаста карда шуда, бародараш И.Б.Р.-ро ҷой карда бе чипта ва ситонидани маблағи роҳкиро ба Москва бурдааст. Дар истгоҳи «Мичуринск»-и Федератсияи Руссия, назоратчиён-тафтишотчиёни Федератсияи Руссия дар вақти навбатдориашон ба қатора даромада, санҷиш гузаронидаанд. Оиди бе чипта будани бародарашро ошкор карда ҳуҷҷат тартиб додаанд[245].*

[245] Ниг.:Парвандаи ҷиноятии №1-52/14 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе.

Агар ҷиноят аз тарафи шахси мансабдор бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда бошад, кирдор бо маҷмуи ҷиноятҳои дар моддаи тафсиршаванда ва моддаи 314 КҶ ҶТ пешбинишуда, бандубаст карда мешавад.

**3)** ***аз ҷониби гурӯҳи муташаккил.*** Ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташакил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори ашхосе, ки пешакӣ барои содир намудани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад (м. 39 КҶ ҶТ). Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои оид ба бандитизм» аз 26 июни соли 1997, таҳти №3 омадааст, ки «зери гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳ гурӯҳи устуворӣ мутшаккилӣ мусаллаҳӣ аз ду ва ё зиёда ашхос иборатбуда фаҳмида мешавад, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ба корхона, муассиса, ташкилот муттаҳид шудаанд»[246]. Содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил аз содир намудани ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ, пеш аз ҳама, бо устуворӣ ва муташаккилии гурӯҳ фарқ мекунад. Гурӯҳ бо мақсади содир намудани ҷиноят, ки тайёрии дурударозро дар бар мегирад, таъсис шудааст. Гурӯҳ муташаккилии худро то дергоҳ нигоҳ медорад. Аломатҳои ин гурӯҳ чунинанд: а) ба гурӯҳ ду ва ё зиёда ашхос шомил аст; б) гурӯҳ пешакӣ бо мақсади содир намудани як ва ё якчанд ҷиноят ташкил шудааст; в) гурӯҳ хусусияти устувориро дорост[247].

Аломатҳои махсуси гурӯҳи муташакил, ки дар тафоввут аз шарикӣ бо маслиҳати пешакӣ (гурӯҳ бо маслиҳати пешакӣ) аз инҳо иборатанд:

1. Муттаҳидии пешакӣ;

2. Устуворӣ;

3. Мутаҳидии пешакӣ ва устуворӣ бо мақсади содир кардани як ё якчанд ҷиноят.

Шахсе, ки гурӯҳи муташаккилро таъсис додаст ва ё ба он роҳбарӣ мекунад, барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки гурӯҳ содир кардааст, ба ҷавобгарӣ

---

[246] Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои оид ба бандитизм» аз 26 июни соли 1997, таҳти №3.

[247] Ниг.: Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Муҳ. масъ. Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – С. 57.

кашида мешавад, агар он ҷиноятҳо дар зери роҳбарии бевоситаи ӯ содир шуда бошад, яъне, агар қасди ӯ ҷиноятҳои содиршударо дар бар гирифта бошад. Умуман, агар ҷиноятҳои содиршуда ба мақсадҳои гурӯҳи ташкилшуда ва вазифаҳои он, ки аз ҷониби роҳбар таҳрезӣ шудааст, мувофиқат кунад, ҷавобгари роҳбари гурӯҳ мавҷуд аст. Содир намудани ҷиноят дар ҳайати гурӯҳи муташаккил ҳамчун шакли мустақили шарикӣ дар КҶ ҶТ ба чунин тарз пешбинӣ шудааст[248]. Авалан, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ҳангоми содир намудани чи гунна ҷиноятe, ки набошад банди «в» м. 62 КҶ ҶТ. Баъдан, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда барои содир намудани як қатор ҷиноятҳои дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишуда, аз ҷумла м. 253 КҶ ҶТ, расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.

Аломати асосие, ки ин шакли шарикиро аз дигараш фарқ мекунанд, устуворӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки аъзоёни (иштирокчиёни) гурӯҳро мақсади якҷоя чун қоида дар ҷараёни нисбатан давомдори вақт содир кардани ҷиноятҳои бешумор муттаҳид мешаванд. Табиати худ ба худ вуҷуд доштани роҳбар барои пурра ба танзим андохтани фаъолияти гурӯҳҳо ва аъзоёни алоҳидаи он таёрии ҳаматарафа, ба нақша гирифтани фаъолияти ҷинояткорон, тақсими нақшҳо дар байни аъзоёни гурӯҳоро талаб менамояд[249].

Саидзода Ш.Н. низ қайд менамояд, ки ягона аломати дар қонун мустаҳкамгардида, ки гурӯҳи муташаккилро тавсиф медиҳад аломати устуворӣ мебошад, ки дар муттаҳидии шарикон барои расидан ба ҳадафи дар назди худ гузоштаи гунаҳкорон, дар ҳамоҳангии кӯшишҳои онҳо, фаъол будан дар амалисозии нақшаҳои иттиҳодия, дар давомнокии мавҷудияти гурӯҳи

---

[248] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2010. – 256 с.; Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқов Ш.Л. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2018. – 224 с.; Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Нашри 4-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. – 223 с.; Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси мухтассари лексияҳо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 173 с.; Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Диноршоҳ А.М., Камолов З.А., Холиқов Ш.Л., Сафарализода З.С., Ахмедов Н.И., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – 344 с.

[249] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2014. – С. 158-159.

ҷиноятӣ, доимӣ будани аъзои гурӯҳи муташаккил, устувории иртиботот ва ғ. зоҳир мешавад[250]. Баъзе муаллифон чунин мепиндоранд, ки ба гурӯҳи муташаккил ду аломат хос аст – устуворӣ ва муташаккилӣ. Аломати охирӣ бо ҷой доштани нақшаи коркардшудаи содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо, коркарди роҳҳои содир намудани таҷовузи якҷоя; роҳбарии як ё чанд нафар аз болои дигар иштирокчиён; мавҷуд будани роҳбар; тақсимоти техникии нақшҳои аз қабл тарҳрезишуда ва санҷидашуда; амалҳои воқеан иҷрошудаи аз ҷониби иштирокчиён қаблан ба нақша гирифташуда; ҳолатҳои сабуккунанда барои содир намудани таҷовуз дар оянда; коркарди меъёрҳои махсуси дохилигурӯҳӣ барои фаъолияти гурӯҳ ва ғ. тавсиф мешавад[251]. Р.Р. Галиакбаров чунин меҳисобад, ки ҷудо намудани аломати муттаҳидӣ шубҳаовар мебошад, зеро қонун хусусияти муттаҳидии гурӯҳро тавассути нишондиҳандаи устувории он кушода медиҳад[252].

Устувории алоқаҳои ҷинояткорӣ, муттаҳидии шарикон аломати сифатноки гурӯҳ ба ҳисоб меравад, ки онро аз дигар шаклҳои шарикӣ фарқ мекунонад. Устуворӣ – ин чунин ҳолати гурӯҳ мебошад, ки бо ҷой доштани алоқаи мустаҳкам байни шарикон ва шаклу усулҳои фаъолияти ҷинояткорӣ тавсиф меёбад. Оид ба устувории гурӯҳ чунин аломатҳо шаҳодат медиҳанд,

а) дараҷаи баланди мутташакилӣ (яъне, муайян ва тасвия (шаклбандӣ) кардани мақсадҳои фаъолияти якҷояи ҷиноятӣ, банақшагирии амалҳои ҷинояткорӣ, бо яроқ ва дигар воситаҳои содиркунии ҷиноят таъмин кардан, ҷой доштани интизоми дохилӣ, ки аслан бераҳмона мебошанд ва ғ.);

б) босубот (доимӣ) будани ҳайати даста ва сохтори ташкилии он (яъне, қабул намудани аъзоёни нави даста тартиб ва расму қоидаи мураккабро ташкил медиҳад);

---

250 Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. номз. илмҳ. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – С. 155.

251 Ниг.: Красиков А.Н. Преступления против личности. – Саратов: Изд-во Сарарт. ун-та, 1999.– С. 127.

252 Ниг.: Галиакбаров Р.Р. Борьба с групповыми преступлениями. Вопросы квалификации. – Краснодар, 2000. – С. 74.

в) ҷой доштани шакл ва усулҳои ба худ хоси фаъолияти ҷинояткорӣ (яъне, усули хоси муайян намудани объектҳои ҳуҷум, хусусияти хос доштани тарзҳои содир кардани ҳуҷум ва рафтори аъзоёни даста, ки ғайб задан аз ҷойи ҷиноят ва рӯйпӯш кардани онро таъмин мекунанд ва ғ.);

г) тағйирнопазирии шакл ва усулҳои фаъолияти ҷинояткорӣ (яъне, тарзҳои коркардашуда ва санҷидашудаи ҳуҷум, аниқ тақсим намудани вазифаҳо байни аъзоёни даста, истифодаи либосҳои махсус ва ғ.);

д) муттаҳидии аъзоёни даста (яъне, умумиятӣ ва ягонагии маънавӣ, мувофиқӣ ва доимии муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ки асоси онро системаи ягонаи арзишҳои иҷтимоии аъзоёни даста ташкил медиҳад; ин ҳолат микроклимати заруриро дар даста муҳайё мекунад ва умумияти мақсадҳо ва ниятҳои шариконро ташкил медиҳад).

Гурӯҳи муташакил дар худ гурӯҳи шахсони нисбатан мухторро таҷассум менамояд, ки қасди якҷояи фаъолияти ҷиноятӣ онҳоро муттаҳид сохтааст[253]. Аммо гурӯҳи муташакил чи хеле ки аз муқаррароти м. 39 КҶ ҶТ бар меояд, мумкин аст ҳатто барои содир намудани як кирдори ҷиноятие, ки таёрии махсусро талаб менамояд таъсис дода шавад.

Дар гурӯҳи муташаккил аъзоёни гурӯҳ, нақш ва вазифаҳои қаблан ба уҳда гирифтаи худро дар содир намудани ҷиноят хуб медонанд. Шахсе, ки гурӯҳи муташаккилро таъсис додааст ва ё ба он роҳбарӣ мекунад, барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки гурӯҳ содир кардааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар он ҷиноятҳо дар зери роҳбарии бевоситаи ӯ содир шуда бошанд, яъне, агар қасди ӯ ҷиноятҳои содиршударо дар бар гирифта бошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, як қатор муҳаққиқон ба таври назариявӣ зарурат надоштани эътирофи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё

---

[253] Ниг.: Быков В. Что же такое организованная преступная группа? / В. Быков // Российская юстиция. – 1995. – №10. – С. 41; Кузнецова Н.Ф. Соучастие в преступлении / Российское уголовное право. Общая часть. – М., 1997. – С. 207; Быков В. Совершение преступления группой лиц по предварительному сговору / В. Быков // Законность. – 1999. – №3. – С. 7; Галиакбаров Р. Квалификация преступлений по признаку их совершения организованной группой / Р. Галиакбаров // Российская юстиция. – 2000. – №4. – С. 47; Прозументов Л.М. «Преступная группа» как уголовно правовая категория / Л.М. Прозументов // Сибирский юридический вестник. – 2001. – №4. – С. 78; Полный курс уголовного права: В 5 т. / Под ред. А.И. Коробеева. – СПб., 2008. – Т. I. – С. 599.

сӯиистифода аз боварӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршавандаро ҳамчун аломати вазнинкунада асоснок менамоянд. Ба ақидаи онҳо дар КҶ ҷой доштани аломати вазнинкунанда дар намуди содир намудани ҷиноят «дар ҳайати гурӯҳи шахсон, гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ)» имконияти такроран муқаррар намудани он дар моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси КҶ зарурият надорад[254].

Ҳангоми омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, мо ягон парвандаи ҷиноятии дар шакли шарикӣ дар шакли гурӯҳи муташаккил содиршударо пайдо накардем. Чунин ба назар мерасад, ки ин шакли шарикӣ барои содир кардани ҷинояти баррасишаванда хос нест. Аз ин рӯ, ҷудо намудани аломати бандубастшаванда дар шакли «аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда» номарбут аст. Агар чунин ҳолат дар оянда низ ба мушоҳида расад, пас татбиққунандагони ҳуқуқ ҳангоми таъини ҷазо бояд муқаррароти дар банди «в» қ. 1 м. 62 КҶ ҶТ пешбинишударо дар якҷоягӣ бо дигар аломатҳои бандубастшаванда ба назар гиранд.

***4) бо расонидани зарар ба миқдори калон.*** Таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаҳои боби 26 КҶ ҶТ ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ки м. 253 КҶ ҶТ низ ба ҳамин боб шомил мешавад, андозаи арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор (зиёда аз 58 000 сомонӣ дар соли 2020) маротиба зиёдтар мебошад. Андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида муайян карда мешавад.

*Масалан, М.П.Т. санаи 25.03.2006 сол бо рохи фиреб ва суйиитифодаи боварӣ, ба боварии Т.А.Т. даромада бо мақсади таъмир кардани автомашинаи тамгаи Мерседес-Бенс Даймлер-Крайслер-220 рақами давлатиаш АН 82-99 РТ 01, ки ба Т.А.Т. таалуқ дошт, калидҳои онро аз Т.А.Т. гирифта, бе мақсади*

[254] Ниг.: Воронин Ю.В. Уголовно-правовые меры борьбы с причинением имущественного ущерба путем обмана или злоупотребления доверием: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2013. – С. 134.

*рабудан, ҳангоми ҳаракат кардан дар шоҳроҳи Душанбе-Варзоб ба садама дучор шуда (ба санг бархӯрда) дар натиҷа автомашина осеб расонидааст.*

*Мувофиқи хулосаи ташхиси суддии молшиносии-автотехники таҳти №21/1914/ аз 25.09.2016 сол дар натиҷаи садама судшаванда М.П.Т. ба соҳиби автомашина тамғаи Мерседес-Бенс Даймлер-Крайслер-220 рақами давлатиаш АН 82-99 РТ 01 зарари калон ба миқдори 69469 сомонӣ расонидааст.*

*Судшаванда М.П.Т. дар рафти мурофиаи суди худашро бо айбҳои эълонкардашуда пурра гунаҳкор хисоб карда чунин нишондод дод, ки ӯ устои таъмири автомашинаҳои тамғаҳои хориҷӣ буда, бо ҷабрдида Т.А.Т. рӯзи 25.03.2016 сол дар бозори мошинҳо вохӯрдааст. Бо ҷабрдида маслиҳати таъмири муҳаррики автомашинаи тамғаи Мерседес-Бенс Даймлер-Крайслер-220 рақами давлатиаш АН 82-99 РТ 01 карда ваъда дод, ки дар муддати 2-3 рӯз аз таъмир баровварада автомашинаро баргардонида медиҳад ва ҳаққи хизмати у 700 доллари ИМА ташкил медиҳад. Ҷабрдида розӣ шуд,а аввалан, ба миқдори 270 доллари ИМА баробар ба пули миллӣ дода, хоҳиш намуд, ки автомашинаашро дар муҳлати кутоҳтарин таъмир кунад, сипас, боқимонда маблағашро оварда ба ӯ медиҳад. Баъди инӯ муҳаррики автомашинаро таъмир намуда, ба назди соҳибаш Т.А.Т. ҳай карда бурд. Ҷабрдида автомашинаро ба ҳаракат даровварда, овози коркарди муҳаррик баланд гӯён, таъмири кардаи ӯро маъқул накард ва хоҳиш намуд, ки камбудиҳои боқимондааштро низ таъмир намояд ва омада маблағи даркориашро дода, автомашинаашро гирифта меравад. Пас аз ду рӯз, яъне 20 апрели соли 2016 барои иваз кардани успакаиватели автомашина ва 200 доллар гирифтан бо автомашинаи ҷабрдида ба ноҳияи Варзоб, ба назди рафиқаш Бахтиёр рафт. Ҳангоми аз ноҳияи Варзоб баргаштан дар роҳ балони автомашина кафида, оноҳоро ба як тараф партофт ва тарафи қафои автомашина ба сангпора бархӯрд, ки дар натиҷа ба автомашина осеб расид. Рӯзи дигараш ӯ автомашинаи мазкурро барои таъмир ба ш. Душанбе оварда, онро ба устои тунукасоз Рустам ном шахс супорид. Баъди таъмир кардани Рустам автомашинаро ӯ оид ба ҳодисаи мазкур ба*

*ҷабрдида хабар расонид, ҷабрдида автомашинаро дида, гуфт, ки автомашинанаашро намегирад ва бар ивазаш пулашро, ки 9000 доллари ИМА-ро ташкил медодааст, талаб кард. Баъди ин Т.А.Т. талаб кард, ки автомашинаро барои таъмири иловагӣ ба назди устои шиноси вай барад ва баъди таъмир вай автомашинаашро мегирад. Аммо Т.А.Т. баъди таъмири иловагӣ низ автомашинаро нагирифт ва дар ин бора ба кормандони милиса хабар расонида боз такроран забонхаташро оид ба барқарор намудани пули автомашина гирифт. Суд кирдори судшаванда М.П.Т.-ро бо м. 253 қ. 3, б. «б»-и КҶ ҶТ, барои расонидани зарари молумулкӣ ба соҳиби молумулк бо рохи фиреб ва сӯиистифода боварӣ ба миқдори калон банду баст намуд*[255].

Қонуни ҷиноятии амалкунанда андозаи аниқи миқдори зарареро, ки ба моликияти шахсии шаҳрванд расонида шудааст, муайян намекунад. Мазмуни онҳо хусусияти баҳодиҳӣ дорад ва эътирофи зарар ба сифати ин ё он намуд ба салоҳияти суд вогузошта шудааст. Ин дуруст аст ва аз сатҳи ҳаёти аъзоҳни ҷомеа бармеояд.

Бинобар ин, агар эзоҳи моддаи 244 КҶ ҶТ-ро таҳлил намоем, бармеояд, ки чунин намудҳои анзодаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ мавҷуд аст:

а) оддӣ;

б) зарари ҷиддӣ расонидашуда;

в) ба миқдори калон;

г) ба миқдори махсусан калон[256].

Аз ин ҷиҳат, расонидани зарар дар сурате *оддӣ* эътироф мешавад, ки агар он ба шаҳрванд зиёни назаррас (ҷиддӣ) нарасонида бошад. Ҳангоми ҳал намудани масъалаи он, ки ба шаҳрванд оё *зарари* ҷиддӣ расонида шудааст ё не, зарур аст, ки на танҳо арзиши молумулки ба он зарар расонидашуда, балки вазъи моддию молумулкии ҷабрдида, аз ҷумла, музди миёнаи кор, сатҳи

---

[255] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-42/2016 // Бойгонии суди н. И Сомонии ш. Душанбе.
[256] Ниг: Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25.06.2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ ва роҳзанӣ».

даромади шаҳрванд, қиматнокӣ ва аҳаммиятнокии он барои ҷабрдида, шумораи шахсоне, ки дар парастиши ӯ мебошанд ва ғайра ба назар гирифта шавад.

Ин гуфтаҳо ҳамчунин ба муайян кардани зарар дар миқдори калон ва махсусан калон, ки ба моликияти шахсии шаҳрванд расонида шудааст, тааллуқ доранд. Аммо, агар расонидани зарар ба автомобилҳо, хонаву истироҳатгоҳҳо ҷой дошта бошад, бешубҳа, он бояд чун расонидани зарар ба миқдори махсусан калон эътироф гардад. Аммо бояд қайд кард, ки дар ин масъала, яъне расонидани зарари махсусан калон қонунгузор муқаррароте пешбинӣ накардааст, ки баҳсро ба миён меорад. Зеро қ. 3 м. 253 КҶ ҶТ расонидани зарар ба миқдори калонро пешбинӣ мекунад. Аз ин маълум мегардад, ки дар сурати расонидани зарар ба молу мулк ба миқдори калон, кирдор бо б. «б», қ. 3 м. 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ҳамчунин расонидани зарар ба миқдори махсусан калон эътироф мешавад, агар ҷабрдида аз воситаҳои асосӣ ва сарчашмаҳои мавҷудият маҳрум гардида бошад.

Андозаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ҳамеша вобаста аз арзиши молумулк муайян карда мешавад. Арзиши молумулк бошад, дар қиммати пулӣ таҷассум мегардад (нарх). Вале муайянкунии нархи молумулки зарардида баъзан мушкилӣ ба миён меорад, чунки доираи истифодаи нархҳои давлатии аниқмуайяншуда, айни замон маҳдуд карда шуданд ва ба судҳо бисёртар лозим мешавад бо нархҳои озоди бозорӣ, ки дар маҳаллаҳо ҷорӣ шудаанд, сарукор гиранд.

Дар сурати муайян намудани миқдори зарари молу мулкӣ, якум, танҳо зарари воқеии моддии ба соҳибмулк расонидашуда ба назар гирифта мешавад[257]. Баъзе аз зиёнҳое, ки дар шакли аз даст додани манфиатҳо (фоидаҳо) расонида мешаванд, ба таркиби зарарҳои воқеии моддӣ дохил намешаванд. Дар ин маврид миқдори зарари расонидашуда дар лаҳзаи ошкор

[257] Ниг.: Бойцов А.И. Преступления против собственности. – СПб., 2002. – С. 564; Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М., 2015. – С. 223.

намудани расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, тибқи нархҳои амалкунанда, новобаста аз муҳлати воридшавии арзишҳо, ки дар тобеияти шахсии масъули моддӣ қарор доранд, муайян карда мешавад.

Дуюм, ҳангоми муқаррар намудани арзиши молумулке, ки ба он зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ расонида шудааст, ба нархҳои давлатӣ ё бозорӣ такя кардан лозим аст (вобаста аз шароити ба даст овардани молумулк), агар дар маводи парвандаи ҷиноятӣ маълумот дар бораи масрафҳои воқеӣ барои дастрас намудани молумулк ё хароҷот баҳри истеҳсоли он мавҷуд бошанд, лекин ҳатман бо назардошти фарсудашавии ашё[258].

Дар сурати набудани нархҳо, арзиши молумулк дар асоси хулосаи экспертҳо муайян карда мешавад. Миқдори калон дар ҳолати расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ метавонад дар натиҷаи як ва ё якчанд амали ҷиноятӣ ба вуҷуд ояд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1) Ҷудо намудани аломати бандубастшаванда дар шакли «аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда» дар таркиби м. 253 КҶ ҶТ номарбут аст, зеро он ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷазо дар банди «в» м. 63 КҶ ҶТ муқаррар шудааст;

2) Андозаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ҳамеша вобаста аз арзиши молумулк муайян карда мешавад. Арзиши молумулк бошад, дар қимати пулӣ таҷассум мегардад (нарх). Вале муайянкунии нархи молумулки зарардида баъзан мушкилӣ ба миён меорад, чунки доираи истифодаи нархҳои давлатии аниқмуайяншуда, айни замон

[258] Ниг.: Тафсири кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе, 2006. – С. 502.

маҳдуд карда шуданд ва ба судҳо бисёртар лозим мешавад бо нархҳои озоди бозорӣ, ки дар маҳаллаҳо ҷорӣ шудаанд, сарукор гиранд;

3) Миқдори калон дар ҳолати расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ метавонад дар натиҷаи як ва ё якчанд амали ҷиноятӣ ба вуҷуд ояд;

4) Моддаи 253 КҶ ҶТ аз се қисм иборат аст ва танҳо дар банди «б» қисми 3 моддаи мазкур ҳаҷми зарари расонидашуда муқаррар карда шудааст, ки ин зарари калон аст. Аз мантиқи қонунгузорӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки агар дар натиҷаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ба ҷабрдида зарари махсусан калон расонида шуда бошад, кирдор бо моддаи 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ҳолати мазкур мухолифи талаботи қ. 4 м. 4 КҶ ҶТ мебошад. Бинобар ин, пешниҳод мекунем, ки б. «б» қ. 3 м. 253 КҶ ҶТ, б. «в» қ. 2 м. 253 эътироф карда шуда, ба б. «б» қ. 3 м. 253 КҶ ҶТ тағйироти зерин ворид карда шавад: «б) бо расонидани зарар ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад». Чунин мешуморем, ки ворид намудани чунин илова татбиқи м. 253 КҶ ҶТ-ро осон мегардонад.

# ХУЛОСА

Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомдодашуда дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятӣ расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ кунем. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар марҳилаи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон аз замони пайдоиши аввалин санадҳо ва бо қабул шудани КҶ ҶТ соли 1998 алоқаманд буда, он дар м. 253 мустаҳкам карда шуд. Бо қабули ин меъёри қонуни ҷиноятӣ марҳилаи нав дар барпокунии механизми ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият оғоз гардид.

**I. Хулосаи таҳқиқоти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Авесто ба усулҳои худ ҳимояи моликият аз таҷовузи қаллобон, фиребгарон, дуздон ва роҳзанон диққати махсус медод. Қариб ҳамаи динҳои қадимӣ ва ҷаҳонӣ ба ҳамин монанд вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, одамон бо хондани дуоҳои махсус кӯшиш мекарданд, ки сарвати худро аз таҷовузи роҳзанҳо муҳофизат кунанд. Зардуштия ҳамчун як низоми ҳуқуқӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ бори аввал ба ин падидаи манфӣ бо маҷмуи меъёрҳо ва механизмҳои мухолифат муқобилат кард, ки ин ба тадриҷан коҳиш ёфтани ин навъи қадимаи ҷиноят оварда расонд.

2. Расонидани зарари молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳамчун як ҷинояти мустақил дар қонунгузории ҷиноятии дохилӣ танҳо дар асри XX пайдо шуд. Аммо, қонунгузор дар тули беш аз ҳазор соли рушди қонунгузории ҷиноятӣ як қатор кӯшишҳоро барои муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои амалҳои шабеҳи ҷинояти муосири дар моддаи 253 КҶ ҶТ пешбинишуда муқаррар кардааст **[6-М].**

3. Таҷовуз ба моликият дар Кодекси ҷиноятии РСФСР дар боби VI «Ҷинояти молу мулкӣ» дохил шуда буд, ки дар он қаллобӣ ҷойи махсусро

ишғол мекард. Аз соли 1922 тафсири қаллобӣ хеле васеъ карда шуд. Он ҳамчун ба даст овардани молумулк ё ҳуқуқ ба моликият бо мақсади ғаразнок тавассути сӯиистифода аз боварӣ ё фиреб фаҳмида мешуд. Ҳамзамон, қонунгузор фиребро ҳамчун изҳори маълумоти бардурӯғ ва инчунин дидаву дониста пинҳон кардани ҳолатҳое, ки иттилоъ доданашон ҳатмӣ буд, муайян кард. Аммо, қонунгузор усули дуввуми содир намудани қаллобиро муайян накардааст [4-М].

4. Дар Кодекси ҷиноятии соли 1922-и РСФСР қонунгузор меъёри алоҳида дар бораи ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкиро бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ муқаррар накардааст. Аммо, бо такя ба андешаи олимон, мо чунин мешуморем, ки қонуни мазкур муқарраротро оид ба ҳолатҳои мушаххаси чунин рафтори ҷиноятӣ дар бар мегирад, масалан, сари вақт пардохт накардани шаҳрвандони алоҳида ё саркашӣ аз супоридани андоз, нақд ё натуравӣ (моддаи 79); пинҳон кардан ё шаҳодати бардурӯғ, ки бо мувофиқаи тарафайн дар бораи миқдори андозбандӣ ё баҳисобгирии ашё ва маҳсулот ташкил карда шудааст (моддаи 80); бастани шартномаҳо ва муомилоти зиёновар (моддаи 128а) ва ғайра.

5. Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттифоқи Шӯравӣ ва республикаҳои иттифоқӣ с. 1958 муҳимтарин қонуни ҷиноятӣ, ки муайянкунандаи принсипҳо ва муқарраркунандаи ақидаҳои умумии қонунгузории ҷиноятии Иттифоқи Шӯравӣ ва республикаҳои иттифоқӣ ва базаи ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ мебошад. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961, ки дар заминаи ин Кодекс қабул гардид дуздии неруи барқро дар моддаи 94 муқаррар намуд.

6. Таркиби ҷиноятӣ пешбининамудаи м. 94 КҶ ҶШС Тоҷикистон метавонад танҳо дар сурате ҷой бошад, ки агар ҷинояткор дар натиҷаи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ воқеан молумулкро аз фонди молик намегирад ва зарар танҳо дар натиҷаи интиқол надодани молу мулке, ки бояд ба фонди молик мерафт, расонида мешавад ва дар натиҷа ҷинояткор фоидаи моддӣ

мегирад, фаҳмида мешавад. Напардохтани андозҳо, пардохтҳо, боҷҳо, пардохтҳо барои истифодаи газ, барқ, манзил, истифодаи ғайриқонунии молу мулке, ки дар ҷойи кор ба шахси гунаҳкор бовар карда шудааст, фурӯши ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё дуздида, чиптаҳои сафар, чиптаҳо барои иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ – ҳамаи ин амалҳо тибқи м. 94 КҶ ҶШС Тоҷикистон банду баст карда мешуданд [1-М].

7. Ҳангоми ҷамъбасти таҳлили қонунгузории хориҷӣ метавон чунин ҳолатҳоро қайд кард:

а) Дар аксарияти давлатҳои хориҷӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба таври муфассал ба танзим дароварда нашудааст, аммо, чун қоида, қонуни ҷиноятии кишварҳои баррасишаванда бо амалҳои таҳқиқшавандаро ба таркиби қаллобӣ тавсиф кардаанд, зеро охирин, аз рӯйи хусусиятҳои худ, ҳар ду ҷиноятро фаро мегирад;

б) Танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар кишварҳои ИДМ бо якпорчагии таърихӣ ва геополитикӣ шарҳ дода мешавад, аммо фарқиятҳои ҷойдошта, дар мисоли КҶ Қирғизистон, КҶ ҶБ, хусусияти мушаххасии давлатиро дар ҳимояи молу мулк шаҳодат медиҳанд.

в) Пешниҳод карда мешавад, ки аз таҷрибаи мусбии Фаронса, Испания, Олмон, Швейтсария, Ҷопон ва Дания дар бораи қисмати қонунгузорӣ оид ба ҷилавгирии амалҳои қаллобӣ, ки дар амалияи тафтишотию судӣ ҳамчун зарари молӣ тавассути фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ доранд, ба инобат гирифта шавад [6-М].

**II. Хулосаи рисолаи илмӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, ки хусусияти амалиро доро мебошанд:**

1. Ҳифзи муносибатҳои иқтисодии моликият ҳамчун асоси моддии ҳар як низоми ҷамъиятӣ вазифаи асосии низоми ҳуқуқии ҳар як давлат мебошад. Ҳифзи чунин неъматҳои моддӣ бо восита ва ё ягон шакли соҳаи ҳуқуқ амалӣ

карда мешавад. Соҳаҳои ҳуқуқи омма асосан принсипҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқи моликиятиро мустаҳкам менамоянд ва дар як маврид барои вайрон кардани ин присипҳо намудҳои гуногуни ҷавобгариро аз қабили ҷиноятӣ ва маъмуриро муқаррар мекунанд. «Ба монанди: ғайриқонуни соҳиб шудан ба молумулки ғайр; соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молумулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст омадааст; қасдан несту нобуд кардан ё вайрон кардани молумулк ва ғайра». Ин қоида низ дар низоми ҳуқуқи хусусӣ дида мешавад [7-М].

2. Ҷиҳати мукаммалгардии қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба сӯиистифодаи боварӣ ҳангоми содир намудани ҷинояти дар м. 253 КҶ ҶТ пешбинишуда аз аҳаммият холӣ нест:

а) Бо мақсади дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг дарк намудани мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноятҳои қасдона, инчунин ҷиҳати бартараф намудани саҳв ҳангоми бандубасти ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ дар сатҳи қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шавад. Ҳамин тавр, дар эзоҳи моддаи 253 КҶ ҶТ мафҳуми сӯиистифодаи боварӣ ба тариқи зерин оварда шавад:»Сӯиистифодаи боварӣ, яъне аз ҷониби шахс қасдона ба манфиати худ ва ғайримақсаднок истифода бурдани ваколатҳое, ки дар асоси қонун ва шартнома ба ӯ дода шудааст.

б) Сӯиистифодаи боварӣ намуди мустақили расонидани зарари молу мулкӣ буда, дар он нишонаҳои тасарруф дида намешавад ва намудаи алоҳидаи фиреб намебошад;

Сӯиистифода аз зудбоварӣ ва соддадилии шахс намуди алоҳидаи сӯиистифодаи боварӣ намебошад ва ин кирдор бо м. 253 КҶ ҶТ бандубаст карда нашуда, бо м. 247 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда шавад [3-М].

3. Объекти бевоситаи м. 253 КҶ ҶТ-ро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки ба уҳдадориҳои молу мулкӣ таҷовуз оварда маҷмуи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муомилоти гарждании ҳифзшавандаро халалдор месозанд [1-М].

4. Предмети ҷиноят мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ метавонанд инҳо бошанд:

– молумулке, ки шахси гунаҳкор истифода мекунад ва бояд ба молик ё дигар соҳиби қонунӣ бармегардонид;

– маблағҳое, ки ҳамчун подош барои истифодаи ин молумулк ба молик ё дигар молики қонунӣ гузаронида мешаванд [2-М].

5. Пешниҳодҳо вобаста ба мукамалнамоии аломатҳои субъективии м. 253 КҶ ҶТ:

а) дар сурати саркашӣ кардан аз пардохти хидмат, шахси гунаҳкор шахси воқеии мукаллаф буда метавонад, ки бо ҷабрдида дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ қарор дорад ва қасдан бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ уҳдадориҳои худро тибқи шартнома, ки предметаш хидмат мебошад, иҷро намекунад ё зарарро ба ҷабрдида бинобар истеъмоли хидмат бидуни шартнома ва бидуни пардохти зарурӣ мерасонад;

б) дар сурати иҷро накардани уҳдадориҳо ё иҷрои номатлуби онҳо, ки боиси афзун нашудани миқдори молу мулки ҷабрдида мегарданд, бар хилофи шароити муқаррарии гардиши маданӣ, ҷониби гунаҳкор бо ҷабрдида дар муносибатҳои маданӣ ё меҳнатӣ буда, уҳдадории иҷрои амалҳои муайянеро тибқи шартнома ҷиҳати ба даст овардани даромад барои ҷониби ҷабрдида – контрагент дорад, аммо онҳоро иҷро намекунад ё вазифаҳои худро ба таври номатлуб иҷро мекунад ва дар натиҷа ба шахс зарари молу мулкӣ мерасад. Ҳамин тариқ, субъекти ин ҷиноят ба ғайр аз аломатҳои умумӣ аломатҳои махсусро (бо назардошти объекти таҷовуз, шаклҳои асосии расонидани зарар) дорад. Вай бояд бо ҷабрдида дар муносибатҳои муайяни уҳдадорӣ бошад, яъне вазифадор бошад, ки баъзе амалҳоро ба манфиати ӯ иҷро кунад (дар ҳоле ки амали гунаҳкорон бо тасарруф алоқаманд набошад).

в) Вобаста ба синну соли ҷинояткор қайд кардан мумкин аст, ки вижагии усули содир намудани ҷиноят – фиреб ва сӯиистифода аз боварӣ, ки аз шахсияти гунаҳкор донистани донишҳои муайян, таҷрибаи ҳаётиро талаб мекунад, аз шумораи ками ҳодисаҳои аз ҷониби ноболиғон содир намудани м.

253 КҶ ҶТ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, ноболиғ аз сабаби қобилияти нокифояи ҳуқуқии худ, имконияти иштироки дар баъзе муносибатҳо маҳдудро дорад, ки мундариҷаи аз уҳдадории пардохти музди хидмат бармеояд. Бо ҳамин сабабҳо, ноболиғон аз иштирок дар муносибатҳои намояндагӣ маҳдуд карда мешаванд. Синну соли ноболиғӣ инчунин иштирокро дар муносибатҳои меҳнатӣ маҳдуд мекунад. Ҳамин тариқ, дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ, дар қатори ҷиноятҳое, ки ҷавобгарии онҳо аз 14-солагӣ оғоз мешавад, бидуни нишонаҳои тасарруф хисороти назаррас надорад, асоснок м. 253 КҶ ҶТ дохил карда нашудааст.

г) қонунгузор дар матни қонун хусусиятҳои хоси субъекти ҷинояти таҳлилшударо оқилона қайд намекунад. Умуман, субъекти ҷиноят мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ умумӣ мебошад, яъне шахси мукаллафест, ки ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Ҳамчун як хусусияти субъект, метавон қайд кард, ки ба ӯ дар доираи муносибатҳои маданӣ ё меҳнатӣ уҳдадорӣ гузошта шудааст, ки барои ба даст овардани даромад барои ҷабрдида амали муайянеро ба манфиати ҷабрдида анҷом диҳад. Зарурати қонунгузор барои нишон додани аломатҳои махсуси субъекти ҷиноят ба назар намерасад.

д) Тарафи субъективии расонидани зарар ба молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар шакли қасди бевосита тавсиф меёбад, яъне, шахс дарк менамояд, ки ба молумулки ғайр ғайриқонунӣ зарар расонида истодааст, ки ба он ӯ ягон ҳуқуқ надорад, пешбинӣ мекунад, ки бо ин амалҳояш ба молик ҳатман зиёни моддӣ мерасонад ва хоҳони он аст, ки чунин амалҳоро ҳам содир намояд ва ҳам оқибатҳои зиёноварро ба вуҷуд орад.

е) Ҳангоми содир кардани ҷиноят пешбининамудаи м. 253 КҶ ҶТ, шахси гунаҳкор дарк мекунад, ки бо роҳи гузориш додани маълумоти бардурӯғ ё хомӯшӣ дар бораи ҳолатҳои муайян, инчунин сӯиистифода аз боварии эътимоднок аз ҷониби соҳибмулк ё дигар молике, ки ба ӯ молумулки худро додаанд ё хидмати хусусияти молумулкӣ кардаанд, ғайриқонунӣ ин молумулкро истифода мебарад ё аз пардохт саркашӣ мекунад. Ғайр аз он,

ҷинояткор мефаҳмад, ки бо амал ё беамалии худ уҳдадориҳои муайянро вайрон мекунад: молумулки соҳибмулк ё дигар моликро мувофиқи таъиноти худ истифода барад, пардохтҳои ҳатмӣ ё андозҳоро барои хизматрасониҳо супорад;

ж) Унсури иродавии қасдан расонидани зарари молу мулкӣ дар он ифода меёбад, ки субъект мехоҳад, ки оқибатҳои пешбининамудаи ба ҷамъият хавфнок фаро расанд. Субъекти ҷиноят бо кирдорҳои худ мехоҳад зарари молу мулкӣ расонад, бинобар ин, агар шахс асос дошта бошад, ки ӯ ба молик ё дигар соҳибмулк зарар намерасонад, чунин амалҳо мутобиқи м. 253 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда намешавад, зеро ки имконияти содир намудани кирдори бо м. 253 КҶ ҶТ танҳо бо қасди бевосита имкон дорад.

з) Дар ҷиноятҳои қасдона, ки таркиби баррасишаванда (м. 253 КҶ ҶТ) низ ба он тааллуқ дорад, шахс бояд аз хатари ҷамъиятии кирдор огоҳ бошад, мувофиқан, амалҳои (беамалии) иҷрошуда, инчунин дигар ҳолатҳои содиршавии он, яъне аломатҳои тарафи объективии пешбининамудаи қонун бояд дар зеҳни ӯ инъикос ёбанд. Агар ягон ҳолати объективии ҷинояти қасдона аз ҷониби субъект эътироф карда нашавад, он ҳангоми баҳо додан ба амал ба инобат гирифта намешавад.

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Моликият ба сифати объекти бевоситаи м. 253 КҶ ҶТ баромад карда наметавонад. Гунаҳкор на ин, ки муносибатҳои бевоситаи молу мулкиро, балкӣ муносибатҳои ҷамъиятиеро вайрон менамояд, ки аз муносибатҳои уҳдадорӣ бармеоянд. Шахсе, ки бидуни асосҳои муқаррарнамудаи қонун ё аҳд аз ҳисоби шахси дигар (ҷабрдида) молумулк ба даст овардааст ё нигоҳ дошта аст, уҳдадор аст ба ҷабрдида молумулки беасос бадастоварда ё нигоҳ доштаашро (дороии беасос)-ро баргардонад. Дар сурати сари вақт бо роҳи фиреб барнагардонидани молумулк, ки дар натиҷа молик ё соҳиби молу мулк зарар мебинад, кирдор бо моддаи 253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад [1-М].

2. Дар м. 253 КҶ ҶТ предмети ҷиноят ба таври мустақил пешбинӣ шудааст, ки он моликият ба маънои васеъ мебошад. Моликият объекти муносибатҳои ҳуқуқии байни субъектҳо (шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, ҷамъият, давлат) мебошад, ки он метавонад ду навъ бошад: ашёҳои моддӣ ва ғайримоддӣ. Моликият ҳамчун ашёи моддӣ объекти олами моддӣ мебошад. Моликият ҳамчун ашёи ғайримоддӣ: 1) дорои арзиш, яъне ифодаи пулӣ мебошад; 2) аз ибтидо асоси табиӣ дорад ё натиҷаи фаъолияти инсон аст; 3) қобилияти табдил ба объектҳои моддӣ дар натиҷаи фаъолияти инсон дорад; 4) метавонад предмети муносибатҳои ҳуқуқӣ бошад [2-М].

3. Дар натиҷаи омӯзиши аломатҳои тарафи объективии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

а) диспозитсияи амалкунандаи м. 253 КҶ ҶТ мукаммал нест. Меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ пешбинӣ менамояд, имконият надорад ё наметавонад як қатор амалҳои ҷиноятиро бинобар зикри он дар диспозитсияи м. 253 КҶ ҶТ, ки зиён танҳо ба молик ё дигар соҳиби молумулк расидааст, дар бар гирад.

б) Хусусияти фиреб дар меъёри баррасишаванда дар он аст, ки ҷабрдида наметавонад маълумотеро, ки ӯро гумроҳ мекунад, қабул накунад ва ин

наметавонад ба содир кардани амалҳои ҷинояткоронаи гунаҳкор барои гирифтани фоидаи молумулкӣ монеъ гардад. Ин вақте рух медиҳад, ки шахси сеюме бошад ва амалҳои фиребона нисбат ба ӯ равона карда шавад.

